ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот

MINISTRY OF CULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
Research Institute of Culture and Information

ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

NATIONAL INVENTORY LIST OF INTANGIBLE CULTURAL HERITAGE

Зери назари *Шариф Комилзода*
Мураттиб *Дилшод Раҳимӣ*

Under supervision of Sharif Komilzoda
Editor-in-Chief Dilshod Rahimi

Душанбе: «Аржанг»
2018

ПЕШГУФТОР

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои мутамаддини ҷаҳон буда, дорои фарҳанги пурғановати моддию ғайримоддӣ мебошад. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳаҳои илму фарҳанг, маориф, санъат, муассисаҳои давлатию ғайридавлатии кишвар шароиту имкониятҳои ҳамҷониба ба вуҷуд овард, то ки дар муаррифии илму фарҳанг ва адаби миллати тоҷик корҳои беназир сурат бигиранд.

Соли 2003 Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба Ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ қабул шуд ва то ба имрӯз мамлакатҳои зиёде, аз ҷумла Тоҷикистон (с. 2010) шомили он гашта, тибқи дастури ин Конвенсия (Қисми 3, моддаи 12) феҳристҳои миллии кишварҳои худро тартибу таҳия кардаанд. Яке аз талаботи номинатсияҳои ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО пеш аз ҳама мавҷуд будани феҳристи миллӣ ва сабт будани унсури матлуби фарҳангӣ дар он мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи аввалини “Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик” соли 2013 тартиб дода шуд, ки он 48 унсурро дар бар мегирифт. Яке аз шартҳои феҳристсозӣ, мутобиқи Конвенсияи мазкур, дар ин аст, ки феҳрист бояд мунтазам таҷдид шавад. Соли 2014 нусхаи нисбатан васеътари он аз ҷониби фарҳангшиносон, мардумшиносон ва дигар мутахассисони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот (ПИТФИ) тартиб дода шуд. Он фарогири 286 унсури фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик буда, сохтори феҳристи такмилёфта низ аз феҳристи нахустин фарқ мекард. Пас аз ду сол (2016) “Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ” боз танзиму такмил шуд, ки аз 515 унсури фарҳанги маънавии тоҷик иборат буд.

Инак ду сол сипарӣ гашту нусхаи такмилёфтаи Феҳрист омода шуд. Дар он баъзе тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд, унсурҳое, ки мазмунан як буда, бо ду ном сабт гашта буданд, пас аз таҳқиқот аз Феҳрист хориҷ гаштанд. Инчунин баъзе унсурҳое, ки дигар фаъол нестанд, низ аз Феҳрист берун карда шуданд. Ба ҷойи онҳо унсурҳои тозаи ба қайд гирифташуда вориди Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик шуданд. Такмил дар асоси маводи инвентаризатсионии ҳангоми экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносии кормандони ПИТФИ гирдоваришуда сурат гирифтааст. Дар мукаммал намудани он мутахассисон аз ПИТФИ, Академияи илмҳо ва муассисаҳои дигари фарҳангӣ ширкат намуда, он аввал дар маҷлиси гурӯҳи корӣ, сипас дар ҷаласаи Шӯрои илмии Пажӯҳишгоҳи мазкур бо иштироки олимон, аҳли фарҳанг, намояндаҳои касбу ҳунарҳои гуногун баррасӣ гашта, баъзе эроду пешниҳодҳо ба назар гирифта шудаанд.

Феҳристи такмилёфтаи мероси фарҳангии ғайримоддӣ аз бахшҳои зерин иборат мебошад:

Бахши 1. Анъанаи шифоҳӣ – А000 (29 унсур) .
Бахши 2. Ҳунарҳои иҷроӣ – В000 (103 унсур) .
Бахши 3. Ҷашну маросимҳо – С000 (47 унсур).

Бахши 4. Расму одатҳо, таҷрибаҳои иҷтимоӣ – D000 (20 унсур).
Бахши 5. Касбу ҳунарҳои мардумӣ – E000 (105 унсур).
Бахши 6. Хӯрокҳои миллӣ – F000 (147 унсур).
Бахши 7. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона – G000 (82 унсур).

Ҳар як намунаи фарҳанги ғайримоддӣ дар Феҳрист мувофиқи бахшҳояш рақамгузорӣ шудааст, чунончи, шумораи афсона “A001” мебошад. Дар идома номи унсур (бо муродифҳояш) зикр шуда, тавсифи мухтасари унсур оварда мешавад. Баъд аз он соли ба Феҳрист ворид шудани унсур қайд гардидааст. Сипас маҳалли густариш, дар кадом ноҳияву вилоят ва шаҳрҳо маъмул будани унсури матлуб зикр ёфтаанд. Дар сутуни панҷуми Феҳрист вазъи имрӯзаи унсури фарҳангӣ, ки он дар кадом ҳолат қарор дорад: фаъол, нимфаъол, дар ҳолати азбайнравӣ ва ғайра ишора шудааст. Ниҳоят дар сутуни ҳафтум манобеи чопии марбут ба унсур ишора оварда мешавад. Шарҳи мухтасари унсурҳо, ки дар сутуни севум дарҷ гардидаанд, дар асоси маълумоти аз экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносӣ гирдоваришуда таълиф гаштаанд. Инчунин мураттибон дар шарҳи баъзе унсурҳо аз асарҳои фолклоршиносию этнографӣ ва аз донишномаҳое чун “Энсиклопедияи миллии тоҷик” (ҷ.1, 2, 3), “Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик” (ҷ.1,2), “Энсиклопедияи адабиёт ва санъат” (дар се ҷилд) ва монанди инҳо бахрабардорӣ кардаанд. Феҳрист дар ҳамин шакл **533** номгӯйи намунаҳои фарҳанги ғайримоддиро аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Маводи бахшҳо аз ҷониби мутахассисони зерин гирдоварӣ ва таҳия шудаанд: бахши “Анъанаи шифоҳӣ” – Раҳимӣ Д., “Ҳунарҳои иҷроӣ”– Қличева Н., Зубайдов А. Обидпур Ҷ., “Ҷашну маросимҳо” – Аминов А., Холмуродов З., “Расму одатҳо, таҷрибаҳои иҷтимоӣ” – Раҳимӣ Д., “Касбу ҳунарҳо” – Холмуродов З., Носирова Л., Муродов М., Раҳимӣ Д.,“Хӯрокҳои миллӣ” – Бердиева Ш., Раҳимӣ Д., Ниёзова М., Каримова Г., Раҳимӣ Д. ва “Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона” – Раҳимӣ Д.

Бояд гуфт, ки ҳанӯз ҳам унсурҳои зиёди фарҳанги маънавии халқи тоҷик пурра ва ё ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд. Умедворем, ки дар раванди такмилу таҷдид дар оянда шумораи бештари намунаҳои фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба Феҳристи миллӣ роҳ меёбанд.

Феҳристи такмилёфта барои ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ дар ҳудуди кишвар, инвентаризатсияи унсурҳо, таҳқиқоти илмӣ, таҳияи номинатсияҳо ҷиҳати пешниҳод кардан ба рӯйхатҳои ЮНЕСКО, таблиғ ва густариши намунаҳои фарҳангӣ ва ба таҳкими ҳувияти миллӣ мусоидат хоҳад кард.

ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ
Бахши 1. – Анъанаи шифоҳӣ (А000)

№ Р/Т	Номи унсур ва истилоҳоти дигар	Тавсифи мухтасар	Соли сабт дар феҳрист	Маҳалли густариш	Вазъи имрӯзаи унсур	Адабиёт
А001	АФСОНА, *қисса, шӯг*	Жанри ҳамосавии фолклори тоҷик. Як навъ ҳикояҳои насри шифоҳӣ, ки мазмунҳои рамзию тамсилӣ, сеҳромезӣ ва саргузаштию маишӣ доранд ва бунёди сужети онҳоро ҳодисаҳои бофтаю хаёлӣ ва тасвирҳои фантастикию ғайримуқаррарӣ ташкил медиҳанд. Афсона навъҳои тамсилӣ, сеҳромез ва маишӣ-иҷтимоӣ дорад.	2013	Саросари кишвар	Фаъол	1. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. – Д., 1963. 2. Раҳмонӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ. – Д., 1999. 3. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
А002	АЛЛА, *лалайик*	Суруди навозишӣ, ки ҳангоми хобонидани тифл аз тарафи модар, модаркалон ва ё ягон шахси наздик хонда мешавад. Мазмуни сурудҳои алла аз орзуву омоли модар, тавсиф ва меҳрубонии тифл иборат мебошад.	2013	Саросари кишвар	Фаъол	1. Алла, ҷонам, аллаё / маҷмӯаи фолклорӣ / мураттибон Б. Шермуҳаммадиён, Д.Обидзода. – Д., 1993.
А003	АШӮЛА, *тарона*	Жанри хурди манзуми фолклори тоҷик. Он аз чор мисраъи кӯтоҳ таркиб ёфта, асосан дар вазни ҳиҷоӣ эҷод карда мешавад. Мисраъҳои ашӯла назар ба байту рубоӣ хеле кӯтоҳанд. Ашӯла истилоҳи халқист ва гӯяндаи онро “ашӯлачӣ” меноманд. Дар илми фолклоршиносӣ ба ҷойи “ашӯла” истилоҳи “тарона” корбурд дорад.	2014	Вилояти Суғд	Нимфаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д., 1968. 2. Асрорӣ В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Д., 1980.

А004	БАЙТ	Навъи хурди лирикӣ, ду мисраъи манзум, ки аз ҷиҳати мазмун ва шакл ба ҳам алоқаманд аст. Баъзан мардум зери мафҳуми “байт” умуман, шеър ё сурудро дар назар доранд. Дар байни мардум байтҳои сершуморе мавҷуданд, баъзеи онҳо аз жанрҳои рубоиву дубайтӣ ва ғазалҳо канда шудаанд ва баъзеи дигарашон мустақилона эҷод шудаанд.	2014	Вилоятҳои Суғд ва Хатлон	Фаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷик. – Д., 1968. 2. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. – Д., 1990.
А005	БУЛБУЛИК	Булбулик яке аз навъҳои лирикаи мардумии хоси сокинони Бадахшон (ба забони вахонӣ) мебошад. Он аз се мисраъ иборат буда, баробарвазнии мисраъҳо на дар ҳамаи матнҳо риоя мешавад. Мисраъҳо, асосан, аз шаш ё ҳафт ҳиҷо таркиб меёбанд. Қофиябандиаш ба тарзи А, Б, А аст.	2014	Водии Вахони н. Ишкошим	Фаъол	1. Стеблин-Каменский И. М. Фольклор Вахана // Фолклор и этнография. – Л., 1970. 2. Пахалина Т.Н. Образцы ваханской народной поэзии // Проблемы восточного стихосложения. – М., 1973.
А006	ГӮРҒУЛӢ, *Гӯрӯғлӣ*	Эпоси анъанавии халқи тоҷик. Инчунин дигар версияхои он дар байни мардумони Осиёи Марказӣ, Қафқоз, Шарқи Наздик асрҳои зиёд маъмул ва машҳур мебошад. Нусхаи тоҷикии он дар шакли назм (вазни омехта) мавҷуд буда, бо думбра иҷро мешавад. Дар варианти тоҷикӣ бар хилофи версияҳои туркӣ қаҳрамони асосӣ Аваз аст, на Гӯрғулӣ. Мазмуну ғояи эпосро ҳимояи ватан аз ғосибон, дастгирӣ ва ҳимояти синфи меҳнаткаш, ободсозии шаҳру кишвар, муборизаи некӣ ва бадӣ ташкил медиҳад.	2013	Вилояти Хатлон, водии Рашт	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад.	1. Гуругли. Таджикский народный эпос. Предисл. и перевод И. – С. Брагинского. – М., 1987. 2. Раҳимов Д. Чанд сухан оид ба ҳамосаи қаҳрамонии “Гӯрғулӣ” // Осор: маҷмӯаи илмии ПИТФИ / мураттиб Ш. Комилзода. – Д., 2016. – Ҷ. 3. – С.359-

						425.
A007	ДАРГИЛИК	Навъе аз назми лирикии фолклори Бадахшон. Онро ба маънии «пазмонӣ» чун суруди махсуси модарон ва ошиқон низ маънидод мекунанд. Даргиликҳо бештар дар байни ҷавонон маъмул буда, мазмунҳои ишқӣ-романтикӣ доранд.	2014	Шуғнон, Рӯшон	Фаъол	1. Даргилик / мураттибон: Н. Шакармамадов, Х. Қурбонов. – Д., 1987. 2. Шакармамадов Н. Даргилик – жанри махсуси фолклор. – Д., 1993.
A008	РУБОӢ, *дубайтӣ*	Яке аз машҳуртарин ва қадимтарин жанрҳои хурди лирикии фолклори тоҷик ба шумор меравад. Дубайтӣ бо рубоӣ умумияти зиёд дошта, танҳо аз нигоҳи вазн фарқ мекунад. Инчунин навъҳои себайтӣ ва чорбайтиро низ фолклоршиносон ба қайд гирифтаанд. Рубоиро бо оҳанг ва бидуни оҳанг мехонанд.	2013	Саросари кишвар	Фаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷик. – Д., 1968. 2. Амонов Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ. – Д., 1987. 3. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
A009	ДУО	Як навъи адабиёти шифоҳӣ, ки дар шаклҳои ҳам манзум ва мансур баён мегардад ва аз лиҳози мақсаду муроди гӯянда ва контекст навъҳои гуногун дорад. Дуоҳо вобаста ба ҳадафу мазмун ва мавриди гӯиш намудҳои зиёд доранд: дуои фотиҳа ё кушоиши кор, дуои сари дастурхон, дуои сафар, дуои хоси маросимҳо, дуои хатми Қуръон, дуои пас аз намоз, дуои муборакбодӣ, дуои хайр ба арвоҳ, дуои табо-	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Хусусиятҳои бадеии дуоҳои тоҷикӣ // Чинори пургул. – Д., 2008. 2. Раҳимӣ Д. Шугун ва боварҳои мардуми тоҷик. – Д., 2004. 3. Қаҳҳор Р. Дуо гунаи фолклорӣ аст //

		батӣ, дуои пеш аз хоб, нӯшбод ва ғ.				Мардумгиёҳ, 1995-1996, №1-2.
А010	ЁДДОШТ, *хотира, нақл*	Жанри бадеии шифоҳӣ, ки дар асоси ҳодисаҳои мушаххаси ҳаёти воқеӣ эҷод мешаванд. Гӯянда ва ё ровӣ, асосан, дар бораи воқеаҳо ва рӯйдодҳое нақл мекунад, ки ӯ онҳоро бо чашми худ дидааст ва ё аз шахси наздик шунидааст. Масалан, хотираҳо дар бораи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, колхозу совхозҳо, ҳаёти даврони шӯравӣ, низоъҳои шаҳрвандӣ ва ғайра.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2. Раҳмонӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ. – Д., 1999.
А011	ЗАРБУЛМАСАЛ, *матал, масал, мақол*	Зарбулмасал матни муҷази аз нигоҳи семантикию грамматикӣ устувор мебошад, ки дар он бо образҳои равшан афкори умум, ҳикмат ва таҷрибаҳои чандинасраи мардум хулоса шудаанд. Мардум дар гуфтори худ кӯшиш менамоянд, ки дар мавридҳои муайян, барои тасдиқи фикру суханони хеш ва инчунин барои ороиши гуфтори худ зарбулмасалҳоро баён кунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок. – Д., 1967. 2. Асрорӣ В., Амонов Р., Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Д., 1980.
А012	ҚАСАМ, *савганд*	Қасам матни шифоҳиест, ки гӯянда бо талаффузи он дуруст будани ақидаеро, ё худ гунаҳкор набудани худро собит месозад. Дар мундаричаи қасамҳо мазмунҳои асотирӣ, эътиқодӣ, маишӣ ва бадеӣ инъикос ёфтаанд. Қасамро бо ёд кардани арзишҳои динӣ-маънавӣ, иҷтимоӣ ва моддӣ талаффуз меку-	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Қасам ва нафрин дар забони тоҷикӣ // Номаи Пажӯҳишгоҳ. 2005, №7. – С. 195-199. 2. Раҳимӣ Д. Шугун ва боварҳои мардуми тоҷик. – Д., 2004.

		нанд.				
А013	ҚИССА	Қисса яке аз навъҳои насри шифоҳии фолклори тоҷик мебошад, ки дар адабиёти хаттӣ низ мавқеъ дорад. Дар мундариҷаи он силсилаи ҳодисаҳои бофтаву таърихӣ ва саргузашту корнамоиҳои шахсони муътабари динию мазҳабӣ ва қаҳрамонҳои ормонии мардум тасвир мегарданд. Дар байни мардуми тоҷик қиссаҳо аз рӯзгори паёмбарон, оид ба корнамоиҳои Амир Ҳамза, ҳазрати Алӣ, авлиёву малоик ва ғайра ҳикоят карда мешаванд, ки асосан аз адабиёти динии китобӣ маншаъ гирифтаанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳмонӣ Р., Қисса, қиссагӯӣ ва қисса-хонӣ. – Хуҷанд, 2008. – С.193-212. 2. Шарифов Х., Қисса // ЭСТ. –Ҷ. 8. – С.303. 3. Раҳимов Д. Фолк-лори тоҷик. – Д., 2009.
А014	ЛАТИФА, *нақли Афандӣ, аникдот*	Яке маъмултарин жанрҳои насри шифоҳии тоҷик аст, ки мазмуни ҳаҷвӣ ва моҳияти танқидӣ дорад. Латифаҳо бо мақсади саргармӣ, фароғат ва хушҳол кардани мардум гуфта мешаванд. Дар мазмуни аксари латифаҳо камбудиҳои фардию ҷамъиятӣ танқид ва фош карда мешаванд. Қаҳрамони асосии латифаҳои тоҷикӣ Афандӣ ва Мушфиқӣ мебошанд.	2013	Саросари кишвар	Фаъол	1. Маҳдиев С. Про-блемаи жанри латифа. – Д., 1977. 2. Куллиёти фолклори тоҷик (Латифаҳо) // мураттибон Ҷ.Рабиев, Д.Обидов, И. Левин. – Д., 2007. – Ҷ. 2. 3. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. – Д., 1990.

А015	МАЙДА, *майдо,* *”ҳӯп-ҳӯп”*	“Майда” суруди меҳнатиест, ки дар вақти галагов, кӯфтани гандуми даравида аз ҷониби хирманкӯб суруда мешавад. Сурудҳои «Майда» матни муайян надоранд. Он тавассути нақарот аз жанрҳои гуногуни назми шифоҳӣ таркиб меёбад.	2014	Хатлон, водиҳои Зарафшон ва Рашт	Таҳти хатари азбайнравӣ қарор дорад.	1. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. – Д., 1963. 2.Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Д., 2007.
А016	МАРСИЯ, *нола, сугворӣ*	Як навъи сурудҳои халқӣ, ки мазмуни ғамангез ва ҳузновар дошта, бахшида ба фавти шахси наздик, ҷудоӣ аз ёру диёр ва ғурбат эҷод мешавад. Дар аксари марсияҳо ҳодисаҳои воқеӣ, муносибатҳои одамон ва факту рақамҳо бозтоб шуда, онҳо аҳамияту арзиши таърихӣ доранд.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Умарова Ш. Нигоҳе ба сурудҳои таърихии тоҷикон // Масъалаҳои фолклори кишварҳои форсизабон – Д., 1998. – С.143-155.
А017	МУАММО, *масъала, чистон*	Муаммо чунин асари насрии фолклори тоҷик мебошад, ки ба суолу ҷавоб асос ёфтааст. Дар фолклори тоҷик матнҳои зиёде мавҷуданд, ки дар мундариҷаашон масъалае баён мегардад ва аз шунаванда посухи он масъала талаб карда мешавад. Он ба жанри чистон монанд мебошад.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2. Сӯфиев А. Чистонҳои халқи тоҷик. – Д., 1972.
А018	МАСАЛ *ҳикояти тамсилӣ*	Масал як навъ ҳикояи хурдест, ки мазмуни ахлоқию пандомезӣ ва тасвирҳои рамзноку тамсилӣ дорад. Масалҳо метавонанд мустақил бошанд ва ё дар дохили асари ҳамосавии дигаре дар шакли назм ё наср ҷой гиранд. Дар масалҳо ҷонварон ва ашё ба сифати персонаж фаъолият мекунанд ва баъзеи онҳо ба афсонаҳо дар бораи ҳайвонот монанд мебошанд.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2.Левин И.Г. Басни и сказки о животных (Введение) // Свод Таджикского фольклора. Том 1. – Д., 2007. – С. 9-75.

А019	ПАНД, *насиҳат, андарз*	Он матнҳое, ки характери ахлоқию тарбиявӣ дошта, дар ҳаҷми як-ду ҷумла баён мешаванд. Дар байни мардум ин гуна матнҳоро бо калимаҳои *насиҳат, панд* ва як қисмашонро бо таъбири *кори савоб* ифода мекунанд. Мундариҷаи пандҳо аз талқин кардани ин ё он кори нек ва ё накӯҳиш кардани рафтори бад иборат мебошад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2. Раҳмонӣ Р. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик. – Д., 2008.
А020	РИВОЯТ, *нақл*	Ривоят як навъ ҳикояи адабиёти шифоҳӣ буда, дар бораи ин ё он ҳодиса, номи маҳал ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ, шахсони таърихию асотирӣ ва пайдоиши ашёву растаниҳо ва ҷонварон маълумот медиҳад. Нишонаи асосии ривоятҳо хусусияти иттилоотии онҳост, ки гӯянда ва қисман шунавандагон ба ҳақиқат будани ин маълумот бовар доранд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Обидов Д. Андешаҳо перомуни ривоятҳои тоҷикӣ // Фолклор, адабиёт, забон. – Д., 2004. 2. Раҳимов Д. Ривоят ҳамчун жанри насри шифоҳӣ // Чинори пургул. – Д., 2008.
А021	САЛОМ-НОМА	“Саломнома” як навъ суруди анъанавии ҷашну тӯйҳои арӯсии тоҷикон, ки ба муносибати қадам ниҳодани арӯс ба хонаи домод аз тарафи наздикони арӯс хонда мешавад. Онро яккахон иҷро мекунад ва дигар занҳо баробар "салом мегӯем” гуфта, нақароташро такрор мекунанд.	2014	Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросимии тӯи тоҷикон. – Д., 1978. 2 Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2001.
А022	СЕБАЙТА, *себайтӣ*	Себайта як навъи назми шифоҳӣ дар фолклори тоҷик мебошад, ки аз се байт иборат буда, дар мавзӯъҳои ишқию лирикӣ ва иҷтимоӣ эҷод шудааст. Бисёр себайтаҳо дар асоси рубоиву дубайтиҳо эҷод шудаанд ва аз нигоҳи мазмуну мундариҷа бо онҳо муштарак мебошанд.	2014	Хатлон, водии Ҳисор	Камфаъол	1. Раҳматов Ҳ. Себайтаҳо дар назми халқии тоҷик // Фолклори тоҷик (Маҷм. мақолаҳо). – Д., 1973. 2. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д., 1968. 3. Раҳимов Д. Фолк-

						лори тоҷик. – Д., 2009.
А023	СУРУД, *ашула, ҳофизӣ, шеър, кӯчабоғӣ*	Суруд чунин жанри маъмули фолклори тоҷик мебошад, ки аз матнҳои манзуми гуногуннавъ иборат буда, бо оҳанг сароида мешавад. Яъне матнҳои он сохтору шакли ягона надоранд, онҳо аз дигар жанрҳои манзум ба мисли рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, ғазал, анвои мусамматҳо (мусаллас, мураббаъ, мухаммас), таркиббанду тарҷеъбанд, қитъа ва ғайра таркиб меёбанд.	2013	Саросари кишвар	Фаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д.,1968. 2. Асрорӣ В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Д., 1980. 3. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
А024	ТЕЗГӮЯК	Тезгӯяк як навъ жанри хурди фолклори тоҷик аст, ки асосан аз як ҷумла иборат буда, овозҳои таркиби калимаҳои он ба ҳамдигар монанд ва қисман ҳаммахраҷ мебошанд, ки ба шахси талаффузкунанда мушкилӣ меорад. Тезгӯякҳо нутқи атфолро буррову равон карда, қувваи зеҳн ва хотираро қавӣ месозанд.		Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
А025	УСТУРА, *қисса, миф*	Як навъи ҳикояест дар бораи офариниши оламу одам, худоёну фариштагон, нахустқаҳрамонҳо, қувваҳо ва ҳодисаҳои табиат ва пайдоиши ин ё он ҷонвару гиёҳ, ҷирмҳои осмониву ашёи заминӣ ва ғ. Дар фолклори тоҷик бисёр устураҳо ба қиссаву афсонаҳо, ривоятҳо ва ҳикояҳои асотирӣ табдил ёфтаанд. Махсусан, афсонаҳои сехромезро як навъ идомаи асотири бостон шуморидан мумкин аст, ки дар мундариҷаи онҳо персонажу намодҳое чун *аждаҳо,*	2014	Саросари кишвар	Камфаъол	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2. Раҳмонӣ Р. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик. – Д., 2008.

		парӣ, дев, ҷин, алмастӣ, ғул, шайтон ва амсоли инҳо фаъолият мекунанд.				
А026	ЧИСТОН	Чистон жанри хурди фолклори тоҷик буда, дар он номи ягон ашё, гиёҳ, ҷонвар, аъзои бадани инсон, ҷисму маъданҳо, ҳодисаҳои табиат ва ҷирмҳои осмонӣ ва ғ. бо маҷозу киноя пинҳон карда мешавад ва гӯянда аз шунаванда чӣ будани он мафҳуми ниҳонро мепурсад. Матни чистон аз савол ва ҷавоб иборат аст. Чистонҳои халқӣ чанд намуд доранд: чистонҳои манзум, насрӣ, риёзӣ, чистон-афсона ва чистон-булбулон ва ҳар як навъ хусусият ва нозукиҳои худро дорад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Сӯфиев А. Чистонҳои халқии тоҷикӣ. – Д., 1972. 2. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. – Д., 1990. 3. Асрорӣ В., Амонов Р., Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Д., 1980.
А027	ШОИРӢ	Навъе аз сурудҳо, ки аслан, аз ҷониби ҳофизони ширинкор ва дорои табъи баланди шеър-фаҳм бадоҳатан сароида мешаванд. Онҳое, ки дар гуфтани ин навъи шеър-суруд истеъдоди комил доранд, онҳоро «шоиригар» мегӯянд.	2014	Бадахшон	Нимфаъол	1. Шакармамадов Н. Назми халқии Бадахшон. – Д., 1975. 2. Сурудҳои тӯии Помир / мураттиб Н. Шакармамадов. – Хоруғ, 1993.

А028	АСКИЯ	Яке аз навъҳои камтаҳқиқи фолклори тоҷик буда, дар шакли муколамаҳои мутоибаомез баён мешавад. Дар аскиягӯйӣ гӯяндагон матлабро бо ҳазлу шухиҳои ширину намакин ва суханони нозуку латиф ифода менамоянд. Онро дар вақтҳои фориғ будан аз корҳо, дар тӯю маъракаҳо, маҳфилҳо, ҷамъомадҳо, зери чанори бозорҳо ва дар чойхонаҳо бо мақсади дилхушӣ таъмини фароғату истироҳати одамон ташкил мекунанд.	2014	Вилояти Суғд, Шаҳринав	Нимфаъол	1. Маҳдиев С., Аския // Садои Шарқ, 1968, №7. 2. Раҳмонӣ Р. Аския // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Д., 2011. – Ҷ.1. – С.598-599.
А029	БАЗЛА	Базла як навъи баёни марғуби дилкашест, ки дар вақти сӯҳбат, бадоҳатан дар посух ба сухане гуфта мешавад. Базла аз латифаҳои халқӣ бо бадеҳагӯйӣ ва ҳаҷми кӯтоҳи худ фарқ мекунад. Базлагӯйӣ бештар дар маҳфилу анҷуманҳо, мусоҳибаи аҳли адаб ва инчунин дар байни мардуми хушсухану закӣ барпо мегардад. Унсури танқид дар базлаҳо камтар мавқеъ дорад. Хонанда ва ё шунаванда аз содалавҳӣ ё ҷавоби нишонраси қаҳрамони базла ба завқ меояду механдад.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Базла // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Д., 2012. – Ҷ. 2. – С. 48.

ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

Бахши 2. – Санъати иҷроӣ (B000)

№	Номи унсур ва истилоҳоти дигар	Тавсифи мухтасар	Соли сабт дар фехрист	Маҳалли густариш	Вазъи имрӯзаи унсур	Адабиёт

B001	АРҒУШТИ ЗАНАКӢ, *бозӣ ба муқоми занакӣ*	Арғишти занакӣ – рақси мазҳакаомез мебошад, ки дар байни мардҳо паҳн гардидааст. Марди раққос либоси занона (курта, пойчома) пӯшида, сарашро бо латтаи калон ё руймол пӯшонда, бо як нӯги рӯймол қисман рӯяшро мепушонад. Ӯ ҳаракатҳои рақси занонаро шӯхиомез тақлид намуда, дар рафти рақс ноз мекунад, ба баъзе мардҳо меҳрубонона менигарад, чашмак мезанад.	2014	Кӯлоб	Нимфаъол	1.Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.143-144. 2.Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.11.
B002	АРҒУШТИ МАРДАКИН, *мардинабозӣ*	«Арғишти мардакин» рақси шӯхиомез, ки онро занҳо дар муҳит ва маъракаи занона иҷро мекунанд. Раққоса ҷома мепӯшад, салла мебандад, ҳаракатҳои рақси мардонаро тақлид мекунад: қадамҳои калон-калон мегузорад, ҳаракатҳои тез ва ҷасуронаро, ки ба рақси мардона хос аст, иҷро мекунад. Ин рақс зери оҳанги мазҳакаомез ё бо садои доира иҷро мегардад.	2014	Кӯлоб	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.144. 2.Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.11.
B003	АРҒУШТИ МАСХАРА-БОЗӢ, *рақси тақлидӣ*	Арғишти масхарабозӣ – як навъ рақси мазҳакаомез мебошад, ки онро ҳам мардон ва ҳам занон иҷро мекунанд. Иҷрокунандаи рақс нуқсони ҷисмонии баъзе одамон: танбалӣ, фарбеҳӣ, лангидан ва ғайрарро мазҳакаомез танқид мекунад. Баъзе иштироккунандагон ҷомаи кӯҳна мепӯшанд, дар сарашон салларо ба тарзи хандаовар мебанданд, ба рӯяшон сиёҳии дег ё ранг мемоланд.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.144.

B004	АРҒУШТИ ОШПАЗӢ	Арғишти ошпазӣ рақси занона аст, ки дар тарзи таҳия ва пухтани оши бурида таҷассум меёбад. Иҷрокунанда бо куртаи дароз, дар сараш рӯймоли васеъ партофта, нисфи поёни рухсорашро бо рӯймоли дигар пинҳон медорад. Тахтачӯб, тираки ошбурӣ, латта, дегро ба тарзи шартӣ тасвир мекунад. Мардҳо низ баъзан ин рақсро бо тариқи ҳаҷв иҷро мекунанд.	2014	Кулоб, Водии Рашт	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.106.
B005	АСПАКБОЗӢ, *аспаксаворӣ*	Аспакбозӣ як навъ рақси мазҳакавии мардонаи тоҷикӣ мебошад, ки сюжети онро тасвири хусусияти аспсаворӣ ва бозии асп ташкил медиҳад. Дар рақси аспакбозӣ як нафар мард, ду нафар – марду зан ё гурӯҳи раққосон иштирок мекунанд. Аз чӯб каллаи аспро тарошида, ба он гӯш, чашм месозанд, ёлу дум мечаспонанд. Ин бозиро дар ҷашни Наврӯз, тӯйҳо ва маъракаҳои хурсандӣ иҷро менамуданд.	2014	Водии Ҳисор, Бадахшон, вил. Суғд	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.84-98. 2. Қиличева Н. Аспакбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С.69-71.
B006	БОБОПИРАК, *«Пирак», «Пирабозай», «Пиракбозӣ»*	Намоиши «Бобопирак» аз суруду рақс ё худ драмаи халқии мусиқӣ иборат мебошад. Дар он ду марди ҳаваскор ва чанд доирадастон ва нақаротчиён иштирок мекунанд. Аз ду мард яке нақши Бобопирак ва дигаре роли занро мебозанд. Онҳо бонавбат рубоӣ хонда, ҳар дафъа баъди анҷоми он хиромон ба рақс медароянд, саҳнаро як давр зада, ҷои худро иваз мекунанд.	2014	Бадахшон, Кӯлоб	Нимфаъол	1. Кароматов Ф., Нурджанов Н. Музыкальное искусство Памира. – М., 1986. – Т.2 – С.157-159.
B007	БОЗИИ	«Бозии калон» яке аз рақсҳои идона мебошад, ки таҳти навои доира иҷро карда мешавад. Зарбҳои идонаи доира тантанавор аз суръати	2014	Вилояти Суғд	Фаъол	1. Клычева Н., Казакова З. История хореографического

	КАЛОН	миёна ба тунд навохта мешаванд. Рақси «Бозии калон» дар идҳо, тую маъракаҳои оилавӣ ва идҳои халқӣ аз тарафи мард ва зан ичро мегардад.				искусства Таджикистана. – Д., 2014. – С.223.
В008	БОҒБОН, *духтари боғбон*	«Боғбон» - арғушти яккаи мардона ва «Духтари боғбон»- рақси яккаи занона буда, таҳти навои доира ичро мешавад. Мазмуни ин рақс ҷараёни меҳнати боғбонро дар ҷамъ намудани ҳосил нишон медиҳад.	2014	Вилояти Суғд, Кӯлоб	Нимфаъол	1. Қличева Н. Савту навои Андалеб // Фарҳанг ва ҳунар – Д.. - 2008. - № 3. - С. 17-18.
В009	ГУЛБУТА *Гулбегимҷон*	Гулбута - суруди рақсӣ мебошад. Раққосон ва мутрибон онро дар авҷи тафсидани рақсҳо ичро менамуданд. Ҳофиз ва навозанда як чорбайтро ичро мекунанд, дигарашро раққос рақс карда месарояд. Ҳамин ки ӯ як байтро ба итмом расонид, ҳофизон нақароти ӯро такрор мекунанд, раққос бошад ба рақсидан шуруъ менамояд. Баъди сароидани се-чор байт раққосаҳо баробар «Ҳой баракалло, каҷкуло» гӯён қарсак мезананд.	2014	Ванҷ, Язгулом, Рӯшон	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.154.
В010	ДАШНОБОДӢ	Рақси «Дашнободӣ» - рақси қадимаи тоҷикон, ки таҳти навои доира бо ритми мусиқии 6/8 ичро мешавад. Ин рақсро ҳам занҳо ва ҳам мардон ичро мекунанд. Ҳаракатҳои дастҳо, зарби пойҳо, ҳаракатҳои пайкар, чарҳҳои гуногун аз хусусиятҳои ин рақс мебошанд. Рақс дар тӯю маъракаҳои мардумӣ ва ҷашнҳо ичро мешавад.	2014	Водии Ҳисор	Фаъол	1. Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.30. 2. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.72.

В011	ДИЛАК	Ин рақс таҳти суруди «Дилак» иҷро мегардад. Дар аввал ду-се доирадаст нақаротро баланд месароянд. Сипас яккахон рубоие сароида, баъд нақаротхонҳо ҷӯр шуда, онро месароянд. Рақси мазкур дорои унсурҳои бадеҳа мебошад.	2014	Бадахшон	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.153-154. 2. Клычева Н. Танцевальное искусство Памира // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016.– С. 54-118
В012	ДОРБОЗӢ	Навъи санъати анъанавӣ, ки дар болои ресмони аз ду тараф дар сутунҳо басташуда иҷро мешавад. Дастаи дорбозон аз 2-3 нафар дорбоз, 3-4 навозанда, 2 масхарабоз иборат буда, дар иду ҷашнҳои халқӣ, тӯйи арӯсӣ ва хатнасурҳо бо барномаҳои рангин ҳунарнамоӣ мекунанд.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.19. 2. Раҳимов Д. Дорбозӣ // Илм ва ҳаёт. – 2014. – №6. – С.15-16.
В013	ЗАНГБОЗӢ	Зангбозӣ асари рақсию мусиқӣ буда, аз силсилаи суруду рақсҳо иборат мебошад. Оҳанги мусиқии ин рақс бо зарбу усулҳои гуногуни шавқовар ва ҷалбкунанда иваз мешаванд. Сурудҳои «Як дона марворид», «Ширинзабонам, мӯрчамиёнам», «Ҳай, нозанин, имрӯз шумо ба сайли гулзор омадед» ва ғайра пайдарпай иҷро мегарданд. Зангулачаҳои биринҷӣ бо ду қатор дар миёнбанд ва тасмаи банди дастон ва пойҳо баста мешаванд.	2014	Панҷакент, Шаҳринав, Турсунзода	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.182-200. .

B014	ЙИРМОН-БОЗӢ, *юрмонбозӣ*	Йирмонбозӣ - рақси мардонаи яккаса ё дукаса мебошад. Дар рақс хислатҳо ва ҳаракатҳои йирмонро тақлид мекунанд. Раққос ду дастро пеши пайкараш нигоҳ дошта, китф меҷумбонад ва каллаву даҳонашро пешу қафо мебарад. Сипас ӯ ба замин мешинад ва ҳаракатҳои ларзиши китфҳо, сар, даҳон, дастҳо иҷро мекунад. Рақс бо мазмуни шӯх бо таҳти навои доира иҷро мегардад.	2014	Ҳисор	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад	1. Культура Гиссарской долины в контексте региональных цивилизаций. – Д., 2015. – С.713-715. 2. Юрмонбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 50-52.
B015	ҚАЙРОҚБОЗӢ	Иҷрокунанда дар ҳар дасташ ду қайроқ (сангҳои сабуки ҳамвору борики дароз) дошта, онҳоро бо зарби мусиқӣ ё доира баробар садо мебарорад. Дар ин рақс се суруд: «Ҳоли орази рухсор», «Ёр, дилбарам шумоед», «Шӯхи дилором» иҷро мешавад. Дар ин рақс иҷрокунанда ҳаракатҳои гуногуни рақси тоҷикӣ: чархзанӣ, «чархи дурӯя», «ҷилваи якрӯя», «шох» ва ғайраро истифода мебарад.	2014	Шаҳринав, Турсунзода	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С. 160-167. 2. Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.10.
B016	КОРДБОЗӢ	Кордбозӣ рақси ҷанговаронаи мардона мебошад. Раққос якто корди тезро ба даст гирифта, ба рақс медарояд ва дар рафти рақс нӯги тези кордро гоҳ ба чашмонаш, гоҳ чаккаҳои рӯяш, гоҳ дар миёнаш ва дигар ҷойҳояш нишона менамуд. Ҳаракатҳо чунон тез ва чаққон иҷро мегарданд, ки гуё корд ба ҷойҳои гуногуни рухсора ва баданашон халида бошанд. Ин рақсро баъзан ду нафар иҷро мекунанд.	2014	Бадахшон Вилояти Суғд	Нимфаъол	1. Кордбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 56-57. 2. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.129.

В017	ҚОЧБАЗАЙ, *рақси шикам*	Қочбазай дар иҷрои ду мард дар нақшҳои «Бибӣ» ва «Бобо» баргузор мешавад. «Бобо» аз латтаҳо шиками калон месозад, миёнашро мебандад. Иҷрокунандаи нақши «Бибӣ» либоси занона - курта, эзор пӯшида, дар сараш рӯймол мепартояд, нисфи поёни рӯяшро бо дока мепӯшонад. Ракс дар асоси ҳаракатҳои раксӣ ва пантомимӣ сохта шуда, хусусияти мазҳакаомез пайдо кардааст ва он таҳти оҳанги «Рапо» иҷро мегардад.	2014	Ноҳияи Рӯшон	Нимфаъол	1. Кароматов Ф., Нурджанов Н. Музыкальное искусство Памира. – М., 1986. – Т.2. – С.37-38. 2. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.148-150.
В018	ҚОШУҚБОЗӢ *рақс бо қошуқ, чеб-базай, чеб раққосӣ*	Иҷрокунанда дар ҳар дасташ ду қошуқи чӯбиро, бо ангуштҳои даст пушт ба пушт гузошта, нигоҳ медорад. Қошуқҳо дар ин ракс на танҳо вазифаи шақшақаи чӯбинро иҷро менамоянд, балки садои зарбу усули муайянро ба вуҷуд меоранд. Раккос, ҳамеша қошуқ зада, таҳти зарби онҳо чарх мегардад, гоҳ хам шуда ҳаракатҳои мавзунро иҷро мекунад, гоҳ дар саҳна, гӯё, худро ороиш медиҳад. Ин раксро инфиродӣ ва гурӯҳӣ иҷро мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.101-106, 142-143. 2. Қошуқбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 44-46.
В019	ДУТОР-НАВОЗӢ, *думбранавозӣ*	Дутор сози мусиқии тории мизробӣ мебошад, ки бо савту навоҳои махсус иҷро мешаванд. Дутори бепардаро думбра меноманд. Бо дутор оҳангҳои классикӣ, лирикӣ ва шӯх иҷро мешаванд. Дуторнавозӣ инчунин бо сурудани ҳар гуна шеърҳо сурат мегирад. Дар ансамблҳои созҳои миллӣ, фолклорӣ-этнографӣ дутор мавқеи назаррас дорад.	2013	Суғд, Хатлон, водиҳои Ҳисору Рашт	Фаъол	1. Қурбонов Қ. Савти дутор. – Д., 1993. 2. Қурбонов Қ. Рози дутор. – Д., 2003.

B020	МУНОҶОТ	Муноҷот – оҳанг ва рақси классикӣ, мисли як қисми ҳамноми «Шашмақом» буда, аз ҷиҳати оҳанг бо он наздик аст. Ин рақс таҳти навои танбӯр ва доира ё ансамбли асбобҳои халқии мусиқӣ бешитоб, хиромон бо ҳаракатҳои дастҳои зебои маҳин иҷро мегардад. Рақси «Муноҷот» аз 3 қисм иборат буда, қисми аввал бо суръати суст, қисми дуюм тез ва қисми сеюм боз суст навохта мешавад. Рақс дар тӯю маъракаҳои оилавӣ, идҳои халқӣ, гаштакҳо, базмҳо аз тарафи занҳо ва мардҳо иҷро мегардад.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.128. 2. Қиличева Н. Муноҷот // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 653-654
B021	«ОҲО, ЯККА»	«Оҳо, якка» – рақси мардона буда, дар тӯю маракаҳо, гаштакҳои мардона иҷро мешавад. Як гурӯҳ раққосон давра сохта, китф ба китф зада, ҷӯр шуда, «оҳо, якка» ё «уҳо, якка» гуфта, баробар қарсак задан мегиранд. Дар ин рақс ягон сози мусиқӣ истифода намешавад, танҳо садои қарсак ва нидоҳои хурсандиомези иштирокчиёну тамошобинҳо шунида мешаванд.	2014	Панҷакент, н. Айнӣ	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.135-136.
B022	ПОЙАМАЛ *чархд-ед*	Пойамал рақси сӯгвориест, ки дар он ғаму андӯҳ, гиряи ниҳонию ноаён нисбати шахси фавтида ифода ёфтааст. Онро ҳам занҳо ва ҳам мардҳо иҷро мекунанд. Пойамалро хешовандони наздики марҳум одатан то бароварданi майит иҷро мекунанд. Раққос бо дастонаш ҳаракатҳои мавзун карда ва бо кафи дастон қарсак зада, давр меравад. Раққосаҳо пойлуч	2014	Рӯшон	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.107-115. 2. Пойамал // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов.

		ва сарлуч, мӯйҳои нобофтаву пароканда, дар либоси мотамии рангаш сиёҳ, сафед ё гулдор, вале ҳатман куртаи кӯҳнаи нисфи болои пешаш дарида иҷро мекунанд.				– Д., 2017. – С. 38-40.
B023	РАВОНА, *ларзон*	Равона – рақси занона буда, дар ҷашни арӯсӣ таҳти доиранавозӣ ва сурудхонӣ иҷро мегардад. Созанда як ҷо истода, дасти росташро баробари китф бардошта, бо дасти чапаш нӯги як банди мӯяшро як тараф дароз карда, онро меларзонад. Раққоса ба зону афтода, аз нӯги панҷаҳо сар карда то китф тамоми пайкарашро меларзонад, ҳаракати «ларзонак» чанд бор такрор меёбад.	2014	Шаҳринав, Турсунзода	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.172-175.
B024	РАҚС БО ДУТОР	Рақс бо дутор дар байни мардон ва ҳам занон паҳн гардидааст. Иҷрокунанда дутор навохта, онро гоҳ дар қафояш, гоҳ дар рӯ ба рӯяш, гоҳ ин сӯ, гоҳ он сӯ дароз намуда, мерақсад.	2014	Кӯлоб	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.135.
B025	РАҚС БО КӮЗА	Рақс бо кӯзаро дар Бадахшон мардон ва дар Рашту Тавилдара занон таҳти зарби доира иҷро мекунанд. Раққоса кӯзаро дар китфаш гузошта, оҳиста-оҳиста рақсро оғоз мекунад. Ӯ кӯзаро гоҳ дар ин ва гоҳ дар он китфаш мегузорад. Кӯзаро ба боло мепартояд, дастонашро ба ду тараф дароз карда банди онҳоро чарх мегардонад, ё ин ки давр мезанаду сипас боз кӯзаро дошта мегирад.	2014	Рӯшон, Шуғнон водиҳои Рашту Ҳисор	Фаъол	1. Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.8. 2. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.141. 3. Рақс бо кӯза // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар

						Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 36-38.
B026	РАҚС БО НАЙ	Рақс бо най таҳти навои доира ва найнавозии худи бозингар иҷро мегардад. Иҷрокунанда бо ду дасташ най навохта истода, бо пойи росташ зарб мезанад, пойи чапашро лағжонда мерақсад. Ӯ пайкарашро гоҳ хам, гоҳ рост, гоҳ ба паҳлӯе мегардонад.	2014	Бадахшон, Хатлон	Фаъол	1.Проценко А.И. Тан-цевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.7. 2. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.135. 3. Найбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 42-44.
B027	РАҚСИ РУЙМОЛ	Рақси «Рӯймол» - рақси занонаи халқӣ мебошад, ки таҳти навои доира, таблак, ё созҳои дигари халқӣ иҷро мегардад. Раққоса бо ҳаракатҳои зебои маҳин ва имову ишораҳо дар як ҷо нишаста, рӯймолро гулдузӣ мекунад. Ниҳоят ӯ рӯймолро духта бо хурсандӣ мерақсад ва ба ягон кас онро туҳфа мекунад.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С. 128. 2. Рақси рӯймол// Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 57.

B028	РАҚС БО ЧИҒАК *рақс бо ғижак*	Рақси ғижакнавоз таҳти навозиши як гурӯҳ мутрибон ва сароидану ғижакнавозии худи бозингар иҷро мегардад. Иҷрокунанда зарбу усули рақсии навозандагонро вайрон накарда, оҳанг менавозад. Ӯ пайкарашро ба пеш хам карда бо эҳсоси баланд месарояд ва менавозад. Сипас ба тарафи тамошобинон рӯ гардонда, ду-се қадам ба пеш монда, чарх меравад ва боз ҳамон ҳаракати авваларо такрор мекунад.	2014	Бадахшон	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.135. 2. Рақс бо ғижак // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 40-42.
B029	РАҚС БО ЧОЙНИК	Ин рақсро ҳам мардҳо ва ҳам занҳо иҷро мекунанд. Раққос таҳти оҳанги на он қадар дар болои сараш чойникро гузошта, дар ҳар дасташ пиёлаеро медорад. Раққос дастҳояшро ба ду тараф дароз карда пои росташро пеш гузошта, оҳиста-оҳиста қадам мегузорад ва майдонро давр мезанад. Иҷрокунанда гирди майдонро ҳамин тариқ се-чор бор давр мезанад.	2018	Хуҷанд, Деваштич, Исфара	Нимфаъол	1.Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.10. 2. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.139.
B030	РАҚСИ АНГУШТ-ПОНА	«Рақси ангуштпона» рақси якнафара буда, ҳам варианти занона ва ҳам мардонаи он вуҷуд дорад. Иҷрокунанда дар чаҳор ангушташ ангуштпона пӯшида, онҳоро ба табақча зада, садои дилнавозе мебарорад ва худаш мерақсад.	2014	Вилояти Суғд, Қубодиён	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.142. 2. Раҳимӣ Д. Рақс бо ангуштпона // Фарҳанги ғайримоддии халқӣ тоҷик / мураттиб Д. Раҳимӣ. – Д., 2018. – С. 42-46.
B031	РАҚСИ ЗАНГ-	Рақси акробатии ҳунарварони ҷавони муаллақзан мебошад, ки онҳоро «зангбоз» меноми-	2014	Вилояти	Нимфаъол	1. Проценко А.И. Танцевальное

	БОЗ	данд. Писарбачаҳои нозукпайкар яктаки кӯтоҳи миёнаш часпидаро пӯшида, дар банди пойҳояшон тасмаҳои бо зангӯлаҳо дӯхташударо мустаҳкам намуда, таҳти садои доира мераҳсанд. Садои хуши зангӯлаҳо бо ҳаракатҳои чусту чолокона ва печони бадани зангбоз ҳамовоз мешаванд.		Суғд Водии Ҳисор		искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.10,13. 2. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.152.
В032	РАҚСИ ОСТИН	Рақси занонаи қадима. Раққоса дасти росташро дар тарафи чап гузошта, дасти нимқати дигарашро дар рӯбарӯяш дароз намуда, остини дарози куртаашро ин сӯ он сӯ меҷунбонад. Сипас ҷои дастҳоро иваз намуда ин ҳаракатро такрор мекунад. Дар замонҳои пеш рақси остин аз ҷониби модаркалони домод ҳангоми ба хонаи шавҳар овардани арӯс ва дар гирди оташ давр зонданӣ ӯ ичро мегардид.	2014	Мастчоҳ, Айнӣ, Панҷакент, Истаравшан, Кӯлоб, Рашт,	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.143. 2. Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.20-25. 2. Рақси остин // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 46-48.
В033	РАҚСИ УФАР	Ин рақс дар он қисми авҷи суруд ичро мегардад, ки «уфар» ном дорад. Баъзан дар ин суруд ду уфар ҷой дорад ва дувумаш нисбат ба аввалааш шӯхтар аст. Усули зарб дар уфар иваз меёбад, аммо бо суруд аз ҷиҳати оҳанг ва мақом умумияте дорад. Ичрокунанда на танҳо раққос, балки дар айни замон низ ҳофиз мебошад. Ӯ мазмуни сурудро ҳам бо овоз ва ҳам бо ҳара-	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.128. 2. Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.10.

		катҳои мавзуни худ ифода менамояд. Мазмуни чунин сурудҳои рақсӣ гуногун: аксар ғиной, ё ғиноию мазҳакаомез мебошанд.				
B034	СОҚИНОМА	Соқинома – рақси классикӣ буда, таҳти суруд оромона ва бо ҳаракатҳои дастҳо иҷро мегардад. Дар «Соқинома» ҷанбаи хониш зиёдтар буда, рақс дар он фақат замина аст. Дар рақс лаҳзаҳои дар як ҷо истодан, ҳаракатҳои зебои маҳин ва имову ишораҳои таъсирнок, тобишҳои ҳолат ва эҳсос иҷро мешаванд. Раққоса дар ин рақс куртаи сабуки шоҳӣ, тоқии зардӯзӣ ва пойҷомаи шерозаш силсиладор мепӯшад.	2014	Вилояти Суғд, Шаҳринав, Турсунзода	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.176-178.
B035	ТАБАҚБОЗӢ *Тағорабозӣ*	Табақбозӣ дорои унсурҳои сиркӣ ва амалиёти драмавӣ мебошад. Раққос дар сараш табақи калони сафолини тагаш ҳамворро гузошта, бо дастонаш қайроқ навохта, майдонро ду-се бор давр мезанад. Ӯ қоматашро андак ба пеш хам мекунад, табақ ба болои гардану китфҳо, баъд ба рӯи шонаҳо ва ҳамин тавр то миён мефарояд. Табақбоз дар рафти рақс гоҳ тез, гоҳ оҳиста майдонро чарх мезанад, гоҳ ҳаракатҳои зебои бошитоби дастони ӯ оҳанги шӯхиомез мегиранд.	2014	Вилояти Суғд	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.151.

В036	ЧАПАКБОЗӢ *чапак-чапак*	Чапакбозӣ рақси занона мебошад. Иҷрокунанда рост истода дастонашро ба тарафи китфи чап нигоҳ дошта, ба ҳамон сӯ нигариста, бо ҳамин ҳаракат маъракаро давр мезанад. Ӯ пои росташро ба пеш ва пои чапашро қафотар гузошта, ҳамвор қадам мегузорад. Рақс оҳиста, ором, бо қадамҳои хурд-хурд ва баъзан чапакзаниҳо идома меёбад.	2014	Истаравшан, Деваштич Водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.127.
В037	ЧӮББОЗӢ *калтакбозӣ*	Чӯббозӣ рақси ҷанговаронаи мардона буда, онро як кас, ду кас ё чор нафар иҷро менамоянд. Рақс лаҳзаҳои ҷанги сарбоз, шикор, мусобиқаи паҳлавониро таҷассум мекунад. Ба ин рақс ҳаракатҳои чолокона, гардишҳои сахт, чархидани босуръат ва таваққуфҳои ногаҳонӣ хос мебошанд. Иҷрокунандагон дар ҳар дастонашон яктогӣ чӯби сахти тарошидашударо дошта, онҳоро дар вақти рӯбарӯ шуданашон моҳирона ва бо усули дақиқ ба замин мезананд. Чӯбҳои одӣ ҳамчун асбоби мусиқӣ низ хидмат намуда, зарбу усулро бехато ба вуҷуд меоранд.	2014	Бадахшон	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.128. 2. Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С. 89-92. 3. Чӯббозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 52-54.

B038	«ҶУМ ҶАҲЕ»	Ин рақси қадимии мардона буда, аз тарафи як гурӯҳи раққосон иҷро мегардад. Онҳо дар давра истода қарсак зада, пайкарашонро ба пеш хам намуда, қарсак мезананд ва «о ҷаҳе» мегӯянд, дар ин вақт пойи росташонро пеш мебардоранд. Сипас пайкарашонро рост карда, дар як ҷо меҷаҳанд ва бо ҳамовозӣ «ҷум ҷаҳала» мегӯянд. Як нафар раққос дар даруни давра таҳти қарсакзанӣ рақсида, баъди хониши ҳар мисраъи шеър «Ҷум ҷаҳе, ҷум ҷаҳала» мегӯяд. Ӯ дастонашро боло бардошта, китфҳояшонро меҷумбонад.	2014	Водии Ҳисор, Панҷакент	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.138. 2. Сурудҳои халқии тоҷикӣ / мураттиб ва банотагиранда Ҷ. Обидпур. – Д., 2018. – С. 68-70. 3. “Ҷум ҷаҳе, ҷум ҷакала” // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 55-56.
B039	ЯК ҚАРСАК *се қарсак,* *панҷ қарсак*	«Як қарсак» рақси мардона буда, дар тӯйҳо барпо мегардад. Иҷрокунандагон шахсоне мебошанд, ки қоидаи қарсакзаниро медонанд ва «қарсакчӣ» ном гирифтаанд. Иштирокчиён давра ё нимдавра истода, бо як зарби мушаххас баробар қарсак мезананд. Қарсакҳо чунин ном доранд: якта, сета, панҷта, даҳта, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Гурӯҳ қарсак мезанад ва як ё баъзан ду кас дар мобайн истода мерақсанд. Иҷрокунандагон дар вақти «се қарс» задан се бор «яҳ-яҳ, ялла» мегӯянд.	2014	Вилояти Суғд, водиҳои Зарафшону Ҳисор	Нимфаъол	1.Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.138.
B040	ЯЛЛАБОЗӢ	Яллабозӣ рақсест, ки бо суруд иҷро мегардад. Иҷрокунанда суруди зеринро сароида мувофиқи оҳанги шӯх, зиндадилона ва зарбу усули	2014	Истравшан, Панҷакент	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д.,

		он рақси маъмулӣ мекунад: Ту болои бом бошӣ, ҳой, яллало, Ман поёни бом бошам, вое, яллало. Қошакта ҷунбонӣ, ҳой яллало, Ман усмая давонам, вое, яллало.				2004. – С.155.
B041	ҒИЖАК-НАВОЗӢ	Ғижак як навъ сози миллии тоҷикӣ буда, онро дар сари зону ба тарзи амудӣ дошта, бо камонча менавозанд. Торҳои ғижак асосан филизӣ буда, бо фосилаи кварта ҷӯр карда мешаванд. Мардуми тоҷик бештар ду намуди ғижакро истифода мебаранд. ғижаки кӯҳистони косааш чоркунҷа (аз тунука ва ё кадуи махсус). Намуди дигари ғижак доирашакл буда, онро бештар аз чӯбҳои тут, зардолу, чормағз ва ғайра месозанд ва он бо фосилаи квинта ҷӯр карда мешавад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ғижжак // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат – Ҷ. 3, – Д., 2004. – С.406. 2. Созҳои миллии тоҷик ва ҳунари созтарошӣ / мураттиб Х. Низомов. – Д., 2012.
B042	СУРНАЙ-НАВОЗӢ *меҳтарнавозӣ*	Сурнай сози мусиқии нафасиест дар байни халқҳои эронитабор ва Қафқоз маъмул мебошад. Қисми пешаш васеи махрутшакл ва қисми поёнаш нисбатан борик аст. Дарозиаш 45-55 см, аз чӯби чормағз ва зардолу сохта мешавад. Рӯяш 7 сӯрох ва зераш як сурохи овозбарор дорад, ки онҳоро бо ангушт мепӯшонанд. Сурнайро бештар дар ҷашни арӯсӣ, хатнасур ва ҷашнҳои суннатӣ менавозанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1.Сурнай // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат – Ҷ. 3. – Д., 2004. – С.142. 2. Созҳои миллии тоҷик ва ҳунари созтарошӣ / мураттиб Х. Низомов. – Д., 2012.

B043	ЛАБЧАНГ-НАВОЗӢ *чангқовуззанӣ*	Лабчанг (чангқовуз) сози мусиқии филизии камоншакли забончадор, ки бо номҳои гуногун дар байни халқҳо маъмул аст. Лабчангро байни лабон гузошта, бо дандонҳо озодона медоранд ва забонро аз паси он каме қафо нигоҳ медоранд. Барои ба вуҷуд овардани нағма ҷараёни нафасро бо ҳаракати забон тағйир медиҳанд. Лабчанг ҳамчун сози якканавозӣ ва ансамблӣ дар байни мардум маъмул аст.	2013	Вилоятҳои Суғд ва Хатлон	Фаъол	1.Раҳимов И. Чанг-қобуз // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.3, – Д., 2004. – С.338. 2. Созҳои миллии тоҷик ва ҳунари созтарошӣ / мураттиб Х. Низомов. – Д., 2012.
B044	НАЙНАВОЗӢ	Най навъе аз созҳои нафасии қадимаи мусиқии тоҷикист, ки аз пояи буттаи най (қамиш) ва ё чӯб сохта мешавад. Най оҳанги махсус дошта, дар алоҳидагӣ ва якҷоя бо дигар созҳо дар дастаҳои мусиқӣ навохта мешавад.	2013	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов И. Най // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.2, – Д., 1989. – С.418-419. 2. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик. – Д., 2014.
B045	РУБОБ-НАВОЗӢ, *рабоб*	Рубоб, сози мизробии мусиқиест, дар байни халқҳои Шарқ, алалхусус тоҷикон маъмул аст. Шакли нави рубоби қошғарӣ 2 тори ҷуфт ва як тори синтетикии ғафс дорад. Рубоби қошғариро бо мизроб менавозанд. Рубоби бадахшонӣ сози мусиқии торӣ-мизробиест, ки дар Тоҷикистон ва дар Бадахшони Афғонистон маъмул аст. Рубоби Бадахшонӣ сози якканавозӣ ва дар ансамблу оркестри созҳои миллӣ васеъ истифода мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳматов Б. Рубоб // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.3, – Д., 2004. – С.67-68. 2. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик. – Д., 2014.

B046	ҚОНУН-НАВОЗӢ *шоҳруднавозӣ*	Қонун сози мусиқии қадимаиториест, ки ба чанг шабоҳат дошта, онро бо мизроб (нохунаки филизӣ, ки ба сари ду ангушти ишоратии ду даст васл мешавад) менавозанд. Қонун дар мамлакатҳои Шарқи наздик ва Миёна, инчунин дар Арманистону Озарбойҷон хеле маъмул аст. Қонун аз қутии чӯбини трапетсиямонанд иборат аст. Сарпӯши қуттиро аз чӯб тарошида, ба як қисми он пӯст мекашанд. Дар рӯи пӯст харак гузошта мешавад.	2014	Душанбе, Хуҷанд, Ҳисор	Фаъол	1. Раҳимов И. Қонун // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ. 3, – Д., 2004. – С.425-426.
B047	ШАШМАҚОМ	Жанри мусиқии тоҷик, ки аз силсилаи оҳангҳо ва матнҳои лирикӣ иборат аст. Он аз шаш мақом фароҳам омада, бо навои танбӯр ва даф иҷро карда мешавад. Инчунин дар оҳангҳои Шашмақом аз созҳои мусиқӣ най, дутор, ғижжак ва чанг баъзан истифода мегарданд. Матни онҳо аз ғазалиёту қасоид ва маснавиҳои адабиёти классикии форсу тоҷик гирифта шудаанд. Шашмақом с. 2008 аз ҷониби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бори нахуст ба Феҳристи шоҳкориҳои башар сабт гашта, сипас ҳамаи номинатсияҳои ин рӯйхат ба Феҳристи репрезентативи ЮНЕСКО ворид шудаанд.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик. – Д., 2014. 2. Низомов А. Таърих ва назарияи Шашмақом. – Д., 2005. 3.Шашмақом // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.3, – Д., 2004. – С.356-358. 4.Шашмақом // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 68-72.

B048	ЧАНГНАВОЗӢ	Чанг сози мусиқиест, ки дар Тоҷикистон ва мамлакатҳои Шарқ маъмул мебошад. Чанги ҳозира 72 тори филизӣ ва ҳамон миқдор гӯшак дорад. Системаи қаторовозиаш аз 24 пардаи диатоникӣ ва хронавикӣ иборат аст. Чанг ба қатори созҳои якканавозӣ дохил шуда, дар оркестр ва ансамблҳои созҳои миллӣ васеъ истифода мешавад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Чанг // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.3, – Д., 2004. – С.336. 2. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик. – Д., 2014.
B049	АНВАРЧА	Суруди шӯхи тӯёна буда, аз ҷониби гурӯҳи мардон тавассути қарсак ва ё сози доира иҷро мегардад. Дар он сарбайтхон як байтро мехонад ва дигарон сари овозро гирифта, нақа-ротро такрор мекунанд. Як нафар зери ҳавои суруд мерақсад.	2014	Панҷакент	Нимфаъол	1.Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004. – С.136-137.
B050	БАДЕҲА	Сухан ва ё шеъри шавқангез, ки бадоҳатан ва закитабъона гуфта мешавад. Суруди шӯхест, ки ҳазлу мазоҳро дарбар гирифта, аз ҷониби зан ва мард иҷро мешавад. Бадеҳа фарогири мавзӯъҳои иҷтимоӣ, маишӣ, ишқӣ-лирикӣ ва ҳаҷвӣ мебошад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д., 1968. 2. Бадеҳаҳои халқӣ / мураттиб Ф. Муродов, – Д., 1969.
B051	БАЙТХОНӢ	Аз ҷониби яккахон ба тарзи суруд иҷро гардидани байтҳои гуногунро байтхонӣ меноманд. Оҳангаш дар вақти сурудан вобаста ба вазни байт тағйир меёбад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д., 1968.
B052	БАҲОРИЯ	Шеър ва суруди лирикист, ки зебоии фасли баҳорро тараннум менамояд. Бештар дар васфи Наврӯз суруда мешавад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони

						Осиёи Марказӣ. – Д., 2007. 2. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д., 1968.
B053	БОҒ ДАРОЕД, ЯНГАМО	Суруди қадимаи шӯху рақсии тӯёнаи тоҷикон. Бештар дар тӯйҳои арӯсию домодӣ иҷро мегардад.	2014	Водии Зарафшон, Шаҳринав, Ҳисор	Фаъол	1. Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода / мураттибон Р. Аҳмад, Д. Раҳимов. – Д., 2011.
B054	ҒАРИБНОМА	Суруди машҳури мардумии тоҷик аст, ки таърихи куҳан дорад. Он бо тарзи гуногун иҷро гардида, бекасию танҳоӣ, ғурбату ҷудоиро мазаммат мекунад ва муҳаббати беандозаи одамонро нисбати ёру диёр ва Ватани маҳбуб ифода менамояд. Оҳанги ҳазину дилхарош дорад	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д., 1968.
B055	БОЙЧЕЧАК	Суруди мавсимӣ, ки бо омад-омади баҳор дар контексти маросими бойчечак, бо мақсади муждарасонии баҳор иҷро мегардад. Вариантҳои таронаи «Бойчечак», инчунин «Гули сияҳгӯш», «Баҳор омад» ва «Гулгардонӣ» ва ғайра низ мавҷуданд. Сурудҳо аз ҷониби сарбайтхон ва гурӯҳи иштирокчиёни маросим иҷро мегарданд.	2014	Вилояти Суғд	Фаъол	1.Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Д., 2007.
B056	ГИЖДАЛЛА	Суруди тӯёна, ки аз ҷониби гурӯҳи мардон дар шакли базмӣ иҷро мегардад. Марде либосҳои занона пӯшида, дар зери оҳанги суруд мерақсад.	2014	Водиҳои Зарафшон, Ҳисор	Нимфаъол	1. Сурудҳои халқии тоҷикӣ / мураттиб ва банотагиранда Ҷ. Обидпур. – Д., 2018. – С.102-103.

B057	ЁР-ЁР, *арӯсбарон*	Суруди маросимии тӯи арӯсию домодист, ки аз ҷониби гурӯҳи занон ва ё мардон ҳангоми ба хонаи домод овардани арӯс, бо қарсак ва ҳамовозии доира иҷро менамоянд. Гӯянда як мисраъро мехонад ва дигарон бо нидои «ёр-ёр-ёроне» онро тақвият медиҳанд.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор, Кӯлоб	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон. – Д., 1978. 2. Сурудҳои халқии тоҷикӣ / мураттиб ва банотагиранда Ҷ. Обидпур. – Д., 2018. – С.68-70.
B058	КАҶКУЛО	Суруди мардумии тоҷик аст, ки аз ҷониби рубоисаро иҷро мегардад. Нақаротро ду каси дигар дуборӣ такрор мекунанд. Баъзан мисраи аввал ба тариқи наср гуфта шуда, ду мисраи охир суруда мешавад. Иҷрои суруд намоиши театри халқиро ба ёд оварда, ҳофиз ба шакли мусофир даромада, аз зиндагии талху бенавоёна шикоят мекунад, дар охир ба ваҷд меояд.	2014	Навоҳии Кӯлоб	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Каҷкуло // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ. 2, – Д., 1989. – С.28.
B059	КӮЧАБОҒӢ	Суруди классикӣ – лирикии мардуми тоҷик буда, дорои оҳанги равону маҳзун ва фораму рӯҳбахш мебошад. Дар оҳанги суруд мутантанию ҳузн ба ҳам омехтаанд.	2014	Вилояти Суғд	Нимфаъол	1. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик. – Д., 2014. – С.316.
B060	ЛАПАР	Солҳои 20-30-юми асри гузашта дар асоси бадеҳаҳои халқии «Секинак», «Бобо» ва ғайра ба вуҷуд омадааст. Онро як нафар ва ё ду нафар (зан ва мард) бо рақсу шӯхӣ ва имою ишора иҷро менамоянд. Он аз лирика ва мазҳака саршор аст. Баъзе унсурҳояш решаҳои қадима доранд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Нурҷонов Н. Лапар // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.2, – Д., 1989. – С.89.

B061	МАВРИГӢ	Силсилаи суруду таронаҳои халқӣ, ки мазмунҳои лирикӣ дошта, қисман бо оҳанги шӯх иҷро мешаванд. Репертуари мавригӣ аз силсилаи овозию рақсӣ, мухаммасхонӣ, матнҳои суруду рубоиҳои халқӣ, аз ҷумла сурудҳои ҳаҷвӣ, таркиб ёфта, ба пайтҳо тақсим мешавад. Ҳангоми сурудхонӣ таҳти навои доира рақсҳои махсус иҷро мешаванд. Раққоса ҳаракатҳоро гоҳе дар як тараф ва гоҳе дар тарафи дигар иҷро намуда, оҳиста-оҳиста ба пеш, сипас қафо меравад, чарх зада менишинад ва ғайра.	2014	Водии Ҳисор, Хуҷанд, Панҷакент	Фаъол	1. Нурҷонов Н., Қобилова Б. Мавригӣ. – Д., 2008. 2. Тоҷикова З. Мавригихонӣ // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.2. – Д., 1989. – С.122. 3. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик. – Д., 2014.
B062	МОҲСАНАМ	Сурудро як нафар мард бо мисраи «Моҳсанами хушрӯи резадандон» оғоз менамояд ва баъди яккахон аз тарафи якчанд нафар ҳамчун нақарот такрор карда мешавад. Оҳанг ва зарбу усули суруд хусусияти рақсӣ дошта, дар ҳавои он зане мерақсад. Мусиқии он дар андозаи 6/8 («Уфар») тарҳрезӣ шуда, ба шунаванда шодиву сурур ва ҳаяҷон меоварад.	2014	Муъмино-бод	Фаъол	1. Сурудҳои халқии тоҷикӣ / мураттиб ва банотагиранда Ҷ. Обидпур. – Д., 2018. – С.68-70.
B063	МАН ДОҒ	Суруди қадимаи халқии тоҷик аст, ки оҳанги ғамангез дошта, матнаш низ ифшогари ҳаёти вазнини мардум дар гузашта ва нодориву нокомиҳои рӯзгор аст. Онро кишоварзон ҳангоми ҷуфти замин месуруданд. Айни замон ин сурудро дар саҳна барои тасвири фаъолияти деҳқонон иҷро мекунанд.	2014	Вилояти Хатлон	Дар ҳоли аз-байнравӣ қарор до-рад.	1. Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Д., 2007.

B064	МИСКИН	Асари мусиқии классикии тоҷик буда, аз ҷониби ҳофизону мутрибони давру замонҳои гуногун дар пайравӣ ба суруду оҳангҳои «Шашмақом» эҷод шудаанд. Силсилаи он аз сурудҳои зерин иборат аст: Мискин, Мискини 1, Мискини 2, Савти Мискин ва ғайра. Усули онҳо ба «Баёт», «Ушшоқ», «Соқинома» мушобеҳ ҳастанд.	2014	Вилояти Суғд	Нимфаъол	1. Низомов А. Мискин // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Ҷ.2, – Д., 1989. – С.276.
B065	МАСХАРА-БОЗӢ	Яке аз жанрҳои театри суннатӣ ва сирки халқӣ. Дастаи масхарабозҳо аз 4-5 нафар баъзан бештар аз ин таркиб ёфта, дар тӯю маъракаҳо, бозорҳо ва идҳои халқӣ ҳунарнамоӣ мекарданд. Онҳо репертуари худро доштанд, аз саҳначаҳои ҳаҷвӣ, тақлидҳо ва сурудҳои шӯху ҳазломез иборат буда, камбудиҳои ҷамъиятро фош мекарданд ва шахсони золиму муфтхӯр ва лагандбардору чоплусро масхараву мазаммат менамуданд.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков. Т. 2. – Д., 2002.
B066	МОШОБА	Суруди қадимаи ҳаҷвии тоҷикӣ буда, оҳанги шӯху тез дорад. Ширинкорону масхарабозон дар намоишҳои гуногун онро ичро менамуданд ва таҳти зарби оҳанги суруд мераксиданд.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода / мураттибон Р. Аҳмад, Д. Раҳимов. – Д., 2011.
B067	МУНГА, *бунгак*	Суруди ҳазину дардолуд аст, ки занон тавассути димоғ, бо лабони баста ичро намуда, дарду алами ботинии худро бо сӯзу гудоз ифшо мекунанд.	2014	Водии Зарафшон, Рашт	Камфаъол	1. Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева ва диг. – Д., 2016. –

						С.43.
В068	МУРҒАК, *Бале мурғак*	Суруди шӯхи мардумии тоҷик аст. Оҳанги равону ҳаяҷоновар дошта, ба тарзи шӯху шавқовар иҷро мегардад. Дар мавригихонӣ низ истифода мешавад.	2014	Водии Ҳисор, вилояти Хатлон	Фаъол	1. Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода / мураттибон Р. Аҳмад, Д. Раҳимов. – Д., 2011.
В069	НАҚШ, *Нақшхонӣ, Лаъле, лалола*	Суруди тӯёнаи мардуми тоҷик аст, ки асосан дар тӯйҳои арӯсӣ аз ҷониби сарнақшхон ва гурӯҳи мардон иҷро мегардад. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара ва Истаравшан нақши секисма (нақши калон, нақши миёна ва нақши хурд) маъмуланд. Дар кӯҳистони шимоли Тоҷикистон ду намуди нақшхонӣ («Шамъ» ва «Нақши мулло») то имрӯз вуҷуд дорад.	2014	Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Айнӣ, Конибодом	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон. – Д., 1978. 2. Низомов А. Жанры традиционной музыки // Таджикская музыка. – Д., 2003. – С.47. 3. Тоҷикова З. «Нақш» // ЭАС. – Ҷ.2. – Д., 1989. – С.439.
В070	САБЗАК	Суруди халқии тоҷикист, ки оҳанги шӯху пуртароват дошта, бо рӯҳбаландӣ иҷро карда мешавад. Суруди рақсӣ ва ишқӣ – лирикӣ буда, дар тӯю маросимҳо иҷро карда мешавад.	2014	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д., 1968.
В071	САРТАРОШОН, *Устои ланги сартарош*	Суруди қадимаи маросимии халқи тоҷик аст, ки дар тӯи арӯсӣ иҷро карда мешавад. Соҳибҷашнро ба тахт мешинонанд ва мӯйсафеди сартарош қайчиву шона дар даст, ба кор шурӯъ мекунад. Баъди ҳар як мисраъро сурудани саровозхон аз ҷониби як гурӯҳ мардон нақарот такрор меёбад. Ҳозирин дар зери оҳанги суруд ба рақс медароянд.	2014	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор, Бадахшон	Фаъол	1. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. – Д., 1963. 2. Сурудҳои тӯии Помир / мураттиб Н. Шакармамадов. – Хоруғ., 1993. 3. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи

						тоҷикон. – Д., 1978.
B072	СЕКИНАК	Суруди халқии тоҷикист, ки таърихи қадим дошта, дар тӯйҳои арӯсӣ иҷро мегардад. Зарби усули ба худ хос дошта, аз ҷониби гурӯҳи мардон иҷро мегардад.	2014	Вилояти Суғд	Нимфаъол	1. Бадеҳаҳои халқӣ / тартибдиҳанда Ф. Муродов. – Д., 1969. – С.64.
B073	ГУЛПАРӢ	Суруди қадимаи мардуми тоҷик буда, асосан онро ба таври дуэт як марду як зан иҷро мекунанд. Оҳанги фораму ҳазин дошта, мазмуни лирикӣ – ишқӣ дорад.	2014	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Бадеҳаҳои халқӣ / мураттиб Ф. Муродов. – Д., 1969.
B074	ДОИРА-НАВОЗӢ, *дафнавозӣ*	Ҳунари мардумист, ки тавассути сози зарбии мусиқӣ – доира иҷро мегардад. Доиранавозӣ ҳам мардона ва ҳам занона буда, усули иҷрои онҳо каме аз якдигар фарқ мекунанд Доира зарбҳои гуногун дорад, ки мусиқишиносон онҳоро номгузорӣ кардаанд. Масалан, уфар, зарб, чорзарб, чапазарб ва ғайра. Миёни халқ зарбҳои доира бо унвонҳои маҳалӣ, масалан, шартӯзӣ, гиждов-дов, ғиждов-ғижд, қарасочӣ, дупа-дупа ва ғайр ном мебаранд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Низомов, Х. Созшиносӣ. – Д., 2016. 2. Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира. – М.,– Кн.1. – 1978.
B075	ФАЛАК	Фалак жанри мусиқии суннатӣ буда, дорои сабки иҷрокунандагӣ, асарҳои мусиқии якқисма ва силсилавӣ мебошад. Шаклҳои овозӣ ва созиро дорад. Дар мусиқии тоҷик ду шакли Фалак роиҷ аст: *фалаки кӯлобӣ* ва *фалаки помирӣ*. Дар Фалак ду навъи композитсияи асар ҷо	2013	Вилояти Хатлон, Бадахшон, Водии Рашт	Фаъол	1. Азизова Ф. Маком и фалак - как явление профессионального традиционного музыкального творчества таджиков., – Д., 2009.

		дорад: яке дар асоси қолабзарб (усул) ва дигаре бидуни он, ба таври озодона баён мешавад. Хелҳои *фалаки кӯлобӣ* инҳоянд: *фалаки даштӣ*, *фалаки равона*, *фалаки роғӣ*, *фалаки паррон*, *фалаки қаландарӣ*, *фалаки сафарӣ*, *фалаки ғарибӣ*. Аз онҳо *фалаки даштӣ* бидуни қолабзарб аст. *Фалаки помирӣ* хелҳои *фалаки даштӣ*, *бепарвофалак*, *фалаки мотамӣ*, *фалак*, *фалак-муноҷот*, *фалак-рапо* ва *фалак-мадҳия* дорад. Аз онҳо *фалаки даштӣ*, *фалаки мотамӣ*, *фалак-муноҷот* ва *фалак* қолабзарб надоранд ва ба таври озод иҷро мешаванд. *Бепарвофалак* сохти якқисма дошта, дорои қолабзарб аст. *Фалак-мадҳия* ва *фалак-рапо* навъҳои фалаки силсилавианд.				2. Темурзода Ҷ. Фалак // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат – Ҷ. 3. – Д., 2004. – С. 261. 3. Фалак // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / – Д., 2017. – С. 72-74.
B076	ТӮЁНА	Суруди халқии тоҷикӣ буда, оҳангаш шӯху мутантан аст. Онро яккахон ва гурӯҳи ҳофизон иҷро мекунанд. Баъди аз ҷониби саровозхон иҷро гардидани як рубоӣ, гурӯҳи ҳофизон нақароти «Тӯй муборак шавад, боз муборак шавад»-ро месароянд. Он асосан, суруди мардона аст, вале баъзан аз ҷониби занон низ иҷро мешавад.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон. – Д., 1978.
B077	ГУЛУМОЙ	Суруди анъанавии мардуми тоҷик буда, асосан онро ба таври дуэт як марду як зан иҷро мекунанд. Оҳанги фораму равон дошта, мазмуни лирикӣ – ишқӣ дорад.	2014	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Бадеҳаҳои халқӣ / мураттиб Ф. Муродов. – Д., 1969.
B078	УШТУРБАЧА,	Суруди шӯхи рақсии тӯёна аст, ки аз барномаи мавригихонҳо сарчашма мегирад. Дар тӯю ма-	2014	Водии	Фаъол	1. Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода /

	Уштур ба чаман, *“Уштурбача монд”*	росимҳои хурсандии мардуми тоҷик онро ба шакли драма дароварда иҷро мекунанд. Сарбайтхон матни шӯху хандаоварро ба тарзи силсилавии изофашаванда иҷро мекунад ва дар охири ҳар силсила сариовозгирон силсиларо бо хондани: «Уштурбача монд дар баландие, Чашмони уштур ойнабандие…» таҚвият медиҳанд.		Ҳисор		мураттибон Р. Аҳмад, Д. Раҳимов. – Д., 2011.
B079	ШАҲ МУБОРАК	Суруди мардумии тоҷикист, ки ба тарзи силсилавӣ иҷро гардида, аз якчанд ҚисМ иборат аст. Оғозаш оҳанги маҳзун, вале тантанавӣ дорад. Баъди як мисраъро сурудани гӯянда, дигарон «Шаҳ муборак боде»-ро бо як овоз месароянд. Сипас чун сурудҳои мавригӣ ҚисМҳои минбаъда нисбати якдигар шӯхтару тезтар мешаванд.	2014	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон. – Д., 1978. 2. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2001.
B080	ШОҲДУХТАР	Суруди ҚадимаИ халҚии тоҷикист, ки ба тарзи бадеҳа аз ҷониби зану мард бо саволу ҷавоб иҷро мегардад. Оҳанги шӯху рақсӣ дошта, хело хушҳолона садо медиҳад.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Амонов Р. Лирикаи халҚи тоҷик. – Д., 1968. – С.350-351.
B081	ЯЛАЛИ БОБО, ЯЛАЛӢ	Суруди ҚадимаИ халҚи тоҷик буда, оҳанги шӯху муфаррАҳ ва унсурҳои мазҳакавӣ дорад. Гӯянда ба тарзи силсилавии замшаванда номи ашёро паи ҳам суруда, (масалан арраю барраю покию мокӣ ба дастам) сипас «ялали бобо, ялалӣ» мегӯяд ва дигарон онро ҚарсаҚзанон такрор мекунанд.	2014	Водии Ҳисор	Дар ҳолати аз байнравӣ ҚарОр дорад	1. Низомӣ А. Таърихи мусиҚии тоҷик. – Д., 2014.

B082	РАҚСИ МАРД БО УСУЛИ ДОИРА	Зарбу усули рақсии халқии тоҷикиест, ки дар тӯю маъракаҳо бо дойра навохта мешавад. Зарбу усули ин рақс аз ду қисм иборат аст. Қисми якум дар андозаи 2/4 бо усули: бака-бака, бум, бак (чор шонздаҳякӣ ва ду ҳаштякӣ) тарҳрезӣ шуда, бо суръати муътадил иҷро карда мешавд. Дар усули дойраи рақси мазкур 1 нафар мард мерақсад. Зарбу усули қисми 2-юм дар андозаи 6/8 тарҳрезӣ шуда, бо суръати шӯх иҷро карда мешавад.	2016	Муъмино-бод	Фаъол	1. Клычева Н. Развитие танцевального искусства таджиков // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.22-55.
B083	НАҒОРАБАЗМ	Як навъ рақси анъанавӣ мебошад, ки аз тарафи зану мард таҳти навои созҳои мусиқӣ: нағора, карнай, сурнай, доира дар тӯю маъракаҳо, идҳои халқӣ иҷро мешавад. Дар рақс иҷрокунандагон бо суръати тунд, мувофиқ бо зарбҳои нағора ҳаракатҳои чолокеро иҷро мекунанд. Нағорабазм дар тӯйи арӯсӣ низ мавқеи калон дорад.	2016	Вилояти Суғд	Фаъол	1. Клычева Н. Развитие танцевального искусства таджиков // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.22-55. 2. Клычева Н., Казакова З. История хореографического искусства Таджикис-тана: очерки. – Д., 2014. – С.159.
B084	ПОЛКАИ ХУҶАНДӢ	Полкаи хуҷандӣ рақси мардона буда, таҳти навозиши созҳои мусиқӣ, баъзан танҳо бо навои доира иҷро мегардад. Дар рақс бо ҳаракатҳо ҷасурию чолокиро нишон дода, иҷрокунанда ду дастро ба тарафҳо кушода мерақсад. Раққос китфҳоро бо зарби доира ҷунбонида, қадамҳои пойи рост ва чапро иваз карда, саҳнаро гирд мегардад.	2016	Вилояти Суғд	Фаъол	1. Клычева Н. Развитие танцевального искусства таджиков // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.22-55.

В085	РАҚСИ ЧӮПОН	Рақси мардона мебошад, ки дар тӯю маъракаҳо ва идҳои халқӣ таҳти навозиши доира иҷро мегардад. Иҷрокунандаи рақси «Чӯпон» таёқро дар даст дошта, рамаи гӯсфандонро пеш-пеш мекунад. Ӯ мазмуни рақси худро бо ҳаракатҳои гуногун тасвир мекунад: назди чашма омада, гӯё дасту рӯйро мешӯяд, об нӯшида, истироҳат мекунад. Чӯпон таёқро гирифта ин сӯ, он сӯ медавад ва гусфандонро як ба як ҳисоб мекунад ва ғайра.	2016	Водии Кӯлоб	Фаъол	1. Клычева Н., Казакова З. История хореографического искусства Таджикистана: очерки. – Д., 2014.- С.237. 2. Абдурахмонова Ш. Гулчини рақс. – Д., 2009. – С.160. 3. Абдураҳмонова Ш. Рақси мардонаи тоҷикӣ ва сабабҳои таназзули он. // Паёмномаи фарҳанг. – 2000 – №3.
В086	ТАЁҚБОЗӢ	Рақси анъанавии мардонаи халқи тоҷик мебошад ва дар саросари ноҳияҳои кӯҳистони кишвар маъмул мебошад. Рақс дар тӯю маъракаҳои оилавӣ, идҳои халқӣ, чорабиниҳои гуногуни муассисаҳои фарҳангӣ таҳти навозиши доира, таблак ва созҳои дигар иҷро мегардад. Раққос таёқро ба болою поён мебардорад, онро аз байни оринҷҳо дар пушт гузаронида, чарх мезанад. Агар дар рақс ду нафар мардҳо иштирок кунанд, таёқро мисли шамшер истифода бурда, мерақсанд.	2016	Вилояти Хатлон, Бадахшон	Нимфаъол	1. Абдурахмонова Ш. Гулчини рақс. – Д., 2009. – С.160. 2. Абдураҳмонова Ш. Рақси мардонаи тоҷикӣ ва сабабҳои таназзули он. // Паёмномаи фарҳанг. – 2000 – №3.
В087	ТАНАВОР, *тановар*	Рақси мардумӣ буда, таҳти суруд ва мусиқии “Танавор” дар тӯю маъракаҳои оилавӣ иҷро мешавад. Дар рақс иҷрокунанда бо ҳаракатҳои	2016	Вилояти Суғд водии	Фаъол	1. Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. –

		зебою маҳини дастҳову пайкар ва бо эҳсосоти баланд рафтори лирикиро ифода мекунад. Ин рақсро ҳам мардҳо ҳам занҳо иҷро мекунанд.		Ҳисор		Д., 1979. – С.12. 2. Клычева Н. Развитие танцевального искусства таджиков // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.22-55.
В088	ЧАРХИ ДУ ЗОНУ, *рақси ду зону*	Рақси анъанавии халқӣ, ки таҳти навозиши доира иҷро мегардад. Асосан, онро раққос дар тӯю маъракаҳои оилавӣ дар болои гилем ё қолин мерақсад. Ӯ ба ду зону истода, бо дастҳо ҳаракатҳои рақсиро анҷом медиҳад. Гоҳе бо ду зону ба пеш меравад, гоҳе бо ду зону чарх зада, саҳнаро давр мезанад, ба тарафи рост ё чап мегардад ва бо ҳаракатҳои гуногун дасту пайкарро меҷунбонад.	2016	Вилоятҳои Суғд, Хатлон	Нимфаъол	1. Проценко А.И. Танцевальное искусство Таджикистана. – Д., 1979. – С.13. 2 Клычева Н. Развитие танцевального искусства таджиков // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.22-55.
В089	ЧОРЗАРБ	Чорзарб рақси занона буда, таҳти навозиши чор зарби доира бештар дар тӯю маъракаҳо иҷро мегардад. Раққосаҳо якто-якто дар ҳар зарби доира ба саҳна баромада, ҳаракатҳои хос нозукиҳои ин рақсро тасвир мекунанд, дар зарби чоруми доира ҳамакаса рақс мекунанд.	2016	Ҳисор, Шаҳринав	Фаъол	1. Клычева Н., Казакова З. История хореографического искусства Таджикистана: очерки. – Д., 2014.- С.162-163.

B090	ҚУМБОҚ	Қумбоқ рақси яккаи занона буда, таҳти навозиши таблак ё доира бо зарби 6/8 иҷро мегардад. Аввал раққоса аз ҳаракатҳои содда ва усули суст сар мекунад ва оҳиста ба ҳаракатҳои мураккаби рақсӣ ва усули тез мегузарад. Дар охири рақс иҷрокунанда ҳамаи маҳорати рақсии худро нишон медиҳад.	2016	Кӯлоб, Муъмин-обод	Нимфаъол	1. Клычева Н. Развитие танцевального искусства таджиков // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.22-55.
B091	РАҚСИ МАРДОНА ДАР НАВОИ НАЙ	Рақси мардона мебошад, ки дар таҳти навозиши най ва доира дар маъракаҳои оилавӣ ва идҳои халқӣ иҷро мегардад. Дар рақс иҷрокунанда бо зарби пой бо ҳаракатҳо мардонагӣ, ҷасурӣ, чолокии худро тасвир мекунад.	2016	Муъмин-обод	Нимфаъол	1.Клычева Н. Развитие танцевального искусства таджиков // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.22-55.
B092	ДОИРАБАЗМ, *баробарак, дафсоз*	Усулҳои рақсии халқии тоҷикиест, ки бо ду доира (баъзан 3 доира) ба тарзи дуэт дар тӯю маъракаҳо иҷро карда мешаванд. Усулҳои ҳархелаи ҳар ду дойра навозишро ҷолибу рангоранг месозад. Занҳо давра гирифта, як ё ду зан дар мобайни давра ба рақс медароянд ва баъди чанд лаҳза занҳои дигар ин занҳоро иваз мекунанд. Ба усули доира қарсак низ зада мешавад, ки зарбу усулро боз ҷолибтар месозад. Баъзан садои «ҳай бале» шунида мешавад.	2016	Минтақаи Кӯлоб, Бадахшон	Фаъол	1. Кароматов Ф., Нурджанов Н. Музыкальное искусство Памира. – М., 1986. – Т.2. – С.37-38.
B093	РАҚСИ МАРД БО НАВОИ ҒИЖАК	Навои рақсии халқии тоҷикиест, ки бо сози ғижак дар тӯю маъракаҳо иҷро карда мешавад. Дар навои он 1 ё 2 нафар мард рақс мекунанд. Зарбу усули наво хусусияти рақсӣ дошта, дар	2016	Муъмин-обод	Нимфаъол	1. Клычева Н. Развитие танцевального искусства таджиков // Фарҳанги

		андозаи 6/8 тарҳрезӣ шуда, бо ритми равшану якзайл иҷро карда мешавад. Оҳанг фосилаи квинта (ля-диез-ми)-ро фаро мегирад.				ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.22-55.
B094	МУҒУЛБОЗӢ	Ин асари мусиқӣ-драмавии халқи тоҷик дар асоси афсонаи «Муғулдухтар» тавлид ёфта, қисми насрии он бо муколамаҳои шоирона – сурудҳои қаҳрамонони асосӣ: араббача ва муғулдухтар пайваст гардидааст. Гӯянда воқеаҳои афсонаро нақл карда, дар он ҷое, ки каҳрамонон зикру эҳсоси худро бо шеър баён менамоянд, ба воситаи доира ё рубоб аз ҷониби онон месарояд.	2016	Бадахшон	Нимфаъол	1. Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. – Д., 2004, С
B095	КАРНАЙ-НАВОЗӢ, *карнайкашӣ*	Навъе аз санъати мардумӣ, ки бештар дар тӯю маъракаҳои шодӣ, ҷашнҳои анъанавию давлатӣ иҷро мегардад. Карнай сози мусиқии нафасӣ мебошад, ки дарозияш то 2 м мешавад ва онро аз филизи биринҷӣ месозанд. Карнай садои баланду марғуладор дорад.	2018	Вилоятҳои Суғд, Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Низомов, Х. Созшиносӣ. – Д., 2016. 2. Карнайсозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 176-177.
B096	ТОРНАВОЗӢ	Тор, сози мизробии мусиқиест, дар байни халқҳои Қафқоз, Эрон ва Осиёи Марказӣ, алалхусус тоҷикон маъмул аст. Тор аз ду косахонаи ба ҳам пайваст, даста, торҳо, гӯшакҳо ва харак иборат мебошад. Онро бо мизроб менавозанд. Дарозии умумиаш 78-90 см буда, 22 парда, 5-6 баъзан то 9-12 тори филизӣ дорад.	2018	Вилоятҳои Суғд, Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Тор // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Д., 2004. – Ҷ. 3. 2. Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созтарошӣ /

		Як тораш аз рӯдаи гӯсфанд тайёр мешавад. Мутобиқи миқдори гӯшакҳо торҳо ҷӯр карда мешаванд. Дар контекстҳои ҷашни арӯсӣ, маъракаҳои хонаводагӣ, нишастҳои дӯстон ва идҳои анъанавию давлатӣ ҳунармандон торнавозӣ мекунанд.				мураттиб Х. Низомов. – Д., 2012. 3. Низомов, Х. Созшиносӣ. – Д., 2016.
B097	САЛОМ МОЛЕК	Суруди шӯхест, ки онро дар шабнишинӣ ва тӯю ҷашнҳо иҷро мекунанд, шеър ва оҳангаш халқист. Суруд бо нақарот, бо ду мисраъ оғоз ёфта, онро якчанд нафар месароянд. Сипас ин яккахон сурудро бо шеъри нав давом медиҳад. Бо ҳамин тарз суруд то охир иҷро мешавад. Суруд дар ритми андозаи 6\8 («уфар») таҳрезӣ шуда, хусусияти раксӣ дорад. Аз ин сабаб дар ҳавои он як ё ду-се нафар зану мард мераксанд.	2018	Роштқалъа	Фаъол	1. Сурудҳои халқии тоҷикӣ / мураттиб ва банотагиранда Ҷ. Обидпур. – Д., 2018. – С.105-106.
B098	АКРАМҶОН	Суруди халқиест, ки онро як нафар месарояд, баъзан нақаротро се-чор нафар иҷро мекунанд. Шеър ва оҳангаш халқӣ аст. Онро дар чорабиниҳо, шабнишиниҳо ва ҷашнҳо иҷро мекунанд. Суруд хусусияти лирикӣ дошта, бо суръати муътадил сароида мешавад. Диапазони он 1 октаваро дар бар мегирад: аз нотаи фа-и октаваи якум то фа-и октаваи дувум. Он дар ритми андозаи 6\8 таҳрезӣ шудааст.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Сурудҳои халқии тоҷикӣ / мураттиб ва банотагиранда Ҷ. Обидпур. – Д., 2018. – С.108-109.
B099	ЧИЛИКАК	Рақси занонаи мардумӣ мебошад, ки таҳти навои сурнай ва доира ва сурудҳои шӯхи мардумӣ иҷро мегардад. Дар ин рақс иҷрокунанда дар якҷо истода, бо ангуштон бештар ҳаракат мекунад. Рақси «Чиликак» дар тӯю маъра-	2018	Водии Ҳисор	Нимфаъол	1.Клычева Н.,Казакова З. История хореографического искусства Таджикистана:очер-

		каҳои мардумӣ иҷро карда мешавад.				ки – Д., 2014. – С.223.
В100	КАЛЛА	Рақси шӯхи анъанавӣ, ки аз ҷониби ҳам мардон ва ҳам занҳо тахти навои сурнай ва доира иҷро мешавад. Раққос тоқиеро ба ду даст бардошта, аз болояш рӯймол ва фаранҷӣ (баъзан камзӯли арӯсӣ)-ро мепӯшонад. Дар натиҷаи қомати баланди арӯс таҷассум мешавад. «Арӯс» дар назди занҳо таъзим карда, салом медиҳад. Занҳо рақс карда, мехоҳанд, рӯйи арӯсро бинанд, аммо ӯ намегузорад. Дар охир яке аз занҳо чолокӣ карда, рӯймолро аз рӯйи «арӯс» мебардорад ва мард будани он «арӯс»-ро ошкор месозад.	2018	Водии Ҳисор	Нимфаъол	1.Клычева Н., Казакова З. История хореографического искусства Таджикистана: очерки – Д., 2014. – С.223.
В101	ҲАҶВ-НИГОРӢ, *ширинкорӣ*	Ҳаҷву мутоиба, ҳазлу зарофаткорӣ дар байни мардум хеле густариш ёфтааст. То ба имрӯз ашхоси зиёди ҳаҷвнигор дар базму маҳфилҳо бо шӯхию зарофатҳо мардумро хушҳол мекунанд. Махсусан, дар ҷашнҳо ва рӯзҳои тӯй чунин ширинкорон махсус даъват мешаванд. Ҳаҷвнигорон репертуари махсус надошта бошанд ҳам, асарҳои фолклории зиёдро аз ёд медонанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. – Д., 1963. 2. Раҳмонӣ Р. Латифагӯйӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 545-546.
В102	КАБКИ РАВ	Навои рақсии халқӣ, ки аз 2 қисм иборат мебошад. Қисми 1-ум дар андозаи 2/4 буда, дар суръати муътадил иҷро карда мешавад, хислати лирикӣ дорад. Оҳангаш равон буда, дар 4 нимпарда тарҳрезӣ шуда, раҳравии маҳини кабкро мемонад. Дар қисми 2-юм оҳанг ба «Уфар», яъне андозаи 6/8 табдил меёбад. Дар ин қисм суръат хушҳол гардида, савт ба шоди-	2018	Вилояти Хатлон	Нимфаъол	1.Клычева Н., Казакова З. История хореографического искусства Таджикистана: очерки – Д., 2014.

		ву сурур мубаддал мегардад. Ҳаракатҳои раққос низ тағйир меёбанд, хеле чолоку серҳакат мегарданд.				
B103	МАДДОҲ, *маддохонӣ, мадҳиясаро̄ӣ*	Як навъ санъати мусиқӣ-адабии халқӣ, ки хусусияти динӣ-мазҳабӣ дошта, мундаричаи матнҳои он аз муноҷот ба Худо, расули ӯ, васфу ситоиши дигар пайғамбарону анбиё, имомони замону пирон ва махсусан, тавсифи бузургии ҳазрати Алӣ ва ёрони ӯ иборат мебошад. Маддоҳро бештар дар маросимҳои азодорӣ, дар нишасти шабҳои ҷумъа, истиқболу таҷлили ягон ҳодисаи муҳими мазҳабӣ ва маросимҳои ёдбуди гузаштагон иҷро мекунанд.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Таваккалов Ҳ. Сухан аз боби мадҳиясаро̄ӣ ва анъанаи он // Масъалаҳои помиршиносӣ. Нашри 5. – Д., 2003. 2. Аминов А. Маросимҳои дафну азодории мардуми Бадахшон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 39-54.

ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

Бахши 3. – Ҷашну маросимҳо (С000)

№ Р/Т	Номи унсур ва истилоҳоти дигар	Тавсифи мухтасар	Соли сабт дар феҳрист	Маҳалли густариш	Вазъи имрӯзаи унсур	Адабиёт
С001	АРӮСБАРОН,	Анъанаест, ки лаҳзаи аз хонаи модар баровардани арӯс ва то хонаи домод бурдани ӯро дар бар мегирад. Арӯс дар зери либосҳои арӯсӣ ва дар паҳлӯяш дугонаи наздик (шоҳидааш) қарор мегирад. Ҳангоми баровардани арӯс	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991. 2. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д.,

	арӯсбуророн	ҳозирин зери навои карнаю сурнай ва дафу таблак сурудхонию рақсу хурсандӣ мекунанд. Падар ва ё бобои арӯс ӯро дуои хайр дода, ба хонаи домод гусел менамояд. Солҳои пеш арӯсро тавассути аспу ароба ва агар хонаи домод наздиктар бошад, пиёда рақсу сурудхонон мебурданд.				2001.
С002	АРӮСБИНОН, *рӯйбинон, рӯйкушоён*	Маросимест, ки баъд аз ба хонаи домод овардани арӯс баргузор мегардад. Дар ин маросим аслан занҳо ширкат меварзанд. Модар, апаю хохар, холаю аммаҳо, умуман хешу табори домод, ҳамсоязанҳо ҳар кадоме бо худ туҳфае гирифта, барои дидани арӯс медарояд ва рӯймоли калони арӯсро боло намуда, аз рӯхсораҳои ӯ мебӯсад. Ҳар кадоме аз рӯи қудраташ ба арӯс ва оилаи нав тӯҳфа тақдим менамоянд. Пас аз ин бонувон доиранавозӣ ва рақсу сурудхонию барпо менамоянд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон, – Д., 1978. 2. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2001. 3. Шарифова М. Маросимҳои тӯи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ. – Д., 2005.
С003	АРӮСТАЛБОН *ҳафтаталбон, талбон*	Баъд аз гузаштани як ҳафта, ё чанд рӯзи маросими ҷашни арӯсӣ модари арӯс кулча пухта, дастархон омода намуда, духтарашро ҳамроҳи домоду қудоҳояш даъват мекунад. Ин маросим арӯсталбон ва дар баъзе аз минтақаҳои ҷумҳурӣ «ҳафтаталбон» ном дорад, зеро модари арӯс духтарашро ҳамроҳи домод бори аввал баъди тӯяшон ба хонаи худ ба меҳмонӣ даъват менамояд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков, - М., 1959. – С. 112. 2. Зеҳниева Ф. Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991.
		Маросими ақди никоҳи исломӣ миёни мар-				1.Зеҳниева Ф. Суруд-

С004	НИКОҲ	думи тоҷик суннати қадима дорад. Он як рӯз қабл аз гусели арӯс ба хонаи домод ё худи ҳамон рӯз дар манзили падари арӯс гузаронида мешавад. Дар як хона арӯс бо дугонаҳояш ҷой мегиранд. Дар хонаи дигар домулло, домод ва наздикони ӯ ҷой менишинанд. Ду нафар марди калонсол аз наздикони арӯс, ки онҳоро ҳамчун гувоҳ падари арӯс интихоб намудааст, аз арӯс мепурсанд, ки «киро падарвакил интихоб мекунӣ»? Одатан таго падарвакил интихоб мешавад. Баъди пурсиши розигии арӯсу домод, домулло хутбаи никоҳро мехонад.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	ҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991. 2. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2001. 3. Свадьба // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. .
С005	ИДИ АРӮСОН, *иди теппача*	Як навъ маросимест, ки танҳо ба арӯсон (наварӯсон) мансуб мебошад. Ин маросим дар ноҳияи Деваштич дар аввали фасли баҳор 7-8-уми март баргузор мегардад. Дар ин рӯз тамоми арӯсоне, ки дар тӯли як сол издивоҷ намудаанд дар мавзеъи муайян – теппае ҷамъ шуда, сӯзанӣ ва дигар лавозимоти арӯсии худро ба намоиш мегузоранд. Занону духтарони дигар барои тамошои ин манзараи ҷолиб меоянд. Ид то бегоҳӣ идома меёбад. Аз ҷониби занон доиразаниву сурудхонӣ низ баргузор мегардад.	2018	Деваштич	Фаъол	1.Носирова Л. Иди теппача // Ҷавонони Тоҷикистон. 20 марти 2013. 2.Аминов А. Иди арӯсон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.133-137.
С006	ЧАРОҒ-РАВШАН	Чароғравшан яке аз суннатҳои муҳим ва анъанавии мардуми равияи исмоилияи Бадахшон мебошад. Чароғравшан ҳамчун маросим шаби дуюми пас аз фавти касе дар хонаи ҳамон одами марҳум баргузор мешавад. Маросими чароғравшан аз ҷониби халифа ва	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Шоҳҷамолов М. Чароғравшан // Шуғнон. – Д., 2014. – С. 704. 2. Аминов А. Маросимҳои дафну

		муридони ӯ дар ҳузури аҳли байт ва наздикону пайвандони шахси майит гузаронида мешавад. Бо хондани рисолаи чароғнома аз ҷониби халифа чароғ фурӯзон мешавад ва ёрдамчиёни халифа то охири маросим пилтаро тоб додан мегиранд. Чароғравшан аз якуним то се соат идома меёбад.				азодории мардуми Бадахшон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 38-54. 3. Раҳимов Д. Азодорӣ. // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С.17.
С007	ПАРЧАБУ-РОН, *чокбурон, кӯрпадӯзон.*	Ин маросими хонаводагии занона буда, пас аз овардани ҷиҳозу қалини арӯс дар хонаи арӯс баргузор мешавад. Ҳамсояҳо – дӯзандаҳо пас аз хӯрдани таом ба пора карда дӯхтани либос шурӯъ менамоянд. Сараввал як зани рӯзгор-дида бо дуои хайр поракунии матоъро оғоз менамояд. Сипас корро зани ҳунарманде идо-ма дода, аз матоъҳо барои арӯс сару по медӯзанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2001. 2. Зеҳниева Ф. Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991.
С008	САФЕДИ-ГИРОН, *рӯймолтиён, даҳонбандон.*	Яке аз маросими хонаводагии пеш аз ҷашни арӯсӣ. Хароҷоти ин бахш бар дӯши падару мо-дари арӯс буда, пас аз таом ба тамоми ҳозирин ва ҳамсояҳо пораи матоъ ва ё рӯймолчае якҷоя бо пораи нонҳои равғанин, кулчаю қатмол ва ширинӣ тақсим карда мешавад. Ин амал маънои номзад шудани духтар ва бастани даҳони мардумро дорад. Баъди гузаронидани ҳамин бахш дигар хостгорҳо ба хонаи арӯси	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор, водии Зарафшон	Нимфаъол	1.Зеҳниева Ф. Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991. 2. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2001.

		номзадшуда намеоянд.				
С009	ФОТИҲАТӮЙ, *ноншиканон.*	Маросими фотиҳа оилавӣ буда, дар хонаи духтардор баргузор мегардад. Аз ҳарду ҷониб нонҳои равғанӣ фатиру қаламаҳо пухта, дар рӯи дастурхон мегузоранд. Муйсафеди рӯзгордидае баъди дуою фотиҳа нон шикаста, ба рӯйи дастурхон мегузорад. Аз ин рӯ дар баъзе минтақаҳо ин маросимро «ноншиканон» низ меноманд. Дар ин маросим намояндагони тарафи домод ба хонаи духтардор омада, баъди хӯрдани зиёфат қалин ва хароҷоти тӯйи ҳар ду тарафро руйхат намуда, ба падари домод месупоранд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991. 2. Ҷумъаев Р. Этнопоэтикаи ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2008.
С010	РАВҒАН-РЕЗОН *дастчарбон,*	Маросими занонаи хонаводагии тоҷикон, ки дар рӯзи дуюми арӯсӣ дар хонаи домод баргузор мегардад. Аввал дасти арӯсро болои орд гузошта аз болояш равған мерезанд, арӯс орд бехта хамир мекунад ва аз ин хамир баъдан кулча мепазад. Яъне бо ин роҳ ҳунари пазандагии ӯро месанҷанд. Ин тадбир ҳам ба хотири рамзи сафедӣ, фаровонии зиндагӣ ва ҳам пайвандшавии хешу табории оилаи навбунёд ба ҷо оварда мешавад.	2014	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор, Панҷакент	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991. 2. Ҷумъаев Р. Этнопоэтикаи ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2008.
С011	ХОСТГОРӢ,	Маросими оғози никоҳ буда, дар хонаи падари арӯс мегузарад. Намояндагони тарафи домод бо дастархону меваю ширинихо ба хонаи дух-	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон – Д., 2014. – С.119. 2. Мардонова А.

	оқсақолӣ, завчигӣ, гапрасонӣ	тардор меоянд ва ба писарашон арӯс кардани духтари онҳоро дархост мекунанд. Пас аз зиёфат волидайн ва хешовандони духтар розигӣ ё рад карданашонро ба меҳмонон мерасонанд. Баъзан муҳлат талабида, пас аз якчанд рӯз посух медиҳанд.				Традиционная свадьба таджиков гиссарской долины. – Д., 2002.
С012	САБЗИРЕЗА-КУНОН, *бехирезакунон.*	Як рӯз қабл аз ҷашни арӯсӣ, 4-5 нафар хешу табор ва ҳамсояҳои тӯйдор (аслан мардон) дар хонаи соҳибҷашн ҷамъ омада, як-ду халта сабзиро реза мекунанд. Ин сабзиҳо дар рӯзи дигар барои пухтани оши палав, ки барои оши наҳор омода карда мешавад. Ҳангоми реза кардани сабзӣ мардон сурудхонӣ, латифаву аскиягӯӣ менамоянд, то ин ки хасташавиро эҳсос накунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросим тӯйи тоҷикон. – Д.,1978. 2. Мардонова А. Традиционная свадьба таджиков гиссарской долины. – Д., 2002.
С013	ОРДБЕЗОН, *сурфакушоён*	Яке аз маросимҳои занонаи оилавии ҷашни арӯсии мардуми тоҷик. Он одатан дар арафаи ҷашни арӯсӣ дар манзили домод баргузор мегардад. Занҳои маҳалла бо даъвати тӯйдор якду рӯз пеш аз тӯйи калон ҷамъ омада, миқдори муайяни ордро бехта, хамир карда нону кулчаи тӯёна мепазанд. Ҳангоми ордбезӣ бонувон доира навохта, рақсу бозӣ ва бо ҳазлу шӯхӣ ордпошӣ намуда, сару рӯи якдигарро сафед месозанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон – Д., 2014. 2. Мардонова А. Традиционная свадьба таджиков гиссарской долины. – Д., 2002.
С014	МАСЛИҲАТ-ОШӢ, *маслиҳаттӯй*	Чор-панҷ рӯз пеш аз тӯй соҳибхона дар хонааш ош пухта мӯйсафедони ботаҷриба ва наздиконашро даъват менамояд. Пас аз хӯрдани таом онҳо роҳу равиши баргузории тӯйро	2014	Вилояти Суғд, водиҳои Ҳисор	Фаъол	1. Шарифова М. Маросимҳои тӯи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ. – Д., 2005,

		муайян менамоянд. Инчунин ба ҳама ҳангоми баргузории тӯй вазифаҳои муайян тақсим карда мешавад.		ва Зарафшон		2. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон – Д., 2014.
С015	ГУЛГАРДОНӢ, *бойчечак*	Расми мавсимиест, ки бачагон бо чида овардани гулҳои баҳории сиёҳгуш, гули зардак ё гули наврӯзӣ (бойчечак) ба хонаҳо мужданд омадани баҳорро мерасонанд. Бачагон ба дари ҳар хонадон рафта таронаи махсусеро якҷоя меҳонанд. Аз хонаҳо ба бачаҳои гулгардон гандум, нахӯд, лӯбиё ва ғайра ҳадя медиҳанд.	2014	Вилоятҳои Хатлон, Суғд, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Д., 2007. 2. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
С016	НАВРӮЗ, *соли нав, сари сол*	Наврӯз ҷашни маъруфи тоҷикон буда, ба муносибати баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат ва оғози мавсими кишту кор дар саросари кишвар бо барномаву базму маҳфилҳо баргузор мегардад. Ойину суннатҳои тоҷикон дар айёми Наврӯз инҳоянд, ки аксари онҳо то ба имрӯз роиҷ мебошанд: гулгардонӣ, хонабуророн, чаҳоршанбеи охирон, суманакпазӣ, оштикуноӣ, бозиҳои варзишӣ ва мусобиқот, хӯрокҳои анъанавии наврӯзӣ ва ғ. Наврӯз нахуст с. 2009 бо узвияти 8 кишвар ва сипас бо шомил шудани 4 кишвари дигар, аз ҷумла Тоҷикистон, 30 ноябри с. 2016 дар Феҳристи репрезентативи ЮНЕСКО сабт гаштааст.	2013	Саросари кишвар	Фаъол	1. Аҳмадов Р. Наврӯзи хуҷастапай. – Д., 2001. 2. Ҳазратқулов, М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол. – Д., 2012. 3. Раҳимов Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии тоҷикон. – Д., 2011. 4. Номинатсияи Наврӯз / мураттиб, муаллифи пешгуфтор ва мақолаи умумӣ Д. Раҳимӣ. – Д., 2018.
		Меҳргон, ҷашни қадимаи халқи тоҷик буда,	2014	Саросари	Фаъол	1. Раҳимов Д. Ҷашни Меҳргон. Д., 2012.

С017	МЕҲРГОН, *Иди ҳосилот*	дар он кишоварзону боғдорон ва чорводорону ҳунармандон намунаҳои дастранҷу заҳмати худро ба намоиш мегузоранд. Моҳияти ин ҷашнро шукронаи худованд аз неъмату ҳосили ба даст овардаи аҳли меҳнат ташкил медиҳад. Меҳргон дар замони қадим дар рӯзи 16-уми мохи Меҳр барпо мешуд.Дар гузашта суфраҳои меҳргонӣ низ дар ҳар хонадон гузошта мешуд, ки дар он себ, муруд, лимӯ, хӯшаи гандум, ойина, ангур, паллаи тарозу ва гули нилуфар мегузоштанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми октябр рӯзи ҷашни Меҳргон эълон шудааст.		кишвар		2. Ҳазратқулов, М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои сунатии сол. – Д., 2012. 3. Раҳимов Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии тоҷикон. – Д., 2011
С018	САДА	Сада ҷашни зимистонаи ниёгони тоҷикон ба шумор меравад, ки ба муносибати даъвати гармӣ ва оғози корҳои кишоварзӣ баргузор мешуд. Мардум дар 8-уми Баҳманмоҳ, ки рӯзи Сада буд, шомгоҳон гулханҳои бузург афрӯхта, дар атрофаш шодию хурсандиҳо менамуданд. Он дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дубора эҳё гашт ва 30-юми январ дар кишвар рӯзи ҷашни Сада эълон шудааст.	2018	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Ҳазратқулов, М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои сунатии сол. – Д., 2012. 2. Раҳимов Д. Сада – ҷашни азёдрафтаи ниёгон // Чинори пургул. – Д., 2008.
С019	ХАТНАСУР	Маросими суннатии мусулмонон мебошад, ки ба муносибати хатнаи писарбачаи ноболиғ сурат мегирад ва якҷоя бо хурсандиву шодмонӣ барпо мешавад. Дар гузашта амали хатна аз тарафи устоҳои маҳаллӣ ичро мешуд, ҳоло ба-	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Хатнасур // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С.104-106. 2. Ершов Н.Н. «Туйи

		рои бехатарӣ ва тандурустӣ хатнаро дар бунгоҳҳои тиббӣ анҷом медиҳанд. Таҷлили маросими хатна хонаводагӣ аст.				Гулдор» у костагозских таджиков // Труды АН Тадж. ССР. 1953. –Д., – Т. 17.
С020	БИБӢ МУШКИЛКУШО *Мушкилкушо*	Маросими маишии занона ва номи олиҳаи мушкилкушои асотири тоҷикон мебошад. Маросими мазкур дар рӯзҳои чоршанбе бо иштироки 3-7, баъзан шумораи бештари занҳо гузаронида мешуд. Онро занҳое барпо мекунанд, ки мушкилие ба сарашон омадааст, ё худ бо мақсади бахткушоии ҷавонон, тандурустӣ, фарзандталабӣ, сафари бехатар ва ғайра баргузор мегардид.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Бибӣ Мушкилкушо / таҳияи А. Зокирӣ. – Хуҷанд, 2002. 2. Аҳмад Р. Ҷойгоҳи маросим ва аъёди исломӣ дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Теҳрон – Д., 2010 (бо хатти форсӣ).
С021	ХОКСАЛОМ	Баъд аз гуронидани мурда се саҳар хешу акрабояш ва наздиконаш ба сари манзилаш (қабраш) рафта, аз оётҳои Қуръон тиловат мекунанд. Аммо мардуми ҳамон маҳал ба хонаи мурдадор рафта дуохонӣ мекунанд, ки ин рамзи ҳамдардию тасаллият баён карданро ифода мекунад.	2014	Вилояти Суғд, Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Мардонова А. Традиционные похоронно - поминальные обряды таджиков Гиссарской долины (конца XIX- начала XX) в.в. – Д., 1998,
С022	ЧИЛ	Ин маросим пас аз гузаштани чил рӯз ё камтар аз он дар хонаи мурдадор барпо карда мешавад. Дар ин рӯз хешу табор, ёру дустон аз дуру наздик омада, ояту дуо хонда, ба арвоҳи марҳум мебахшанд. Дар гузашта ба даъватшудагон таом додан расм буд, вале пас аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим зиёфат додан	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Мардонова А. Традиционные похоронно - поминальные обряды таджиков Гиссарской долины (конца XIX- начала XX) в.в. – Д., 1998,

		барҳам дода шуд.				
С023	САРИ СОЛ, *солшикан*	Маросими хонаводагии азодорӣ. Дар баъзе минтақаҳо мардум «Сари сол»-ро баъди нӯҳ моҳ ва дар баъзе минтақаҳои дигар баъди ёздаҳ моҳ барпо мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки соҳиби ин маърака аз азодорӣ мебарояд. Дар гузашта сари сол маъракаи калону серхарҷ буд, акнун тибқи қонун дар дохили хонавода ва бидуни забҳи чорво ва додани таом ба мардум сурат мегирад.	2014	Вилояти Хатлон, водиҳои Ҳисор, Рашт.	Фаъол	1.Бабаева Н.С. Древние верования горных таджиков южного Таджикистана в похоронно-погребалной обрядности (конец XIX – начало XX в.в.). – Д., 1993.
С024	ИДИ РАМАЗОН, *Иди фитр*	Рамазон моҳи тавбаву надомат, ибодату парҳезкорӣ шумурда мешавад. Дар ин моҳ мардуми мусулмони дунё, аз ҷумла, тоҷикон рӯза медоранд. Баъди гузашти 30 рӯз иди Рамазонро ҷашн мегиранд. Рӯзи ид мардум дар хонаҳояшон дастархони идона таҳия мекунанд. Мардҳо ба масҷидҳои ҷомеъ рафта, намози идро мегузоранд, сипас ба хонаҳои шахсони фавтида рафта дуову фотиҳа мехонанд. Бонувон ҳар гуна кулчаву ҳалво ва маҳсулоти нонӣ мепазанд, ба хонахои ҳамдигар меҳмон мешаванд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Аҳмад Р. Ҷойгоҳи маросим ва аъёди исломӣ дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Техрон – Д., 2010 (бо хатти форсӣ). 2. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.

С025	ИДИ ҚУРБОН	Иди Қурбон баъди гузаштани 2 моҳу 10 рӯзи иди Рамазон фаро мерасад. Дар ин рӯз мардум дастархон ороста, ба хонаҳои якдигар рафта, идро табрик мекунанд ва ба арвоҳи гузаштагон дуову оят мехонанд. Мардон ба масҷидҳои ҷомеъ рафта, намози идро мегузоранд, баъди он ашхоси имкондор гӯсфанд, буз ё гӯсолаеро забҳ мекунанду аз он таом мепазанд ва хайр менамоянд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Аҳмад Р. Ҷойгоҳи маросим ва аъёди исломӣ дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Техрон – Д., 2010 (бо хатти форсӣ). 2. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
С026	ИДГАРДАК	Дар рӯзи идҳо кӯдакон либосҳои наву идона ба бар карда, дар дастҳояшон халтача гирифта, ба хонаҳои ҳамсояҳо ва хешовандон рафта, «Иди нав муборак, тухмҳои нав қаторак!» – гӯён онҳоро табрик мекунанд ва соҳибхона ҳамчун ҳадя ба онҳо тухм, қанд, сақич, кулчаву ҳалво ё пул тақдим мекунад.	2014	Вилояти Суғд, водиҳои Ҳисору Рашт	Фаъол	1. Аҳмад Р. Ҷойгоҳи маросим ва аъёди исломӣ дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Техрон – Д., 2010 (бо хатти форсӣ). 2. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
С027	МАВЛУД	Маросиме бахшида ба рӯзи таваллуди паёмбари ислом Муҳаммад (с) мебошад. Баргузории ин маросим бо фаро расидани моҳи “рабиъ-ул-аввал” дар солшумории ҳиҷрӣ-қамарӣ шурӯъ мешавад. Дар байни мардуми тоҷик то муддати 3 моҳ баргузор мегардад. Он дар солҳои пеш дар хонаҳо гузаронида мешуд, ҳоло тибқи Қонуни танзим дар масҷидҳо гузаронида мешаванд. Дар ин маърака олимони дин, домуллоҳо, воизон панду насиҳатҳо, нақлу ривоятҳоро аз рӯзгори паёмбари ислом Муҳаммад (с) оварда, оятҳои	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Холмуродов З. Маросими мавлуди Муҳаммад(с) дар байни мардуми тоҷик // Рӯдакӣ. – 2007. – №13. –С. 45-49. 2. Аҳмад Р. Ҷойгоҳи маросим ва аъёди исломӣ дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Техрон – Д., 2010 (бо хатти форсӣ).

		Қуръонро қироат мекунанд.				
С028	ПАЙҒАМ-БАРОШӢ, *Пайғамбар-тӯйӣ*	Ҳар фарде, ки ба синни 63 мерасад ин санаро ҳамчун умри муборакі паёмбар қайд мекунад. Шахси мазкур мувофиқи шароити молияш хе-шу акрабояшро даъват намуда, зиёфат меорояд. Мутобиқи ривоятҳо, шахсе, ки пайғамбарошӣ додааст, бояд аз ҳамаи лаззатҳои дунёӣ даст кашад. Ҳоло ин расм маҳдуд шуда, дар доираи хонавода гузаронида мешавад.	2014	Вилояти Хатлон, водиҳои Ҳисору Рашт	Фаъол	1. Аҳмад Р. Ҷойгоҳи маросим ва аъёди исломӣ дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Теҳрон – Д., 2010 (бо хатти форсӣ).
С029	ЗИЁРАТИ МАЗОРҲО	Мардуми муътақид ва ниёзманд, одатан, рӯзҳои чоршанбе ва шанбе рафта, мазорҳоро зиёрат мекунанд. Дар гирди қабри ягон бузу-ргвор давр мезананд ва аз Қуръон оятҳо тило-ват мекунанд. Баъзеашон фатиру қалама пухта мебаранд ва ба камбағалон ва гадоҳо хайр ме-кунанд. Зиёраткунандагон бештар бо мақсади шифо ёфтан, фарзанддор шудан ва ё сафари бехатар кардан ба роҳҳои дур мазорро зиёрат мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Камол Ҳ. Мазорҳои шимоли Тоҷикистон. – Д., 2005. 2. Камол Ҳ. Чаҳордаҳ мазор. – Д., 2001.
С030	БАРФӢ	Ба муносибати боридани барфи аввал одамон дар як коғазча паёми «Барфӣ» менавиштанд ва ба хешу акрабову ёру рафиқони наздикашон равон мекарданд. «Барфӣ», тибқи анъана, бояд бо назм иншо шуда, мазмуни он аз талаб кардани ягон зиёфат мебошад. Шахси паёмовари «Барфӣ» ҳамон рӯзи барфи аввал дар киса ё бағали худ онро пинҳон медорад ва бо баҳонае сӯи хонаи дӯсташ раҳсипор	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Аҳмад Р. Барфӣ // Мардумгиёҳ. 1993. – №1. 2. Аҳмадов Р., Фолк-лори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. Д., 2007. 3. Раҳимов Д. Фолк-лори тоҷик. – Д.,

		мегардад. Дар баъзе ҷойҳо вақте ки шахси паёмоварро медоштанд, рӯяшро бо сиёҳии дег сиёҳ намуда, ҳар гуна шӯхиҳо мекарданд.				2009.
С031	ОШИ НАҲОР, *оши қавм*	Оши наҳор маросими даъвати меҳмонон ва бо оши палав зиёфат додани онҳо дар доираи ҷашни арӯсӣ мебошад. Оши наҳорро субҳ ё шом баргузор мекунанд. Ба он занҳову мардон даъват мешаванд. Миқдори даъватшавандаҳо тибқи Қонун дар бораи танзими расму ойинҳо амалӣ мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2001. 2. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017.
С032	ГАҲВОРА-БАНДОН	Гаҳворабандон расми оилавиест, ки ба муносибати бори аввал ба гаҳвораи нав бастани тифли навзод барпо мешавад. Вақте ки навхонадорон соҳиби фарзанди нахустин шуданд, одатан пас аз баромадани чиллаи кӯдак падару модари арӯс барои тифли навзод гаҳвора ва лавозимоти онро харида, ҳамроҳ бо тӯҳфаҳои дигар дар рӯзи муайяншуда ба хонаи духтарашон мебаранд. Ягон кампири табаррук, ё зани хушбахте, ки соҳиби фарзандони солиму солеҳ бошад, бо дуо ва нияти нек гаҳвораро омода намуда мебандад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998. 2. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 3. Ҷумъаев Р. Таваллуд ва тарбияи атфол дар байни тоҷикони кӯҳистони Зарафшон. – Д., 2012.

С033	ДОМОД-САЛОМ, *домодчиғон, шаҳсалом*	Анъанаи тоҷикон буда, пас аз гузаштани ҷашни арӯсӣ ба хотири эҳтироми хусуру хушдоман баргузор мегардад. Домод се саҳар барои салом додан ба хонаи падарарӯсаш меояд. Дар баъзе минтақаҳо саломи рӯзи аввалро «рӯйбинон», саломи рӯзи дуввумро «шармшикан» ва саломи рӯзи севумро «покушод» меноманд.	2014	Вилоятҳои Суғд, Хатлон, водиҳои Ҳисору Рашт	Фаъол	1. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон – Д., 2014. 2. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон. – Д., 1978. 3. Свадьба // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.
С034	ДОМОД-ТАЛБОН	Маросими домодро пазирой кардан аз тарафи падару модари арӯсро мегӯянд, ки ин маросим баъд аз 3-4 рӯз ё 2-3 ҳафтаи шаби никоҳ баргузор мегардад. Домод барои пос доштани анъанаҳои аҷдодӣ рӯи худро то ҷашни арӯсӣ аз хешовандони арӯс паноҳ мекунад. Аз ин сабаб бо мақсади шиносондани домод бо аҳли хонаводаи арӯс маросими домодталбон барпо карда мешавад. Ин маросим дар доираи хонавода гузаронида мешавад.	2014	Вилоятҳои Суғд, Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон – Д., 2014. 2.Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон. – Д., 1978. 3. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998.
С035	АШАГЛОН, *сусхотун*	Маросимест, ки дар айёми хушксолӣ ва муддати дароз наборидани борон ичро мегардад. Суруди Ашаглон аз ҷониби яккахон ва гурӯҳи занҳо ичро мегардад. Занҳо дар даст хӯсаеро либос пӯшонида, хона ба хонаи деҳа мегарданд. Аз хонаҳо соҳибхонаҳо дар коса об бароварда, ба сари хӯса мерезанд. Моҳияти онро талаб борон аз худованд ташкил мекунад.	2014	Вилояти Хатлон, водиҳои Рашту Ҳисор, Зарафшон	Нимфаъол	1. Ашаглон // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. –Д., 2017. – С. 88-90. 2. Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Д., 2007.

С036	САЙРИ ХАРБУЗА, *иди харбуза*	Яке аз сайрҳои мавсимӣ, ки дар фасли тобистон, дар айёми пухтани харбузаҳо баргузор мешуд. Дар моҳи август косибону ҳунармандҳо, аҳли тиҷорат ва дигарон ба сайргоҳ ба сайри харбуза мерафтанд. Дар сайргоҳ деҳқонон навъҳои зиёди харбузаҳоро ба намоиш ва фурӯш мебароварданд. Харбузаҳои беҳтаринро бурида, меҳмононро муроот мекарданд. Дар як тарафи сайргоҳ навозандагону ҳофизон мусиқию сурудхонӣ ва рақс ташкил менамуданд. Ин анъана дар солҳои Истиқлолияти кишвар дубора эҳё шуд.	2016	Вилояти Суғд, водии Ҳисор, вилояти Хатлон	Фаъол	1. Турсунов Н. Шаҳри офтобӣ. – Д., 1989. 2. Раҳимов Д. Сайри харбуза // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ. 2. –С. 294-295.
С037	САЛЛА-БАНДОН	Яке аз расмҳои суннатии таркиби ҷашни арӯсӣ ва хатнасури тоҷикон. Дар деҳаҳои Мастчоҳу Яғноб он пас аз баргузории маросими сартарошони домод сурат мегирифт. Бобо ё яке аз хешони наздики куҳансолу рӯзгордида ба сари шаҳ саллаи сафедро ба таври махсус мебаст ва ба домод дуои нек медод. Дар баъзе аз деҳоти Ҳисор одате буд, ки пас аз тӯй салла ё дастори сафедро ягон зани беписар бо нияти писардоршавӣ аз сари домод мегирифт ва онро то тӯйи арӯсии писари худ бо мурод нигоҳ медошт.	2016	Мастчоҳ, Яғноб, Ҳисор	Дар ҳолати азбайнравӣ қарор дорад.	1. Мирзоев С. Суннатҳои маҳаллии мардуми Яғноб. – Д., 2007. 2. Мардонова А. Традиционная свадьба таджиков гиссарской долины. – Д., 2002. 3. Шарифова М. Маросимҳои тӯи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ. – Д., 2005.

С038	ЧОРШАНБЕИ ОХИРОН, *аловпарак, чоршанбесурӣ*	Ин маросим дар чоршанбеи охирони сол пеш аз Наврӯз гузаронида мешуд. Дар боғчае алав афрӯхта хурду калон аз болояш меҷаҳиданд ва ба оташ муроҷиат карда мегуфтанд: *ранҷурию ранги зарди ман аз они ту, сурхию хуррамии ту аз они ман.* Бо иҷрои ин амал мардум бовар доштанд, ки то соли нави оянда онҳо тандуруст хоҳанд буд. Дар солҳои охир ба тариқи намоишӣ онро баргузор менамоянд.	2016	Вилояти Суғд, водии Ҳисор, вилояти Хатлон	Дар ҳолати азбайнравӣ қарор дорад.	1. Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Д., 2007. 2. Раҳимов Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии ниёгон. – Д., 2011.
С039	ДОМОДБАРОН, *шаҳбарӣ*	Пештар мардони зиёде дар шакли қофилаи ҷашнӣ домодро иҳота намуда, бо рақсу сурудхонӣ то хонаи арӯс мебурданд ва агар каме манзили домод дуртар мебуд, арӯсро аспсавор мебурданд. Дар ин раванд ҷӯраҳои домод сурудҳои халқии «Аспа савор кай меоӣ?», «Шаҳ меояде», «Шаҳ муборак боде»-ро месароиданд ва рақсу бозикунон мерафтанд. Ҳоло домодро тавассути мошинҳои нави замонавӣ ва бо гулҳои махсус оро додашуда мебаранд.	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991. 3. Ҷумъаев Р. Этнопоэтикаи ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2008.
С040	ГУЛБАЗМ	Маҳфили шеърхонӣ, ки дар базми ҷашни арӯсӣ дар шакли мусобиқа, байни ҷавонписарону ҷавондухтарон барпо мегардад. Ҷавоне гул дар даст як байт ё порчаи шеъриро дар васфи гул хонда, сипас гулро ба каси дилхоҳаш месупорад. Он кас шеърхониро давом дода, ин амалро такрор мекунад ва ҳамин тариқ гул даст ба дасти ҷавонон мегузарад.	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Аминов А. Таҳлили баъзе хусусиятҳои анъанаи гулбазм // Ахбори АИ ҶТ. 2009. – №2. – С. 180-184. 2. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.

С041	ҶИҲОЗБАРӢ *туқузбарӣ,* *сарупобарӣ*	Расмест, ки баъди пурра омода шудани амволи ҷашни арӯсӣ аз ҷониби домод, рӯзеро муайян намуда, ба хонаи арӯс аз ҷониби волидайни домод чанд марду зан ҷиҳози арӯсро мебаранд. Дар хонаи арӯс ҷиҳозбиёронро меҳмондорӣ мекунанд. Дугонаҳои арӯс низ барои дидани сару либос ва ҷиҳози овардаи ҷониби домод меоянд.	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Зеҳниева Ф. Сурудҳои тӯи арӯсии тоҷикон. – Д., 1991. 2. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор. – Д., 2001.
С042	ДАНДОН-БАРОРОН, *мушакдандон*	Як навъ маросими оилавӣ, ки ба муносибати баромадани дандони аввалини кӯдак барпо мешавад. Модар бо кӯдак ба дари ҳафт хона рафта, кам-кам гандум, лӯбиё, нахӯд, биринҷ ва ғ. металабад. Ӯ ҳангоми кӯдакро ба дари ҳамсояҳо бурдан чунин суруди «Мушак, мушак, дандон бите»-ро аз забони кӯдак мехонад. Модар аз биринҷу гандуми ҷамъшуда таоми гандумкӯча мепазад ва яккосагӣ ба ҳамсоягон тақсим мекунад.	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998. 2. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик. – Д., 1973. 3. Ҷумъаев Р. Таваллуд ва тарбияи атфол дар байни тоҷикони кӯҳистони Зарафшон. – Д., 2012.
С043	НАВПО-БУРОРОН, *сарбандон,*	Яке аз расмҳои оилавӣ, ки бахшида ба нахустин қадамгузориҳои кӯдак баргузор мегашт. Дар деҳоти водии Зарафшон агар касе аз калонсолон бори нахуст қадамгузориҳои тифлро медид, зуд пеш аз қадамҳои кӯдак об пошида, мегуфт: «оби равон барин роҳ гардӣ». Дар Қаратоғ ин корро пиразани табаррук иҷро мекард. Дар баъзе деҳаҳо ба зери қадами кӯдак пахта мепартофтанд, то ки роҳаш сафед бошад. Дар баъзе рустоҳои водии Ҳисор вақте ки кӯдак нахустин қадамҳояшро гузошт, аз бо-	2016	Водии Ҳисор, Зарафшон, Рашт	Дар ҳолати азбайнравӣ қарор дорад.	1. Мирзоев С. Суннатҳои маҳаллии мардуми Яғноб. – Д., 2007. 2. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998. 3. Ҷумъаев Р. Таваллуд ва тарбияи атфол дар байни тоҷикони кӯҳистони Зарафшон. – Д., 2012.

		лои сараш қанду мавиз ва ғулинг мечошиданд, ки ҳозирин онҳоро чида мегирифтанд.				
С044	ШАБ-НИШИНӢ *базм*	Маросими асосии ҷашни арӯсӣ ба шумор меравад. Дар ин шаб ҳама наздикону пайвандон ҷамъ омада дар рӯи ҳавлӣ ё саҳни кӯча бо иштироки мутрибон ва нишастани домоду арӯс сари тахти ороддодашуда хурсандӣ менамоянд. Лаҳзаҳои дамгирии мутрибон хешовандони домоду арӯс рафиқу дугонаҳо онҳоро табрику муборакбод менамоянд. Шабнишинӣ мутобиқи Қонун дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар доираи вақт ва шумораи муайяни одамон идома меёбад. Шабнишиниро баъзе оила дар тарабхонаҳо низ барпо менамоянд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Мардонова А. Традиционная свадьба таджиков гиссарской долины. – Д., 2002. 2.Шарифова М. Маросимҳои тӯи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ. – Д., 2005.
С045	ЧОДАРЗАНОН	Чодар танҳо дар хонадони арӯс ё домоде, ки нахустин бор хонадор мешаванд, насб карда мешавад. Чодар як навъ сӯзаниест, ки дар матои сафед ё сурхи якранги дарозиаш аз 2,5 то 3 метр ва паҳнояш 1,5 то 2 метр дӯхта мешавад. Чодар дар як кунҷи арӯсхона часпонида мешавад, ки дар он ҷо арӯс ва 5-6 нафар дугонаву кадбонуҳои асосии арӯс ва хешонаш ҷой мегиранд. Чодар аввал якчанд рӯз пеш аз гусели арӯс дар хонаи онҳо часпонида шуда, баъди баровардани арӯс канда мешавад. Ҳамон	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Мардонова А. Традиционная свадьба таджиков гиссарской долины. – Д., 2002. 2.Шарифова М. Маросимҳои тӯи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ. – Д., 2005. 3. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон – Д., 2014.

		чодарро пеш аз фаровардан дар хонаи домод аз нав насб менамоянд. Чодарро зани серфарзанди таҷрибадори якникоҳа мечаспонад.				
С046	КИЛОҒУЗҒУЗ,	Килоғузғуз, расми табрики наврӯзии бачагони Кӯҳистони Бадахшон. Дар айёми ҷашни Наврӯз бачаҳо ба боми хонаҳо баромада, дар нӯги арғамчин рӯймол ё сабадчаеро баста, аз равзана поён мекунанд ва суруди махсусеро мехонанд. Ба рӯймолчаи онҳо соҳиби хона кулча, ё қанд ва ё ягон чизи дигар баста медиҳад. Дар оғоз аввал ҳар кас ба боми хонаи худ баромада, аз равзана арғамчину рӯймол мефурорад.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Шакармамадов Н., Шакармамадов О. Наврӯзи Бадахшон. Хоруғ, 2003. 2. Ҷамшедӣ П. Наврӯзи Бадахшони Тоҷикистон // Мардумгиёҳ. 1997. – № 1-2.
С047	ЧИЛЛА, *чилладорӣ*	Чилла давраи муайянест, ки тибқи ойинҳои суннатӣ, ичрои баъзе амалҳо маҳдуд ё мамнуъ мебошад. Тифли навзод то чилрӯза шуданаш чилла дорад ва волидайну наздиконаш ӯро аз таъсири ҳамагуна падидаҳои табиӣ ва рӯҳонӣ эҳтиёт мекунанд. Худи модари навзод низ чилланок ҳисоб мешавад. Арӯсу домоди ҷавон то чил рӯзи пас аз никоҳ низ чилла доранд, танҳо намегарданд, танҳо намехобанд. Писарбачаи хатнашуда ҳам чилла дорад.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Мардонова А. Обычаи и обряды детского цикла у таджиков верховьев Зеравшана в прошлом и настоящем // Советская этнография. – М., 1984. – №3. – С.120-129. 2. Ҷумъаев Р. Таваллуд ва тарбияи атфол дар байни тоҷикони кӯҳистони Зарафшон. – Д., 2012.

ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

Бахши 4. – Расму одатҳо, таҷрибаҳои иҷтимоӣ (D000)

№	Номи унсур ва истилоҳоти дигар	Тавсифи мухтасар	Соли сабт дар феҳрист	Маҳалли густариш	Вазъи имрӯзаи унсур	Адабиёт
D001	ГАШТАК, *гап, гапхӯрӣ*	Маҳфили анъанавиест, ки ҷавонон, мардҳо ва баъзан занҳо гурӯҳи алоҳида шуда, ба навбат дар хонаҳои якдигар ҷамъ меоянд ва таом хӯрда, суҳбат меороянд. Баъзан дар гаштакҳо созҳои мусиқӣ навохта, суруд мехонанд. Афсонаву ривоят ва латифагӯйӣ мекунанд. Дар баъзе ҷойҳо маҳфили гаштакро дар чойхона, тарабхо-	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. “Гаштак” ҳамчун ниҳоди иҷтимоии суннатии тоҷикон // Осор / маҷмӯаи илмии ПИТФИ. Шумораи 1. – Д., 2014. – С.9-34. 2. Раҳмонӣ Р. Гаштак

		на ва ё меҳмонхонаҳо барпо мекунанд.				// Донишномаи фарҳанги мардум. 2016. – Ҷ.1. – С. 211-212.
D002	МЕҲМОН-ДОРӢ	Одати меҳмондории мардуми тоҷик расму одоби махсусе дорад. Одоби нишаст, гуфтугӯ, хӯрокхӯрӣ, эҳтироми калонсолон ва амсоли инҳо барои тоҷикон хос мебошад. Тоҷикон меҳмонро хеле ҳурмат менамоянд, ӯро атои Худо мешуморанд. Меҳмондорӣ ҳамчун падидаи фарҳангӣ ва ахлоқӣ борҳо дар осори адибони классики тоҷик мавриди тасвиру тавсиф қарор гирифтааст.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳматзод Б. Одоби меҳмондории тоҷикон // Паёмномаи фарҳанг. – 2018. – №2. 2. Раҳимӣ И. Одам дар байни одамон ё ҳазору як қоидаи одоб. – Д., 2007.
D003	МИЗОҶ-ШИНОСӢ, *ташхиси мизоҷ*	Яке аз бахшҳои тибби суннатӣ ташхиси мизоҷ мебошад. Табиати ҳар як инсон, меваю сабзавот, растанӣ, ҷонварон ва маъданҳо дар тибби халқии тоҷикон дорои мизоҷ мебошад. Мизоҷ, асосан, чор навъ мешавад. гарм, сард, тар ва хушк. Мизоҷҳо ба воситаи омезиши хусусиятҳои чор унсури табиат: оташ, бод, об ва хок дар инсону ҳайвон ва дигар мавҷудот таркиб меёбанд. Дар тибби халқӣ, чигунагии мизоҷи инсонро аз рӯйи гӯшти бадан, ранги пӯст, ранг ва шакли мӯйҳо ва дигар нишонаҳо низ муайян мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Зоҳидов Ҳ. Канзи шифо. – Д., 1991. 2. Зоҳидов Ҳ. Хазинаи тибби қадим. – Д., 1990. 3. Тибби халқӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 129-131.

D004	КИРМАК-ПАРВАРӢ, *пиллакашӣ*	Соҳае аз хоҷагидорӣ, ки аз замонҳои қадим байни тоҷикон маъмул буд. Кирмакро аз тухмаш тавлид кунонида, дар рафҳои махсус бо барги тут парвариш менамоянд. Дар муддати 30-35 рӯз кирмак ба шапалаки абрешим табдил ёфта, гирди худ пилла метанад. Пилларо аз шохаҳои тут ҷудо карда, нахи абрешимро аз он кашида, калоба тайёр мекунанд ва дар бофтани матоъҳо истифода мебаранд.	2016	Вилоятҳои Суғд, Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Ҳомидов И. Кирмак-парварӣ // Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқ. – Д., 1989. – Ҷ. 1. – С.415-416. 2. Аминов А. Кирмак-парварӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018. – С. 96-100.
D005	МЕВА-ХУШКОНӢ, *меваҷоҳкунӣ*	Хушконидани меваи тар барои истифодаи он дар фаслҳои сармо. Мардуми тоҷик дар фаслҳои тобистону тирамоҳ ба хушконидани меваҳои зардолу, олу, олуча, себ, шафтолу, нок, ангур ва ғайра машғул мешаванд. Мевахушконӣ ба тарзҳои соягӣ, офтобӣ ва сунъӣ амалӣ мешавад. Себу нокро реза карда мехушконанд. Ангур, шафтолу, зардолу ва амсоли инҳоро буғ дода, хушк мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Мевахушконӣ // Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқ. – Д., 1989, – Ҷ. 1. –С. 517-518.
D006	ЗАНБӮР-ПАРВАРӢ, *асалгирӣ*	Як бахши фаъолияти мардум, ки ба парвариши занбӯри асал марбут аст. Занбӯрпарварон дар лона – қуттиҳои махсус оилаҳои занбӯронро парвариш намуда, асал ва муми онро мегиранд. Қуттиҳо бештар дар навоҳии кӯҳистон, ҷойҳои сергулу алаф гузошта мешаванд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1.Аминов А. Занбӯрпарварӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2017. – Шумораи 4. – С.147-153. 2. Набиев М. Занбӯрпарварӣ // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Д., 1981, – Ҷ. 2. –С. 453.
						1. Рахимов М. Земле-

D007	ХИРМАН-КӮБӢ, *хирманкӯбон*, *галагов, ҳуппӣ*	Ҷараёни бо барзаговҳои корӣ кӯфтани хӯшаҳои гандум дар хирман. Хирманкубӣ бо ду усул анҷом дода мешавад. Усули якум ба воситаи бастани чапар ба ҷуфти барзаговҳо сурат мегирад. Чапарро ба говҳо баста, онҳоро дар болои дарзаҳои гандум, то хурд-хурд шудани коҳ гирд мегардонанд. Усули дуюми хирманкӯбӣ "галагов" ном дорад. Дар хирманҷой 6-10 барзаговро бо арғамчини сахт аз гарданашон ба якдигар мебастанд ва онҳоро дар болои дарзаҳои гандум чарх мезанонанд.	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	делие таджиков бассейна р. Хингоу в дореволюционный период. – Сталинабад, 1957. 2. Эшонкулов У. История земледельческой культуры горного Согда (с древнейших времен до начала XX в.). – Д., 2007. 3. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998.
D008	МОҲИДОРӢ *моҳигирӣ*	Яке аз шуғлҳои анъанавии мардуми тоҷик. Шикори моҳӣ аз дарёҳову ҷӯй ва обанбору кӯлҳо бо роҳу усулҳои гуногун анҷом дода мешавад. Моҳиҳоро бо асбобҳои махсус: шаст, тӯри дастӣ, чач, сабад ва ба воситаи дастҳо шикор мекунанд. Инчунин усули обхушккунӣ низ маъмул аст. Оби ҷӯйҳоро аз болотар ба дигар самт баста, бо даст моҳӣ медоранд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д., Касбу хунарҳои мардуми тоҷик. – Д., 2014. 2. Нурджанов Н. Охота // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.1, – Д., 1966.

D009	НИҲОЛ-ПАЙВАНД-КУНӢ, *пайванд*	Ниҳоли дарахтонро бо роҳҳои пайвандкунӣ, қаламча ва зери хок кардани донак зиёд мекунанд. Пайванд кардани ниҳолҳо яке аз усулҳои қадимаи афзоиши дарахтони мевадор буда, навъҳои зерин дорад: нойчапайванд, қаламчапайванд, кундапайванд, исканапайванд, баргпайванд, пӯстпайванд ва ширпайванд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рахимов М. Садоводство // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.1, – Д., 1966. 2. Эшонкулов У. История земледельческой культуры горного Согда (с древнейших времен до начала XX в.). – Д., 2007.
D010	ОБЁРИИ СУННАТӢ	Дар байни кишоварзон таҷрибаву малакаҳо оид ба ҷӯйканӣ, обёрӣ, обтақсимкунӣ, дарғотсозӣ, нигаҳдории об дар ҳавзҳо, тоза нигоҳ доштани об мавҷуданд. Деҳқонон ҳангоми об додани киштҳои пахта, гандум, анвои ғалладона, сабзаВоту дарахтон усулҳои хос ва донишҳои зиёди суннатиро ба кор мебаранд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рахимов М. Земледелие таджиков бассейна р. Хингоу в дореволюционный пе-риод. Сталинабад, 1957. 2. Эшонкулов У. История земледельческой культуры горного Согда. – Д., 2007.
D011	ТАҚВИМ-ҲОИ ХАЛҚӢ	Дар байни мардуми тоҷик дар баробари солшумории григорианӣ тақвимҳои гуногуни халқӣ маъмул мебошанд, ки то ба имрӯз аз рӯйи баъзе аз онҳо мардум ҳисоби вақтро муайян мекунанд. Тақвимҳои офтобдармард дар Бадахшон, чиллашуморӣ дар водиҳои Ҳисору Рашт, Зарафшон, вилояти Суғд то ҳол корбурд доранд. Солшуморихои ҳиҷрии шамсию қамарӣ дар таъйини ҷашнҳои мавсимӣ, иду санаҳои динии	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Холов М. Тақвимҳои кишоварзии тоҷикони кӯҳистон. – Д., 2006. 2. Рахимов М.Р. Исчисление времени у таджиков бассейна река Хингоу в XIX – начале XX века //

		халқӣ то ба имрӯз мавриди истифодаанд.				Сов. этнография. 1957. –№2. –С. 75.
D012	ГИЁҲ-ДАРМОНӢ	Яке аз усулҳои суннатии табобати бемориҳои инсон, ки тавассути гулу барг, поя, реша, мева ва тухми растаниҳо сурат мегирад. Барои табобат бо гиёҳон табибони халқӣ пеш аз ҳама мизоҷи растании давогӣ ва мизоҷи беморро ба назар мегиранд. Аз гиёҳҳо маҳҷун, нӯшоба, малҳам, кулчадору, хамира, хока ва усора тайёр карда, ба беморон тавсия медиҳанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Зоҳидов Ҳ. Канзи шифо. – Д., 1991. 2. Зоҳидов Ҳ. Хазинаи тибби қадим. – Д., 1990. 3. Тибби халқӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 129-131.
D013	ЧЕНАКҲОИ ХАЛҚӢ	Метрологияи халқӣ, воҳидҳои андозакунии вазн, дарозӣ, ҳаҷм, моеъ, вақт, ҳарорат ва ғайра. Мардуми тоҷик барои ифодаи андоза аз замонҳои қадим воҳидҳои муайянеро интихоб карда, дар рӯзгори худ то ба имрӯз истифода мекунанд. Масалан, гандумро бо тоқӣ, коса, халта ҳисоб мекунанд. Вазнро бо пуд, нимча, мисқол, дарозиро бо фарсанг ва ғ.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Метрология // ЭСТ. – Д., 1983. – Ҷ. 4. – С. 350-351.
D014	ШИРНАВ-БАТ,	Одати анъанавии тоҷикони кӯҳистон, ки ба тарзи шарикӣ тақсим кардани шир марбут мебошад. Маъмулан, 6-8 нафар занҳои як кӯча ё як маҳалла, ки шири говҳояшон нисбатан	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рахимов М. Животноводство // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.1. – Д., 1966.

	певоз, пиёвоз	камтар бошад, байни худ маслиҳат карда, ширкати одии табодули ширро ташкил мекунанд. Зеро ба танҳоӣ аз шири кам чурғоту маскаи зиёд гирифтан имкон надорад. Занҳо аз байни худ як нафарро “певозчии калон” интихоб мекунанд ва ӯ равиши минбаъдаи ширтақсмикуниро назорат менамояд.				2. Абдулвахидов Р. Скотоводческие занятие таджиков Кулябской области в конце XIX-XX веков. – Д., 1988.
D015	ШИКОР, *шикорчигӣ*	Шуғл ва яке аз воситаҳои дарёфти ғизо ва рӯзгузаронии мардум. Дар кӯҳистони кишвар ҷонварони гуногуни сайдшаванда: бузи кӯҳӣ, нахчир, оҳу, хирс, суғур, рубоҳ, гург, заргӯш, саги обӣ, кабк, бедона ва ғайра зиндагӣ мекунанд, ки шикорчиён онҳоро шикор намуда, маҳсулоти онҳо – гӯшт, тухм ва пӯсту равғанашонро гирифта, бо мақсадҳои мухталиф истифода мебаранд. Шикори гурӯҳиро шикори *ҳалқия, ҳалқашикор* ё *қанаргашикор* меноманд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Кисляков Н. Охота таджиков долины р. Хингоу в быту и фольклоре // Советская этнография. 1937. – №4. – С.104-119. 2. Нурджанов Н. Охота // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.1, – Д., 1966. 3. Раҳимов Д., Касбу ҳунарҳои мардуми тоҷик. – Д., 2014.
D016	ҲАШАР	Анъанаи кори дастаҷамъона, ки ҳангоми иҷрои корҳои калонҳаҷм истифода мегардад. Маъмулан сохтани биноҳо, таъмири роҳу пулҳо, тоза кардани ҷӯю соҳилҳо, кишти зироатҳо, дарави ғалла ва монанди инҳо тавассути ҳашар иҷро карда мешавад. Дар ҳашар мардҳои як кӯча, ё як деҳа ва ё дӯстону наздикон бидуни талаби музд баробар кор мекунанд. Ин шакли меҳнат ду хел мешавад: (1) ҳашар барои кори шахсӣ ва	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ҳашар // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 120-123. 2. Мухиддинов И. К вопросу о формах коллективного труда

		(2) ҳашар барои корҳои ҷамъиятӣ.				в кишлачной общине в Вахане и Ишкашиме // Памяти А.А. Семёнова /сб. статей. – Д., 1980, 287-293.
D017	ДОРУСОЗӢ	Дору моддаест, ки барои муолиҷа ё пешгирии беморихо истифода мешавад. Онро аз гулу гиёҳҳо дар хона бо усулҳои анъанавӣ тайёр мекунанд. Масалан таҳияи қиёмҳо аз зирк, арча, хома, пудина ва нӯшобаҳо аз гулу гиёҳҳо мебошад. Баъзе доруҳоро аз маъданҳо, маҳсулоти ҷонварон, меваю сабзавот омода месозанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Тибби халқӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 129-131. 2. Зоҳидов Ҳ. Канзи шифо. – Д., 1991. 3. Зоҳидов Ҳ. Хазинаи тибби қадим. – Д., 1990. 4. Нуралиев Ю. Дору // ЭСТ. – Д., 1980. – Ҷ.3. – С.326-330.
D018	АЙЛОҚ, *ҳайҷо*	Таҷрибаи дар фасли тобистон ба чарогоҳҳои кӯҳистон бурдани рамаву пода. Ба айлоқ рафтани чорводорон аз охирҳои моҳи май шурӯъ шуда, то моҳи сентябр идома меёбад. Мардуми чорводор рамаву подаро пеш-пеш намуда, асбобу ашёи лозимиро барои тобистонгузаронӣ ба асбу харҳо, инчунин ба мошинҳо бор карда, ба чарогоҳҳои муйяни	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимӣ Д. Таҷрибаҳои чӯпонӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018. – С. 101-104. 2. Абдулвахидов

		кӯҳистон мебароянд. Дар айлоқ онҳо хонаҳои мувақаттӣ ё хаймаҳо месозанд. Мардҳо ба молбонӣ ва занҳо ба корҳои хона, ба таҳия ва захираи маҳсулоти ширӣ, аз ҷумла, равғани зард, кашк (қурут) машғул мешаванд. Инчунин ширкатҳои истеҳсолӣ ва фермаҳо молҳои худро дар тобистн ба чарогоҳҳо мебаранд.				Р. Скотоводческие занятие таджиков Кулябской области в конце XIX-XX веков. – Д., 1988.
D019	ГУЛПАР-ВАРӢ, *гулшинонӣ, ниҳолпарварӣ*	Гулпарварӣ аз таҷрибаҳои суннатии мардуми тоҷик мебошад, ки бо донишҳои анъанавӣ ва табиӣ оид ба гулу гиёҳҳо марбут аст. Тоҷикон аз қадимулайём дар боғу гулистонҳо, назди ҳавлӣ, даруни хона дар тубакҳо гул парвариш менамуданд. Дар шароити имрӯза гулхонаҳо ё гармхонаҳои махсуси гулпарварӣ низ фаъолият мекунанд. Гулҳоро аслан бо ду роҳ – тухмӣ ва қаламча зиёд ва сабз мегардонад. Гул ҳамчун растании хушбӯю зебо барои ороиши дохили хонаҳо ва рӯи ҳавлиҳо ва ғайра истифода мешаванд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Гулпарварӣ // Энсиклопедияии миллии тоҷик. – Д., 2016.-Ҷ, 4. – С.556. 2. Рахимов М. Садоводство // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.1, – Д., 1966.
D020	МӮЙБОФӢ	Мӯйбофӣ фарогири донишу таҷрибаҳои анъанавӣ оид ба ориши мӯй дар байни занони тоҷик, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз маъмул мебошад. Дар гузашта шахсони махсусе буданд, ки ин амалро иҷро мекарданд ва онҳоро *машшота, мӯйбоф* ё *мӯйпирой* мегуфтанд. Мӯйбофӣ мувофиқи сину сол, либос, ҷашну маросимҳо, тӯй ва мактаб анҷом дода мешавад. Дар тӯли таърих навъу усулҳои мӯйбофӣ ба вуҷуд омадаанд:	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ниёзова М. Кокулбофӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018. – С. 76-79. 2. Мӯйбофӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон /

		майдабофӣ, хомбофӣ, пухтабофӣ, занҷирбоф, нимбоф, кокулча, себоф, бофти якқабата, бофти дуқабата, бофти сеқабата, чилкокул ва ғайра.				мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 116-118. 3. Носирова Л. Кокулбофӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.153-157.

ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

Бахши 5. – Касбу ҳунарҳои мардумӣ (E000)

№	Номи унсур	Тавсифи мухтасар	Соли сабт дар фехрист	Маҳалли густариш	Вазъи имрӯзаи унсур	Адабиёт

E001	АЛОЧА-БОФӢ	Алоча матои рахдори рангоранг ва дорои нақшу нигори мураккабу реза мебошад. Нақши алоча аз раҳҳои ҳаррангаи кабуд, сабз, сиёҳ, сурх ва зард таркиб меёбад. Нақшҳои он «миттӣ», «мушку заъфар» ва «байрақ» ном доранд. Тори алочаи дубанда 400 нах дошта, бараш тақрибан 40 см мебошад. Пудашро аз ресмони кабуд, сиёҳ ва баъзан сабз тайёр мекунанд.	2014	Турсунзода, Шаҳринав Ҳисор, Хуҷанд, Истарав-шан,	Нимфаъол	1. Ершов Н.Н. Гиссарская алача // Памяти А.А. Семёнова / сб. статей. – Д., 1980. 2. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.с. 10-12.
E002	ЧАКАНДӮЗӢ	Санъати чакандӯзӣ навъе аз тарзҳои дӯхтани гулҳо, нақшу нигор ва тасвирҳои рамзнок бо риштаҳои ранга дар матои пахтагин мебошад. Одатан, гулдузии чакан дар курта, сӯзанӣ, болишт, ҷойпӯш, бардеворӣ, тоқӣ, гаҳворапӯш, камарбанд, рӯмол ва ғайра истифода мешавад. Ҳар нақши дар болои матоъ дӯхташуда ном дорад, чунончи: косагул, гули анор, барги бед, моҳу ситора, офтоб, абр ва монанди инҳо. Куртаи чакан махсус барои занҳову духтарон дӯхта мешавад. Дар ҷашнҳои расмӣ ва идҳои халқӣ духтарон ҳатман куртаи чакан ба бар мекунанд. Соли 2018 номинатсияи «Чакан – ҳунари гулдӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Феҳристи репрезентативии ЮНЕСКО расман ворид гардид.	2014	Вилояти Хатлон, водии Рашт, Дарвоз	Фаъол	1. Майтдинова Г.М. Чакан в художественной культуре таджиков: преемственность и традиционализм // Очерки истории и теории культуры тадж. народа. – Д., 2006. 2. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. Чакан // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 152-154.
E003	ЗАРГАРӢ	Як навъ ҳунари истеҳсоли маснуоти ороишӣ, ки тавассути он зару зевар, асбобу ашёи рӯзгор, либосу аслиҳаи ҷангӣ ва амсоли инҳо аз фулузот	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Умарова З. История исследований ювелирного

		(тилло, нуқра, мис, биринҷӣ, оҳан ва ғ.), сангҳои қиматбаҳову арзонбаҳо (алмос, лаъл, ёқут, фирӯза, зумуррад, лоҷвард, ҷазъ, булури кӯҳӣ, ҷамаст, яшм, қаҳрабо, ақиқ ва ғ.), аз модаҳои органикӣ (устухони фил, садаф, марворид, чӯб) сохта мешавад.				искусства таджиков // Очерки истории и теории культуры тадж. народа. – Д., 2006. – С. 277-302. 2. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.
E004	ЗАРДӮЗӢ	Зардӯзӣ навъҳои гуногун дорад. Ду навъи он: заминдӯзӣ ва гулдӯзӣ маъмул аст. Дар заминдӯзӣ нақш тамоми сатҳи заминро фаро гирифта, дар он ҷои холӣ намемонад. Дар навъи гулдӯзӣ бошад, нақш танҳо дар рӯи қолаб дӯхта мешавад. Зардӯзон тарҳи наққошон ё худашон тайёркардаро аз коғаз бурида рӯи матоъ мечаспонанд ва аз рӯи он сӯзан мезананд. Баъд зарро рӯи нусха монда аз ду тараф бахия медӯзанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Зардӯзӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 144-147. 2. Майтдинова Г.М. Традиции художественного ткачества таджиков // Мероси ниёгон. 1999, – №4. – С.123-128. 3. Зардӯзӣ // ЭСТ. –Д., 1980. – Ҷ. 2.
E005	КАНДАКОРӢ	Усули коркарди ҳунарии чӯб, санг, устухон, гач, гил ва ғ., ки бо роҳи кандану бурида гирифтан ҳосил мешавад. Кандакорӣ дар меъморӣ (ороиши биноҳо), истеҳсоли ашёву анҷоми рӯзгор ва ғ. истифода мешавад. Дар кандакорӣ, асосан, чубро (арча, чанор, тут, чормағз) ба кор бурда, аз онҳо ашёҳои рӯзгор	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рузиев М. Декоративно-прикладное искусство таджиков. – Д., 2003. 2. Кандакорӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон /

		(коса, табақ, кавш ва ғ.), шоҳсутунҳову, раву болор, дару дарвозаҳои нақшин, панҷара ва амсоли ин месозанд. Ҳунари кандакорӣ дар ороиши чойхонаҳо, масҷидҳо, хонаҳои истиқоматӣ истифода мешавад. Ҳамчунин дар солҳои охир шакли қолабии (рехтани гач) ин амал маъмул шудааст, ки барои ороиши биноҳо ва хонаҳои истиқоматӣ истифода мебаранд.				мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С.201-204.
Е006	КУЛОЛӢ	Соҳаи ҳунармандӣ, ки аз хоки махсус сохтани ашё, хусусан, зарфро дар бар мегирад. Барои инкишофи ин ҳунар, пеш аз ҳама, хоки мувофиқ лозим аст. Кулолон аз гил ашёи рӯзгор: коса, табақ, кӯза, хум, хурма ва ғ. истеҳсол мекунанд. Имрӯз дар устохонаву корхонаҳо, фабрикаҳо ва комбинатҳои таълимии истеҳсолӣ маснуоти кулолӣ истеҳсол карда мешавад.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Пещерева Е.М. Гончарное производство Средней Азии. М.-Л., 1959. 2. Ершов Н.Н. Каратаг и его ремесла. – Д., 1984. 3. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.
Е007	МИСГАРӢ	Ҳунари аз мис сохтани асбоби рӯзгор, аслиҳа ва ашёи гуногун. Афзори мисгар, асосан, паргор, пӯлодқалам, қайроқ ва болға мебошад. Мистарон чойҷӯш, офтоба, табақ, лаълӣ, дастшӯй, кӯза, қандоб, яхмос, чилим, шамъдон ва дигар ашёи мисӣ месозанд. Ҳоло дар корхонаҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ ин ҳунар дар ривоҷ буда, мисгарон дар амали худ услубҳои анъанавӣ ва муосирро омезиш медиҳанд.	2014	Истарав-шан, Хуҷанд	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ до-радю	1. Мисгарӣ // ЭАСТ. – Д., 1989. – С.275-276. 2. Рузиев М. Декора-тивно-прикладное искусство таджиков. – Д., 2003. 3. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. 4. Мисгарӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар

						Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 174-176.
Е008	НАМАДРЕЗӢ	Яке аз ҳунарҳои қадимаи мардумӣ, ки истеҳсоли он аз пашми гусфанд ва баъзан аз пашми буз сурат мегирад. Пеш аз рехтани намад, пашмро интихоб намуда онро мешӯянд, хушк мекунанд ва бо савачӯб мезананд. Намадрезон пашмро ба андозаи лозимӣ паҳн карда, ба болояш оби ҷӯш пошида, мемоланд. Баъд лӯлаи мазкурро ресмонпеч карда, ду кас аз ду тараф истода, ресмонро ба навбат тарафи худ мекашанд. Чун пашм андаке сахт шуд, онро 6-8 нафар бо панҷаву оринҷ мемоланд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Холмуродов З. Намадмолӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2017. Шумораи 4. – С.118-123. 2. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. 3. Мамадамонов Х. Намадрезии пурнақшу нигори бонувони Помир // Фарҳанг ва ҳунар. 2009. – №3.
Е009	САНДУҚ-СОЗӢ	Як навъ ҳунари қадимаи мардумист, ки аз чӯб сохтани асбоби рӯзгор, қуттии калоне, ки дар он анҷоми рӯзгор, асбоби зиннат ва дигар чизҳои нодирро нигоҳ медоранд, дар бар мегирад. Тахтаҳои пеш, қафо ва зери сандуқро ба ҳам васл намуда, мехкӯб мекунанд. Қисми пеши сандуқро тунука кашида, онро ба таври дилхоҳ оро медиҳанд. Тунукаро бо мех зарб зада дар рӯи он нақши гул ё ягон нақши дигарро мепартоянд, сипас ба рӯяш ранг мемоланд. Барои бардоштани сандуқ ба ду паҳлӯи он ҳалқа мешинонанд.	2014	Вилояти Суғд, ш. Бохтар, Водии Ҳисор	Фаъол	1. Холмуродов З., Абдулвоҳидов П. Нигоҳе ба баъзе касбу ҳунарҳои мардумӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2016. Шумораи 1. – С.96-110. 2. Шарипов Н. Сандуқсозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д.,

						2017. – Ҷ. 2.– С. 316-317.
Е010	САРТАРОШӢ	Як навъ касби анъанавӣ, ки дар гузашта машғулияти мардона буд. Имрӯз занҳо низ ба ин ҳунар майл доранд. Дар гузашта, сартарош баробари тарошидани мӯйсар, риш ва ба тартиб даровардани мӯйлаб, инчунин хатна, хунгирӣ, табобати баъзе касалиҳои асабро низ ба уҳда дошт. Аксари сартарошҳо шогирд доштанд. Баъди омӯхтани касб шогирд маросими розигии устодро мегузаронд ва пас аз он устои мустақил мешуд. Ҳоло сартарошон курсҳои махсусро хонда, соҳиби шаҳодатнома мешаванд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. 2. Сартарошӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми-тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ. 2.– С. 322.
Е011	ГУЛДӮЗӢ	Навъи санъати ороиши амалии халқии қадима буда, бо сӯзан ва чангакҳои махсуси гулдӯзӣ дар рӯи матоъҳои гуногун бо ресмонҳои пахтагӣ, пашмӣ, абрешимӣ ва нахҳои зарину нуқрагӣ, инчунин бо сангҳои қиматбаҳо, шадаи майда, муҳраи реза, пулакчаҳои рахшон, тангаҳо, марҷону марворидҳо дастӣ иҷро карда мешавад. Гулдӯзӣ, асосан, шуғли хонагӣ буда, барои ороиши сару либос, истиқоматгоҳ, ҷиҳози хона, ашёи шахсӣ ва дигар васоили зиндагӣ истифода мешавад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Исоева – Юнусова Н. Гулдӯзии тоҷикӣ. – М., 1979. 2. Гулдӯзӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 14147-152. 3.Сухарева О.А. Сузани. Среднеазиатская декоративная вышивка. Ташкент. 2013. – С.26.
Е012	ҲАЛВОГАРӢ	Як навъ ҳунари халқӣ буда, аз шакар, орд, ҷавҳари лиму ва равған тайёр кардани ҳалво аст. Ба дег шакар ва об андохта, меҷӯшонанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д., Холмуродов З. Ҳунари ҳалвогарии тоҷикон.

		Баъд ба қиёми тайёршуда ҷавҳари лиму илова карда, меҷӯшонанд. Ба қиёми ҷавҳардор орди бирёнро кам-кам рехта, бо белчаи чӯбӣ то хамир шудани он лат медиҳанд. Ба рӯи тахта, сурфа ва ё тағора орд пошида, бар он хамираи ҳалворо мерезанд ва то тор-тор шуданаш гоҳ-гоҳ орд пошида якчанд маротиба ба ду тараф мекашанд. Ҳалво навъҳои гуногун дорад: лавз, сафедак, ҳалвои тар, мағзӣ, пашмак, собунак ва ғайра.				// Паёмномаи фарҳанг. – 2015. – №3 (31). –С.40-46. 2. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 2. Ширинҳои анъанавӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 239-241.
Е013	ҶӮРОББОФӢ	Ҳунари қадимаи мардуми кӯҳистон буда, тайёр кардани як навъ пойпӯши маъмулан пашмин мебошад. Ҷӯробро аз қадимулайём тоҷикони кӯҳистон, аз ҷумла Помир, дар рӯзҳои тӯй, ид ба меҳмонон тӯҳфа мекарданд, ки ин анъана то имрӯз давом дорад. Ҷӯроб аз қисми соқ, пошна ва пошнача иборат аст. Онро ҳар бофанда мувофиқи завқу маҳораташ гулпартоӣ мекунад. Ду навъи ҷуроб: мӯзаҷуроб (дароз) ва ҷӯробак (кӯтоҳ) маъмул аст. Ҳамчунин ду тарзи бофтани ҷуроб вуҷуд дорад: яксиха ва панҷсиха.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Ҳунарҳои шерозбофӣ ва ҷуроббофии мардуми Бадахшон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С.153-164. 2. Сатторова Г. Ҷӯроб // ЭСТ. – Д., 1988. – Ҷ. 8.– С.509. 3 Широкова З.А. Одежда // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.2, – Д., 1970.

E014	ТОҚИДӮЗӢ, *тӯппидӯзӣ*	Каллапӯши миллии тоҷикон. Навъҳои гуногуни тоқӣ: чустӣ, чакан, чоргули ироқӣ, такдӯзӣ ё чамангул, зардӯзӣ, юрма, пӯпакдор, тӯртӯппӣ, духоб, кабуд ва ғ. маъмул мебошанд. Дар ҷануби Тоҷикистон тоқии мудаввар ва гумбазшакл ва дар шимоли кишвар тоқии чоркунҷа маъмул аст. Матоъи тоқиҳои ноҳияҳои ҷануб аз карбос, алоча, чити ранга, шоҳӣ, махмал, парча дӯхта мешаванд. Тоқиҳо шакли мардона, занона ва бачагонаро доранд.	2013	Саросари кишвар	Фаъол	1. Широкова З.А. Одежда // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.2, – Д., 1970. 2. Раҳимов Д. Тоқидӯзӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 3. – Д., 2017. – С.158-163.
E015	ГАҲВОРА-СОЗӢ	Як навъи ҳунаре, ки аз чӯби бед, чормағз, зардолу ва тут гаҳвора месозанд. Одатан дарозии гаҳвора 1-1,5 м, бараш 35- 45 см ва баландиаш зиёда аз 50-60 см мешавад. Асоси гаҳвора аз (тир) даста ва тахтачӯб иборат буда, поёнтари тахтачӯбро барои тубак (сиба) сӯрох мекунанд. Даставу тахтачӯб аз ду тараф бо чамбари нимдоира васл мешаванд. Барои муҳофизати сар ва пои кӯдак ба дохили чамбар ба тарзи амудӣ чӯбакҳо мегузоранд. Даставу чамбарҳо ва қасабаи гаҳворарo нақкошиву кандакорӣ мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н.Н. Деревообделочный промысел // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 1, 1966. 2. Холмуродов З. Гаҳворасозӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.90-94.
E016	КОШИН-ПАЗӢ *кошингарӣ, кошинрезӣ, кошикорӣ*	Касби анъанавие, ки тавассути он аз гилмоя бо минералҳо, оксидҳо ва дигар пайвастагиҳои ғайриорганикии омехташуда кошин истеҳсол мешавад. Барои мустаҳкам шудани гилмоя ба он мӯй, намакхок ҳамроҳ мекарданд. Гилмояи тайёрро ба қолабҳо мерехтанд, сипас онро дар хумдонҳои яктарафа ё дутарафа гузошта, дар ҳарорати хеле баланд мепухтанд. Баъд ба рӯи	2014	Истарав-шан	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад.	1. Раҳматов Б. Кошикорӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. –Д., 2015. – Ҷ. 1. – С. 478-480. 2. Рузиев М. Декоративно-прикладное

		порчаҳои сафол сир медавониданд. Кошинҳои сирдорро 2-3 маротиба сир молида мепухтанд.				искусство таджиков конца XIX - XX вв., – Д., 2003.
E017	НАҚҚОШӢ, *нақшкашӣ*	Ҳунари офаридани нақш, маҳсули эҷоди ҳунармандони халқӣ ва касбӣ, яке аз навъҳои қадимаи санъати ороиши амалӣ. Нақкошӣ таърихи қадима дошта, инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кӯлолӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ, гулдӯзӣ ба тараққиёти он мусоидат намудааст. Дар нақкошии нусхаҳои гирех (гирехи паргор, мадохил, ҷавак, секунҷа, мураббаъ, ситораҳо, чоркалид, чоркарта, кунгура доира, морпеч, мавҷ, …), ислимӣ (қуштаноб, марғула, бодом, анор, гули хайрӣ, садбарг, лола, тоҷи хурӯс, нилуфар, ангур, анҷир…), катиба, акси ҷонварон (булбул, тутӣ, паланг, кабк…) маъмуланд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рузиев М. Декоративно-прикладное искусство таджиков конца XIX - XX вв., – Д., 2003. 2. Муҳиддинов С., Рӯзиев М. Нақкошӣ // Донишномаи фарҳанги мардум. – Д., 2017. –Ҷ.2. – С. 37-47.
E018	ДУРЕДГАРӢ, *чӯбкорӣ, наҷҷорӣ*	Соҳаи ҳунармандӣ, ки ҷузъҳои иморатсозӣ, афзорсозӣ ва сохтани ҷиҳози рӯзгор (ҷевон, гаҳвора, созҳои мусиқӣ, сандуқ, ароба, зин, табақҳо, қошуқҳои чӯбӣ ва ғ.)-ро дар бар мегирад. Маводи хоми наҷҷорӣ, асосан, чӯб ва ашёи ҷузъӣ-ширеш, шилм, меху мехчӯбҳо мебошад. Афзори наҷҷорӣ досранда, ҷафсранда, аспакранда, дарозранда, гулранда, новаранда, комаранда, арраҳои гуногуну исканаҳои хархела буда, сабти чунин навъи нақшҳо тавассути асбобҳои махсус-уштургардан, сунба,	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. 2. Ершов Н.Н. Деревообделочный промысел // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 1, 1966. 3. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998.

		қалами ростак, паргор ва ғайра сурат мегирад.				
E019	ЧАРМГАРӢ, *пӯстгарӣ, даббоғӣ, кемухтгарӣ*	Як навъ ҳунари тайёр кардани пӯст барои духтани афзор. Чармгарӣ, аввалҳо дар байни бодиянишинҳо, дертар аҳолии муқими Осиёи Миёна маъмул шуд. Аввал пӯстро дар оби ширгарм тар намуда, ба он намак ва хамиртурш меомезанд ва муддате то ош хӯрдан нигоҳ медоранд. Баъд онро бо корд ва ё лос тоза мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад.	1. Раҳимов Д. Чармгарӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. –Д., 2017. – Ҷ. 2. 599-601. 2. Наботов Н. Чармгарӣ // Энсиклопедияи советии тоҷик – Ҷ. 8. – Д., 1988. 3. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.
E020	ПӮСТИН-ДӮЗӢ	Дӯхтани як навъ либоси зимистона, ки аз пӯсти барра, гусфанд, рӯбоҳ, хирс, гург, шағол, санҷоб ва дигар ҳайвонҳои ваҳшӣ дӯхта мешавад. Ду навъи пӯстин маъмул аст: абрадор ва беабра. Пусти барраро барои остин, тахтапушт, тириз порча-порча бурида, аз беқасаб ва ё дигар матои зебо фаровез мекунанд. Пӯстини беабра аз порчаҳои калон-калон буридашудаи пӯсти серпашми гӯсфанд тайёр карда мешавад.	2014	Бадахшон, Хатлон, Суғд, водии Рашт	Нимфаъол	1. Широкова З.А. Одежда // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.2, – Д., 1970. 2. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. – Сталинабад, 1958.
E021	САБАДБОФӢ	Навъи ҳунари мардумии аз химча ва ё навдаҳои дарахт бофтани асбоби рӯзгор, зарфи гуногуншакл, ки барои гирифтани мева, сабзавот, нон ва ғайра истифода мебаранд. Сабадро аз навдаи бед, тут, биҳӣ, анор, ирғай ва ғ. мебофанд. Инчунин аз сим низ мебофанд. Сабад хелҳои гуногун дорад: сабади гирда, сабади дарозрӯя, хар-	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Материальная культура таджиков верховьев Зеравшана. – Д., 1973. 2. Сабадбофӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар

		сабад, сабади нон, сабади дастадор, охурсабад, симсабад ва ғайра. Ҳоло сабадҳоро дар корхонаи махсус ва бо масолеҳи гуногун (хас, навда, сим, плостик, резин ва ғ. тайёр мекунанд.				Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 210-212. 3. Раҳмонӣ Р. Сабадбофӣ // Донишномаи фарҳанги мардум. 2017. –Ҷ.2. – С. 279-281.
Е022	НАДДОФӢ, *савачӯбзанӣ, шада, паҳандагӣ*	Ҳунари пашм ва пахтаро бо чӯбҳои махсус зада, ғоз-ғоз кардан. Мардум бо савачӯбҳо пахтаи кӯрпа, курпача болин, либос ва ғ.-ро зада, нарм мекунанд. Савачӯбро аз навдаи душохаи дарахти сахту қаиш (тут, сада, биҳӣ, ирғай ва ғ.) месозанд. Дар баъзе маҳалҳо 6-8 дона навдаро гирифта, ба андозаи 120-140 см (ғафсиаш 1,5 см) мебуранд ва онҳоро пӯст канда хушк мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Наддофӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. –Д., 2017. – Ҷ. 2. – С.30-31. 2. Ершов Н.Н. Домашние промыслы и ремесла // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1966. Вып. 1.
Е023	АТЛАСБОФӢ	Матои атлас дар дастгоҳҳои махсус ва корхонаҳои замонавӣ истеҳсол мешавад. Нусхаҳои анъанавии онро шоҳсабз, барги карам ва атласи сиёҳ меномиданд. Атласи абрешимиро барои либосҳои занона ва нимабрешимиашро барои абраи кӯрпаю кӯрпача ва ғайра истифода мебурданд. Раванди коркарди абрешим аз се марҳилаи асосӣ иборат буд: тайёр кардани калоба ё ресмон, бофтан ва ороиши матоъ. Рангубор намудани калоба ду зинаро дар бар меги-	2014	Вилояти Суғд	Нимфаъол	1. Хакимова Н. Атласы – Худжанда // Фарҳанг ва ҳунар. 2005, – №,4. – С.13-15. 2. Хакимова Н. Абровые ткани таджиков XX столетия (история и технология) // Очерки истории и теории культуры тадж. народа. – Д., 2010. – С.413-430.

		рифт: ишқоркунӣ ва кабудгарӣ. Атласҳои машҳур бо номҳои «Баҳори Тоҷикистон», «Ҷавонӣ», «Туҳфа», «Тӯёна», «Муҳаббат», «Дилором», «Тирукамон», «Хосиятхон» ва ғайра номгузорӣ шудаанд.				3. Майтдинова Г.М. Традиции художественного ткачества таджиков // Мероси ниёгон. 1999. – №4. – С.123-128.
E024	САФОЛРЕЗӢ	Ҳунари аз омехтаи гилмоя, хамираи минералҳо, оксидҳо ва ғ. тайёр кардани зарфҳо, сохтмон (хишт, сафоли бомпӯш, нова, сафолтахта, кошӣ, ҷузъҳои муҷассамаҳо), техника, нақлиёти обию ҳавоӣ ва роҳи оҳан, санъати ороишию амалӣ ва ҳайкалтарошӣ бисёр истифода мешавад. Сафол навои гуногун дорад, ки гили сӯхта, маснуоти кулолӣ, мино, чинии хом, чинӣ, хоксанг аз қабили онҳост.	2014	шаҳрҳои Истаравшан ва Турсунзода	Нимфаъол	1. Пещерева Е.М. Гончарное производство Средней Азии. – М.-Л., 1959. 2. Ершов Н.Н. Каратаг и его ремесла. – Д., 1984.
E025	ГӮРКАНӢ, *гӯрковӣ, қабрканӣ*	Раванд ва усули кандани гӯр барои шахси фавтида. Дар байни тоҷикон, асосан, ду навъи гӯр маъмул буд: гӯри шомӣ (духонагӣ) ва гӯри ҷармагӣ (якхонагӣ). Дарозиии гӯри шомӣ 2 м ва бараш 1-1,5 м аст. Аз мобайни девори самти қиблаи айвон сӯрохии гирд ба андозае, ки ҷасад аз он озодона гузаронида шавад, канда сипас лаҳад – хонаи дарунро дуруст мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Бабаева Н.С. Древние верования горных таджиков южного Таджикистана в похоронно-погребальной обрядности (конец XIX – начало XX в.в.). – Д., 1993. 2. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.
E026	ҚАМЧИН-СОЗӢ,	Ҳунари сохтани қамчин – тозиёна барои рондани аспҳо. Қамчин афзорест, ки асосан барои рондани асп истифода мешавад. Вале дар баъзе	2018	Вилоятҳои	Фаъол	1. Абдуллоев А. Қамчинбофӣ – яке аз

	қамчинбофӣ	сарчашмаҳо қамчинро барои рондани хар, гов, уштур ва дигар ҷонварҳои хонагӣ низ ишора намудаанд. Номи дигари қамчин *тозиёна* буда, дар забони мардум хеле кам истифода бурда мешавад. Қисмати болоии қамчинро аз аз пӯсти буз, рӯда, пӯсти гов, зеҳ ва дастачӯби онро аз дарахтҳои тавалгу, туг, ҳерғай (ирғай), заранг ва дигар дарахтон месозанд, ки сахту боқувват ҳастанд.		Суғд ва Хатлон		ҳунарҳои анъанавии тоҷикон, Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2018. – С. 107-113.
E027	АНГУШ-ТАРИНСОЗӢ *чалласозӣ*	Як навъ ҳунари заргарии нафиса, ки аз нуқра, тилло ва дигар филизот ангуштарин сохта мешавад. Ангуштарин ҳамчун унсури ороишӣ аз қадимулайём истифода мешавад. Имрӯз он ҳамчун туҳфаи тарафайни домод ва арӯс маъмул аст.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Шарипов Н. Ангушттарин // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. –С. 43-45.
E028	РАФИДА-ДӮЗӢ	Рафида яке аз афзорҳои рӯзгори тоҷикон буда, барои дар танӯр бастани нон истифода бурда мешавад. Рафидаро дар бештари манотиқи кишвар шаклан як намуд омода месозанд. Сараввал хори махсусро аз рустании мушхор чида, ба мисли доирашакл болои ҳам гузошта, пас аз он пахта ё пашми гӯсфандро аз болояш мегузоранд. Сипас матои нисбатан ғафстарро ба андозаи ҳамон доираи рафида пора карда, медӯзанд. Баъд аз он рӯкашаки рафидаро кашида, онро мағзӣ, даста ва мувофиқи завқ аз риштаҳои гуногун гулдузии нафис омода менамоянд. Рафидаҳои қуроқдӯзӣ ҳам маъмул мебошанд. Рафидаҳо вобаста ба ҳаҷми нону кулча калону хурд мешаванд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рафида // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. –Д., 2017. – Ҷ. 2. – С.254. 2. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2016. Шумораи 1. – С.79-96.

E029	БОҒБОНӢ, *богдорӣ*	Боғдорӣ як соҳаи кишоварзии суннатӣ, ки ба парвариши дарахтони мевадор марбут аст. Дар байни тоҷикон мафҳуми «боғ»-ро ба се маънӣ шарҳ додан мумкин аст: а) боғи даруни ҳавлӣ. б) боғи дар паҳлӯи ҳавлӣ қарордошта, ки бо девор ё шиғадевор иҳота шудааст. в) боғи аз хонаву ҳавлӣ дуртар, ки тобистон соҳибони боғҳо ба он ҷо мераванд ва дар хонаву козаҳо муваққатан истиқомат карда, ба нигоҳубини боғ ва полиз машғул мешаванд. Боғдорҳо ба парвариши навъҳои гуногуни мева, аз ҷумла, ангур, анор, анор, нок, себ, биҳӣ, муруд, гелос, олуча (олуболу), олу, зардолу, шафтолу, тут, чормағз, бодом, ва ғайра машғул мешаванд. Ҳар яке аз ин меваҳо боз навъу намудҳои худро дошта, нигоҳубини махсусро талаб менамоянд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рахимов М. Садоводство // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.1, – Д., 1966. 2. Эшонкулов У. История земледельческой культуры горного Согда (с древнейших времен до начала XX в.). – Д., 2007. 3. Раҳимов Д., Шарипов Н. Боғдорӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С.134-138.
E030	МАЙКАШӢ, *шаробкашӣ*	Ҳунари аз ангур тайёр намудани май (мусаллас) аст. Ангурро аввал бо даст, баъд бо по мушт ва сум мезананд, то обаш ҷудо шавад. Оби ҷудошударо полида, ба зарфи шишагӣ мегиранд, ба он се дона қанди сафед партофта, даҳонашро бо сарпӯши миёнаш найчадор маҳкам карда, нӯги найчаро ба шишаи обдор мемонанд. Ҳарду зарфро то тамоман ҷӯшидани шарбат дар ҷойи ҳарораташ муътадил мегузоранд. Ҳамин ки шарбат аз ҷӯшиш монд, онро полуда, ба шишаҳо гирифта, даҳонашро маҳкам карда дар ҷои	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Аҳмадов Т. Майкашӣ // ЭСТ. – Д., 1983. – Ҷ. 4. – С.139. 2. Киселёв Н.А., Винодельческие районы и вина Таджикистана. – М., 1967.

		салқин мегузоранд ва истеъмол мекунанд.				
Е031	РЕСАНДАГӢ *дукресӣ*, *ресмонресӣ урчуқ*	Як навъи ресидани ришта аз пахта ва пашм тавассути асбоби чӯбӣ ва ё филизӣ, ки дук ном дорад. Ду шакли дук маълум аст: дастӣ ва чархӣ. Дуки дастӣ навъҳои гуногун дорад: ҷаврреза, чилик, орчуқ, чалак ва ғайра. Ҷараёни дукаресиро интихоби пашм ва ё пахта, шустан, хушк кардан ва нарм кардани он ташкил медиҳад. Пашм ва ё риштаро дар шакли калоба омода намуда, бо ангуштон нахи маҳин мебофанд ва тавассути дук онро ба чарха (гардиш) даровар-да, ресмон (ришта) ҳосил мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Ершов Н.Н. Ткачество // Таджики Каратегина и Дарваза. Т.1. – Д., 1966. 2. Раҳмонӣ Р. Дук // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. –Д., 2015. – Ҷ. 1. – С. 350.
Е032	САНГКОРӢ, *сангнигорӣ, сангчинӣ*	Навъи ҳунарест, ки дар соҳаи бинокорӣ истифода мешавад. Сангкорӣ аз чидани хишт ё санг, соручрезӣ ва ғ., инчунин аз сохтани чӯбдасту хавозаҳои бинокорӣ, ба ҷои кор кашонда тайёр кардани масолеҳ ва ғ. иборат аст. Тавассути сангчинӣ баъзе нақшу нигорҳоро низ дар деворҳо ва фарши ҳавлию кӯчаҳо тасвир мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Тешаев А. Сангкорӣ // ЭСТ. – Д., 1986. – Ҷ. 6., – С.537-538.
Е033	ГУЛБАНДӢ, *гулбаст, бандона*	Санъати гулпартоӣ дар матои пахтагини суф ва карбос. Нахуст ба он ҷойҳое, ки гул партофта мешавад, қатраҳои ранги зард, сурх ё сабзро мечаконанд. Вақте ки ранг хушк шуд бо риштаи сафед нуқтаҳои рангшударо ба мисли ангушт сахт мебанданд. Баъд аз баста шудани нақши гулҳо матоъро дар деги рангдор мечӯшонанд.	2014	Водии Кӯлоб, Рашт	Нимфаъол	1. Азизӣ Ф. Гулбаст // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик – Ҷ. 1. – Д., 2015. 2. Широкова З.А. Одежда // Таджики Каратегина и Дарва-

		Тавассути санъати гулбандӣ нақшҳои гули гирд, коса, ситора, моҳтоб, офтоб, чоркунҷа, баргак ва ғайра дар матоъ тасвир карда мешаванд.				за. Вып.2, – Д., 1970.
E034	ЧИТГАРӢ	Санъати нақшгузории матоъи чит, карбос ва суф тавассути қолибҳо. Матоъро пас ҷӯшонидан ва оҳар додан ба болои намади харак паҳн карда, аввал нақшҳои сиёҳи онро бо қолибҳо мекӯбанд. Пас аз нақши сиёҳ гузоштан, читро меовезанд, то ки ранги он хушк шавад. Коргари дигар бо ранги сурх нақши гулҳоро насб кунад. Матои орододашударо дар оби тоза обгардон намуда мехушконанд. Сипас чити нақшдорро ранги сурх пошида, ба деги рангобаш ҷӯшидаистода меандозанд ва чанд соат меҷӯшонанд. Вақте ки матоъ ранги сурхи мунаққашро мегирад, онро аз дег берун оварда мехушкониданд.	2014	Истаравшан	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад.	1. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. 2. Қодиров Ф. Читгарони Истаравшан // Фарҳанг ва ҳунар. 2007. – №1. 3.Турсунов, Н. Из истории городского ремесла северного Таджикистана. – Д., 1974.
E035	АБРБАНДӢ	Абрбандӣ як навъ санъати гулпартоӣ дар матоъҳо мебошад, ки бо танидани абрешим ва ресмон дар нахҳои тор сурат мегирад. Дастгоҳи абрбандӣ аз ду чӯбчаи дарозиаш 1-метрӣ ва ду ҷуфт мехи чӯбини дарозиаш 1-1,2 м, ки дар фосилаи 3-3,5 м аз ҳам ба фарш кӯфта шудаанд, иборат мебошад. Дар вақти гулрезӣ ҷойҳои нақши гулҳоро бо ресмон мепечонанд, то ки ранг нарасад. Санъати абрбандӣ дар ороиши матоъҳои атлас, адрас, шоҳӣ ва қисман алача ба кор меравад.	2016	Хуҷанд, Бохтар, Истаравшан	Фаъол	1. Ҳакимова Н. Матоъҳои “абра”-и тоҷик // Фарҳанг ва ҳунар. 2007. – №2. – С.35-37. 2. Турсунов Н. Абрбандӣ // ЭСТ.– Д., 1978. – Ҷ 1. – С.24. 3.Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.
		Бофтани навъе аз матои маҳаллӣ, ки аз нахҳои	2016			1.Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии

E036	АДРАСБОФӢ	абрешимӣ ва пахтагин бофта мешавад. Пуди адрас аз се ресмони борики сафед ё ранга иборат мебошад. Андозаи бари адрасҳо маъмулан се хел мешаванд: оддӣ ("одмиёна") – 40 см, сербар ("олчинбар") – 70 см ва камбар ("якбара") – 26 см. Барои гулпартоӣ адрасро абрбандӣ мекунанд.		Саросари кишвар	Фаъол	тоҷикон. – Д., 2014. – С.7. 2. Майтдинова Г.М. Традиции художественного ткачества таджиков. Мероси ниёгон. 1999. – №4. – С. 123-128.
E037	БОЛИШТ-ДӮЗӢ, *таксаридӯзӣ*	Болиштдӯзӣ низ як навъи ҳунари бонувони кишвар маҳсуб мешавад. Болиштҳо аз нигоҳи шакл ду хел мешаванд: лӯлаболишт ва таксарӣ. Таксариҳо дорои нақшу нигор буда, калону хурд мешаванд. Таксарӣ ё болишти калон ҳаҷман 120х40 см буда, дар он гули калон ва баргу шохаҳои гул гулдӯзӣ мешавад. Болишти хурд тақрибан 50х40 см буда, низ бо чор гули хурд ва баргҳои майда-майда оро дода мешавад. Болиштҳо бо усулҳои гулдӯзӣ, зардӯзӣ, қурокдӯзӣ, сачокдӯзӣ, йирмадӯзӣ, попурӣ ва ғ. ороиш меёбанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2016. Шумораи 1. – С.79-96. 2. Раҳматов Б. Болишт // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ. 2. – С.155.
E038	АЪҶУБА-СОЗӢ	Аъҷубасозӣ як бахши ҳунари кулолӣ аст, ки ба сохтани бозичаҳои гилӣ ва сафолӣ марбут аст. Усто аз гил аъҷубаҳои гуногун ба сурати одамчаҳо, аспу саг, гову буз, аждаҳо ва инчунин ҳуштак, шамъдону гулдон ва ғайра сохта, дар ҷойи соя мехушконад. Сипас дар танӯри махсус бозичаҳоро дар оташи паст дар давоми як шабонарӯз мепазад. Баъди пухта, сард шудан бозичаҳоро аз танӯр берун оварда, сир медавонад ва рангубору ороиш медиҳад.	2016	Истарав-шан, Турсунзода	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. – С. 27. 2. Бозичасозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1.

E039	БЕҚАСАБ-БОФӢ	Беқасаб матои нимабрешимии якранг ё рах-рахи ранга буда, нахи тори беқасаб борику нахи пудаш ғафс мешавад, ки он баръакси тори адрас мебошад. Тори онро аз абрешими нафиси сабз, кабуд, зард, сурх, гулобӣ, қаҳваранг тайёр мекунанд. Тори беқасаб аз 12 то 18 банд иборат аст. Аз матои беқасаб ҷома, камзӯл, рӯймоли миёнбанд, кӯрпача ва ғ. дӯхта мешавад.	2016	Хуҷанд, Турсунзода	Нимфаъол	1. Турсунов Н. Беқасаб // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Д. – Ҷ. 1. 2011. – С.475. 2. Майтдинова Г.М. Традиции художест-венного ткачества таджиков // Мероси ниёгон. 1999– №4. – С.123-128. 3. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.с.14-15.
E040	БУРЁБОФӢ	Бурёбофӣ як навъ ҳунари анъанавии мардумӣ мебошад. Бурё аз поячӯби шикастаи най бофта мешавад. Поячӯби хушки найро бо найчӯбро ба ду парра ҷудо карда, онро бо кӯба мешикананд. Дар натиҷа пораҳои дарозрӯяи тунук ҳосил мешавад, ки онро ба тарзи панҷара мебофанд. Андозаи бурё маъмулан 1 м ба 1,5 м, баъзан андаке калон ё хурдтар аз ин мешавад.	2016	Водии Ҳисор, вилоятҳои Суғд ва Хатлон	Фаъол	1. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. – С.25. 2. Раҳимов Д. Бӯрё // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Д., 2014. – Ҷ. 3. – С.336.
E041	ГИЛЕМ-БОФӢ	Гилем, маъмулан, дар дукон ё дастгоҳҳои заминӣ бофта мешавад. Онро аз нахҳои пахтагин, пашмина ва баъзан абрешимӣ мебофанд. Ду навъи гилем: гилеми патдор ва бепат истеҳсол карда мешавад. Гилемро, асосан, ба фарши хона меандозанд ва ба девор меовезанд. Ҳунармандон гилемро вобаста ба	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Аминов А. Ҳунарҳои гилембофию ҷомадӯзӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2018. Шумораи 5. – С.62-73.

		имконият аз 4 то 10 метр мебофанд. Дукони аслии гилембофӣ чӯбин буда, баландиаш 35-40 см ва паҳноияш 60-70 см мебошад. Дукон аз аз ду тараф бо пояҳои дуқӯша ва як чӯби диаметраш 6-8 см, ки бо пояҳо насб гардидааст, иборат мебошад.				2. Давидов А. Гилем-бофӣ // Энсикло-педияи советии тоҷик.– Д., 1981. – Ҷ.2. – С.94. 3. Рӯзиев, М., Рачабов, А. Гилембофӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.1. – С.217.
Е042	ДАРАВШ-ДӮЗӢ, *йирмадӯзӣ, юрмадӯзӣ*	Усули нақшдӯзӣ дар матоъ, ки бо даравш ичро мешавад. Ба матоъи пахтагин нақши матлубро мекашанд ва матоъро ба чамбарак бо ресмон гирд ба гирдаш дӯхта, маҳкам мекунанд. Сипас мисли дукони зардӯзӣ гузошта, ё ба мисли даф сари зону гузошта, бо даравш риштаҳои рангаро мутобиқи нақш аз ду тарафи матоъ гузаронида, гулдӯзӣ мекунанд.	2016	Вилоятҳои Суғду Хатлон, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Юрмадӯзӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.752. 2. Сухарева О.А. Сузани. Средне-азиатская деко-ративная вышивка. – Ташкент, 2013. – С.26. 3. Искандарова М. Зебу зинати арӯсони Ҳисор. – Д., 2006.
Е043	ДЕВОРГАРӢ, *деворзанӣ*	Деворзанӣ барои маҳкам кардани атрофи ҳавлӣ, боғу киштзор ва сохтани иморати истиқоматӣ ба кор меравад. Дар кори деворзанӣ 2-4 нафар иштирок мекунанд: устои деворгар, шахси лойбур ва инчунин як-ду нафар коргарони	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Писарчик А.К. Жилище // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.2, – Д., 1970. 2. Давыдов А.С.

		ёрирасон. Деворҳо навъҳои похсадевор, сангдевор, кулӯхдевор, хиштдевор, синҷдевор, шиғадевор, муҳрадор ва ғ. мешаванд. Деворҳо вобаста ба муҳити табиӣ аз лой, санг, хишт ва чӯбу най сохта мешаванд.				Жилище // Материальная культура таджиков верховьев Зеравшана. – Д., 1973. 3. Раҳимов Д. Деворзанӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С. 322-323.
E044	ДӮҒКАШӢ, *гуппизанӣ, маскакашӣ*	Раванди ҷудо кардани равғани маска аз ҷурғот. Равғани маска дар байни мардуми тоҷик бо дастгоҳҳои гуппӣ (куппӣ) ва чархдегу чархчӯб истеҳсол мешавад. Шакли гуппӣ ба охури дарозрӯя монанд буда, баландиаш 1-1,2 м ва қутраш 30-40 см аст. Барои ҳосил кардани равғани маска ҷурғотро ба гуппӣ рехта, гуппичӯбро ба он андохта зуд-зуд ба болову поён ҳаракат медиҳанд. Усули дигари дӯғкашӣ дар натиҷаи чархзании чархчӯб дар даруни чархдег қатраҳои равғани маска ҷудо шуд ба рӯи дӯғоб мебарояд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Дӯғкашӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С.360-362. 2. Ершов Н.Н. Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 2, 1970. 3. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998.
E045	КАФШДӮЗӢ, *пойафзолдӯзӣ*	Кафшдӯзии суннатӣ ба тарзи зерин сурат мегирифт. Чарми ҳамворро устои кафшдӯз андоза карда, бо газан мебурад. Сипас онро дар об тар карда тавассути анбӯр кашида, ба рӯи қолаб мехчакорӣ мекунад. Дар натиҷа чарми дар қолаб буда шакли пойафзоли нимтайёрро мегирад. Бо воситаи чӯби найкашӣ ҷойи даркориро най кашида, бо даравшу ришта	2016	Саросари кишвар	Камфаъол	1 Раҳимов Д. Касбу хунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. – С. 25 2. Сухарева О.А. Бухара конца XIX – начало XX в (позднефеодалный город и его

		медӯзад. Ба он аз чӯб пошна тарошида, дар рӯи кунда монда мечаспонад. Дар рӯи пошна муми сиёҳ мемоланд, то ки пошна ҷило пайдо кунад.				население). – М., 1966. 3.Искандарзода М. Зебу зинати арӯсони Ҳисор. – Д., 2006.
E046	КАРНАЙ-СОЗӢ	Карнайсозӣ навъе аз ҳунари анъанавии мардуми тоҷик буд, ба касби мисгарӣ тааллуқ дорад. Карнай сози мусиқии нафасиест, ки асосан, аз филизи биринҷӣ ва баъзан аз мис сохта мешавад. Карнай аз қисмҳои зерин иборат аст: даҳана, торсак, нил, миёнаҷо, каба, қубба ва ҷияки ороишӣ. Дарозии карнай 190-210 см, қутри лӯлаи он 3,3 см ва вазнаш тақрибан 1 кг мебошад. Карнайро дар тӯю маъракаҳо, ҷашнҳои расмию анъанавӣ ва идҳо менавозанд.	2016	Истарав-шан	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад.	1. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон” – Д., 2014.– С. 33-41. 2. Карнайсозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. –Д., 2017. –С. 176-178.
E047	КОРДСОЗӢ, *кордгарӣ*	Раванди сохтани корд. Тахтапӯлодро дар оташи қура сурх карда, бо болға кӯфта, ба шакли теғ медароранд. Тавассути обутобдиҳӣ зичии пӯлод сахт мешавад. Теғи ҳосилшударо нахуст дар чархи сангаш даҳал, сипас дар санги маҳинтар, баъдан дар санги резинӣ (чармӣ) ва намадӣ (мӯйина) дошта, тунуктару ҳамвор мекунанд. Дастаи кордро аз чӯб, устухон ва ё шохи ҳайво-нот бурида, дар чарх ҷойҳои даҳали онро ҳам-вор намуда, мобайнашро барои гузаронидани дастаи теға мувофиқ мегардонанд.	2016	Истарав-шан, Хуҷанд, Ҳисор	Фаъол	1. Ершов Н.Н. Каратаг и его ремесла. – Д., 1984. 2. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.с. 51-52.
E048	ҚАФАССОЗӢ	Қафас катакест, ки аз чӯб, химча, сим ва ресмон сохта шуда, барои нигоҳ доштани паррандагони хушхон: тӯтӣ, кабк, бедона, саъва ва ғайра истифода мешавад. Барои қисмати аввал	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимӣ Д. Қафассозӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2018.

		навдаҳоро ба як андозаи муайян бурида, ба шакли нимдоира қад карда, бо банд мебанданд. Қисмати поёнии онро бошад, аз фанери тунукқабат омода карда, бо ҳамдигар пайваст мекунанд. Ва дар бари он ду зарфи хурдакаке барои обу дон овезон мекунанд.				Шумораи 5. – С. 90-91. 2. Қафас // Энсиклопедияи советии тоҷик – Ҷ. 8 Д. – С.294. 1988.
Е049	ҚОЛИН-БОФӢ	Қолинҳо вобаста тарзи истеҳсол бофташуда, дӯхташуда ва гулдор мешаванд. Барои бофтани қолинҳо аз ресмонҳои пашмӣ, пахтагин, патдор ва нахи сунъӣ истифорда мебаранд. Бофтаи қолин аз якчанд қисм иборат аст: тор, пуд, печаки паҳлӯӣ, тӯр, пӯпак ва тугун ё гиреҳ. Пуд аз байни тор, аз қисми дарунӣ ва берунии он гузашта, бари қолинро ба ҳам пайваста, гиреҳҳои аз пашм бофтаро нигоҳ медорад. Чор навъи гиреҳ маъмул аст: гиреҳи форсӣ, гиреҳи туркӣ, гиреҳи форсии чуфтӣ ва гиреҳи туркии чуфтӣ.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рузиев М. Декоративно-прикладное искусство таджиков конца XIX - XX вв., – Д., 2003. 2. Раҳимов Д. Қолинбофӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик.– Д., 2015. – Ҷ. 1. 3. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.с. 56-57.
Е050	ҚУРОҚДӮЗӢ, *порадӯзӣ, қурамадӯзӣ, малофадӯзӣ, таркдӯзӣ, гулбурӣ*	Навъе аз усули гулдӯзии матоъ. Чеварҳо пораҳои хурди газворро қат карда, паҳлӯи ҳам мегузоранд, сипас аз болояш пораи дарозтарро ниҳода, бо мошина ё дастӣ медӯзанд. Ҳар як нақши қуроқ маънию рамзи махсус дорад. Гулдӯзии қуроқ барои ороиши кӯрпа, кӯрпача, болишт, дастурхон, ҷойнамоз, гаҳворапӯш, борҷогаҳ ва ғ. истифода мешавад. Ду намуди дӯхти қуроқ маълум аст: сехишта (турна) ва	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л., Ниёзова М. Қуроқдӯзӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2017. Шумораи 4. – С.113-118. 2. Носирова Л., Ҳунари қуроқдӯзӣ //

		чорхишта. Он дар гузашта мазмунҳои асотирӣ ва эътиқодӣ дошта, барои муҳофизат аз чашми бад дӯхта мешуд.				Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2017. Шумораи 3. – С.148-155. 3. Рузиев М. Декоративно-прикладное искусство таджиков. – Д., 2003.
E051	ЛӮХТАК-СОЗӢ, *зочасозӣ, луфтаксозӣ*	Лӯхтаксозӣ ҳунари асосан бонувон мебошад. Лӯхтаки оддитаринро аз ду чӯбча сохта, ба он порчаҳои хурди матоъҳоро ҳамчун курта мепечонанд. Ба ҷойи калла ба он тугма ё танга мегузоранд ва аз болои он ба таври салиб ришта мепечонанд, ки дар натиҷа нақши ромбшакле дар рӯйи лӯхтак ба вуҷуд меояд. Ба ҷойи мӯйи лӯхтак чанд тор риштаи сиёҳ, ё аз пашми чорпоён мечаспонанд. Лӯхтакҳои нисбатан мураккаби бозингарро аз чӯб, ресмон, матоъ месохтанд, ки ду дасташ аз китф бо ресмон пайванд шуда буд. Ба лӯхтакҳо куртаву пойҷома, рӯймол пӯшонида, ба гарданаш ҳамели муҳра меовезанд ва бо он бозиҳои гуногун мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Лӯхтакҳо дар фарҳанги суннатии тоҷикон // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №1 (33), – С. 107-113. 2. Пещерева Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и узбеков. М. – Л., 1957. 3. Раҳимов Д. Бозичасозӣ // Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон – Д., 2014. – С.24-27.
E052	ЧАКДОН-СОЗӢ, *дегдонсозӣ*	Чакдон ҳамчун асбоби нонпазӣ дар рӯзгори халқи тоҷик мавқеи муҳим доранд. Чак-донро бештар дар вилояти Хатлон ва водии Рашт ис-тифода мебаранд. Сокинони ин манотиқ, ки маъмулан нони тунук (чапотӣ) ва нони калон	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Холмуродов З. Чакдонсозӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2017. Шумораи 4. – С.133-

		(гирдача) мепазанд, барои пухтани ин намуди нонҳо чакдон хеле мувофиқ аст. Чакдон ду намуд мешавад: *чакдони чухтак* (росто, яъне барои рост истода пухтан) ва *чакдони заминӣ.* Чакдон аз лой сохта мешавад ва бо семент аз дарун онро ҳамвор карда, бо санг суфта мекунанд.				138. 2. Раҳимов Д. Танӯрсозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ. 2. – С. 429-432.
E053	МИНЁТУР-НИГОРӢ, *миниатюра*	Миниатюранигорӣ санъати махсуси тасвирие мебошад, ки барои дастхатҳо, лавҳаҳои тасвири табиат, нигоришҳои графикӣ, портрет истифода карда мешавад. Бо усули миниатюра манзараҳои табиат, набарду муҳориба, лаҳзаҳои шикор, мулоқоти ошиқон, маросимҳо, базм ва ғ. тасвир мешаванд. Аввал дар рӯи коғаз тарҳи миниатюраро бо об мекашанд, баъди хушкидани об изи онро бо хати сурх ё сиёҳ аёнтар мекунанд. Сипас ба варақ омехтаи оҳар ва сафедии тухм молида, баъди хушкидан онро бо булӯр ё ақиқи сӯхта сайқал медиҳанд.	2016	Душанбе, Хуҷанд	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад	1. Миниатюранигорӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Раҳимов Д. – Д., 2017. – С. 184-186. 2.Ашрафӣ М. Минётур // Энсиклопедияи советии тоҷик– Д., 1988. – Ҷ. 8. – С.397. 3. Пугаченкова Г.А., Галеркина О.И. Миниатюры Средней Азии. – М., 1979.
E054	МӮЗАДӮЗӢ, *куҳнадӯзӣ*	Раванди дӯхтани мӯзаҳои гуногун ва маҳсӣ. Устоҳои мӯзадӯз чармҳои табииро аз чармагарон қабул карда, дар он нақшҳои лозимиро мекашанд. Сипас бо газан – микрози махсус чармро бурида, дар қолибҳо устувор карда, бо даравшу ресмон медӯзанд. Бо номи мӯзадӯзӣ куҳнадӯзонро низ ном мебаранд, ки мӯзаву пойафзорҳои фарсудаи мардумро медӯзанд, ё ширешу дарбеҳ мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Раҳимов, Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. – С.43-45. 2. Мӯзадӯзӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. –Д., 2015. – Ҷ.1. – С.662-663.

Е055	НАЪЛГАРӢ, *наълкӯбӣ, наълзанӣ*	Наългарӣ ҳунарест, ки усто тавассути оҳанҳои махсус ба пойҳои асп ва баъзан хар наъл мечаспонад. Наъл низ аслан аз ҷониби устои оҳангар дар қолаби махсус сохта мешавад. Он шакли нимдавраро дошта аз ду тараф дорои сетогӣ сурохӣ мебошад. Меҳҳои наъл ҳам аз ҷониби устоҳои наълсоз сохта мешавад. Дарозии меҳҳои наъл 4-6 см мешавад. Зеро аспҳо вобаста ба ҷусса метавонанд суми калон ё майдатар дошта бошанд. Наъл барои мустаҳкам нигоҳ доштани суми асп насб карда мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Наълзанӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С.67-68. 2. Наъл // Энсик-лопедияи советии тоҷик. – Д., 1984. – Ҷ.5, С. 122.
Е056	ОСИЁББОНӢ	Осиёббонӣ касби анъанавию меросӣ буда, осиёббон шахси натанҳо нигаҳбони осиёб, инчунин корманди дастгоҳи ордкунӣ мебошад. Мардум вобаста ба талаботи зиндагӣ ва дорои ғаллаҳои худро аз қабили гандум, ҷуворӣ, ҷав, ва ғайра бурда, дар осиёб орд мекунанд. Осиёб ва осиёббон солҳои пеш қариб дар ҳамаи деҳаҳои кӯҳистон вучуд дошт. Дар замони муосир бо сабаби ордҳои воридотӣ талабот ба орди осиёб кам шудааст.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Абдувоҳидов П. Баъзе суннатҳои осиёббонӣ дар Бадахшон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2016. Шумораи 2. – С.197-207. 2. Эшонкулов У. История земледель-ческой культуры горного Согда. – Д., 2007. 3. Раҳимов Д. Осиёб // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ. 2. –С. 131-132.

E057	ОҲАНГАРӢ	Оҳангарӣ яке аз ҳунарҳои анъанавӣ буда, шахси бо он машғул бударо оҳангар мегӯянд. Дар ҳар устохона ҳадди ақал як усто ва 2-3 нафар шогирдон кор мекунанд. Устои калон бо анбур оҳанро дар оташ сурх мекунад ва ҳамроҳи яке аз ҳамкорон ё шогирдон онро дар болои сандон бо путку хоиск зада, ба шакли дилхоҳ медароранд. Шогирди дигар банди саночи дамро мунтазам болову поён кашида, ба шуълаи ангишт бод медиҳад, то ки оташ беист забона занад. Оҳангар аз оҳан ашёи барои зиндагӣ лозимӣ: бел, каланд, табар, дос, болға, корд, гулмех, мех ва ғайраро месозад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Абуллоев А. Пешаи оҳангарӣ дар Фархор // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2017. Шумораи 4. – С.123-126. 2. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. – С. 51-54. 3. Холмуродов З. Оҳангарӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2018. Шумораи 5. – С.58-61.
E058	РАҒЗАБОФӢ	Ҳунари аз пашми гӯсфанд бофтани матои дурушти рағза. Рағзабофӣ дар байни тоҷикони кӯҳистон ва қисман водиҳо, ки ба парвариши гӯсфандон шуғл доштанд, маъмул буд. Он асосан, кори занҳо буда, бештар онҳо дар фасли зимистон ришта ресида, аз он дар дукон матои рағза мебофтанд. Аз матои рағза одатан чакман, шалворҳои ғафси пашмин, пайтоба, линга, чоруқбанд ва арғамчин тайёр мекарданд.	2016	Саросари кишвар	Камфаъол	1. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998. 2. Ершов Н.Н. Ткачество // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 1. – Д., 1966. 3. Раҳимов Д. Рағзабофӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ. 2.– С.231.

E059	РӮЙМОЛ-ДӮЗӢ	Ҳунари гулдӯзӣ кардани рӯймол, ки асосан барои мардон ва бачаҳо тайёр карда мешавад. Матои рӯймолро чеварҳо аз газворҳои гуногун интихоб карда, ба шакли квадрат мебуранд. Сипас марзҳои онро таҳ карда, бо даст ё мошина медӯзанд. Дар чор гӯшаи рӯймол нақш кашида, бо риштаҳои ранга гулдӯзӣ мекунанд. Рӯймолро мардон аз болои ҷома, пираҳан ва гирди тоқӣ мебанданд. Инчунин рӯймоли мардона ҳамчун тухфа дар ҷашни арӯсию хатнасур тақдим карда мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Рӯймолдӯзӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2018. Шумораи 5. – С.79-81. 2. Искандарзода М. Зебу зинати арӯсони Ҳисор. – Д., 2006. 2. Традиционная одежда и украшения – Худжанда (XIX-XX вв.) / Составитель Хакимов Н. – Худжанд, 2004.
E060	СОЗ-ТАРОШӢ	Созтарошӣ ҳунари суннатии мардумӣ буда, дар саросари кишвар маъмул мебошад. Устоҳои созтарош одатан созҳоро аз чӯбҳои чормағз, зардолу, чинор, муруд, тут ва ғайра тарошида, зеҳи онро аз рӯдаи буз ё гӯсфанд тайёр мекунанд. Созҳои маъруфи тоҷикӣ: тор, танбӯр, дутор, рубоб, думбра, ғижжак, даф, таблак, най ва ғайра бо усули дастӣ сохта мешаванд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созтарошӣ. Мураттиб Х. Низомов. – Д., 2012. 2. Созтарошӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Раҳимов Д. – Д., 2017. – С.197-201. 3. Низомов, Х. Созшиносӣ. – Д., 2016.

E061	СӮЗАНИ-ДӮЗӢ, *чодардӯзӣ, давридӯзӣ, кашидадӯзӣ*	Сӯзанӣ матоест, ки рӯяш бо ресмонҳои рангоранг бо усули кашидадӯзӣ гулдӯзӣ шудааст. Одатан барои зинати девор ва тахти кӯрпа истифода мешавад. Матои сӯзанӣ маъмулан сатин, шоҳӣ ва махмал мешавад. Сӯзанӣ асосан аз нақшҳои наботӣ, ислимӣ ва паргорӣ иборат буда, аксаран дар байн гули доирамонанд ва дар атрофаш ҳошия дӯхта мешавад. Ҳар як шаҳру маҳал услуби хоси сӯзанидӯзӣ дорад. Баъди солҳои 40-уми асри ХХ сӯзаниҳои бо усули попурӣ маъмул гаштанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2016. Шумораи 1. – С.79-96. 2. Исоева – Юнусова Н. Гулдӯзии тоҷикӣ. – М., 1979. 3. Сухарева О.А. Сузани. Средне-азиатская декора-тивная вышивка. – Ташкент, 2013.
E062	СУРНАЙ-СОЗӢ *меҳтарсозӣ*	Сурнайро аз чӯбҳои дарахтони чинор, зардолуи талхак ва ширинак, тут ва муруд низ месозанд. Аввал чӯбро тарошида, монанди дастаи бел мекунанд, сипас дарунашро сӯрох карда бо регкоғаз ҳамвор намуда, аз болояш монанди нуқта якчанд сӯрох мекунанд. Чун шакли сурнайро гирифт, онро дар муддати 1 моҳ хушк мекунанд. Ҳамроҳи сурнай боз якчанд ҷузъиёти он аз қабили зерлаб, найбар, қолиб, мил сохта мешавад.	2016	Водии Ҳисор, Вилояти Суғд	Нимфаъол	1.Капранов В Сурнай // Энсиклопедияи со-ветии тоҷик – Ҷ. 7. – Д., 1987. с.174. 2. Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари со-зтарошӣ. Мураттиб Х. Низомов. – Д., 2012.
E063	ТАНӮРСОЗӢ	Танӯрро аз хокҳои махсус месозанд. Ҳангоми лой шӯридан барои мустаҳкам шудан ва накафидани девораи танӯр ба он каме пашми чорпо илова менамоянд. Яке аз амалҳои муҳими танӯрсозӣ зери по сум задани лой мебошад. Танӯр аз се қисм иборат аст: тахтаи аввал,	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимӣ – Д., Холмуродов З. Танӯрсозӣ дар водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2018. Шумораи 5. – С.82-

		тахтаи дуюм ва даҳана. Танӯрро барои хушк намудан дар ҷойи офтобӣ гузошта, андаруни он дар замин каме ангиштро оташ медиҳанд, он бо алангаи паст ангишт ду шабонарӯз сӯхта, танӯрро аз дарун хушк менамояд.				90. 2. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014.
E064	ТУНУКА-СОЗӢ *тунукабурӣ*	Яке аз бахшҳои пешаи оҳангарӣ, ки бо коркард ва истеҳсоли маснуот аз варақаи тунуки оҳан ва дигар фулузот сарукор дорад. Навъҳои маҳсулоти тунукасозон рангоранг мебошад. Аз ҷумла, ғирболу парвезан (элак), белча, ширполо, обрез, қиф, хокистаргирак, оташгирак, бухорӣ, тута ё лулаҳои бухорӣ, дудмӯрӣ, новдон ва ғайра. Инчунин дар ороиши деворҳо, бомпӯш, нигасаи хона ва дигар қисмҳои бино аз ин ҳунар ба кор бурда мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Сухарева, О.А. К вопросу о литье металлов в Средней Азии // Занятия и быт народов Средней Азии. – Л., 1971. – Т. XCVII. 2. Раҳимов Д. Тунукасозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016.– Ҷ. 2. – С. 473.
E065	ХАТТОТӢ *хушнависӣ*	Санъати хушнависӣ, ки дар китобати китобҳо бо хатти арабию форсӣ ба кор меравад. Хаттотиро бештар дар рӯи китобҳо, муқоваҳо, мусаввараҳо, овезаҳо истифода мебаранд. Дар санъати хаттотӣ навъҳои гуногуни хат, ба монанди насх, настаълиқ, райҳонӣ, сулс ва ғ. ба кор бурда мешаванд.	2016	Душанбе, Хуҷанд, Ҳисор, Истаравшан	Дар ҳолати азбайнравӣ қарор дорад.	1. Оқилов Э. Хаттотӣ // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Д., 1987. – Ҷ. 7. –С. 619.
E066	ҶОМАДӮЗӢ, *чапондӯзӣ*	Дӯхтани як навъ либоси болопӯш, ки аз матоъ ва пахта таҳия мешавад. Се навъи ҷома маъмул аст: мардона, занона ва бачагона. Матои абраю астарро баробар чен карда, дар як қолаби муайян мебуранд ва дар байнаш пахта монда медӯзанд ва баъди дӯхтан кӯк мезананд, то ки	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова, Л. Ҷомадӯзӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 3. – Д., 2017. – С. 167.

		пахта мустаҳкам истад.				2. Искандарзода М. Зебу зинати арӯсони Ҳисор. – Д., 2006. 3. Традиционная одежда и украшения – Худжанда (XIX-XX вв.). – Худжанд, 2004.
E067	ШЕРОЗ-БОФӢ, *ҷиякбофӣ, зиякбофӣ, зеҳбофӣ*	Шерозбофӣ як навъи ҳунар, ки марбут ба бофандагӣ мебошад. Ба он одатан занҳо машғул мешаванд. Шерозро дар дастгоҳҳои оддии чӯбӣ аз риштаҳои сиёҳ, сурх, сабз, зард ва кабуд мебофанд. Шерозро барои ороиши гирди тоқӣ, пойҷома, пеши ҷомаву ҷелак ва камзул истифода мебаранд. Шерозҳо тангбар ва паҳнбар мешаванд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Ҳунарҳои шерозбофӣ ва ҷуроббофии мардуми Бадахшон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С.153-164. 2. Искандарзода М. Зебу зинати арӯсони Ҳисор. – Д., 2006.
E068	ШИКАСТА-БАНДӢ	Шикастабандӣ, як навъ усули табобати халқии устухони шикаста ё аз ҷояш бечо шудаи одамон мебошад. Табибон бо ин усул устуҳонҳои дасту по, оринҷ, қабурға ва ангуштонро бо роҳи молиш додан ҷо ба ҷо карда, мебанданд. Барои шикастабандӣ гач, зардии тухм, қивоми зирк ва дигар давоҳоро истифода мешаванд. Хӯрдани мумиёро ҳангоми хоб ё субҳ бо дили бенаҳор 20 рӯз тавсия медиҳанд, зеро мумиёро мардумон чун пайвандгару ҷӯшонандаи устухон медонанд	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Шикастабандӣ //– Энсиклопедияи советии тоҷик. – Д1988. –ҷ.8.С.387. 2. Тибби халқӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Раҳимов Д. – Д., 2017. – С. 129-134.
E069	ҶУВОЗ-	Раванди аз заҳир, пунбадона, кунҷид, чормағз, офтобпараст ва дигар донагиҳо бо роҳи фишор	2016	Саросари	Фаъол	1. Ҷувоз // Энциклопедияи советии тоҷик. – Д.,

	КАШӢ, *Равганкашӣ*	додан кашида гирифтани равган. Дар байни тоҷикон дастгоҳи ҷувозро тавассути асп, баъзан хар ё барзагов ба кор медароранд. Дар баъзе ҷойҳо ҷувозҳои обӣ низ буданд ва ҳоло ҷувозҳои баркӣ истифода мешаванд. Ҷувози анъанавӣ аз қисмҳои зерин иборат мебошад: кунда, тир, борбардор, чамбарак, гарданӣ, охур ва ғ. Кунҷора ё бозмондаи заҳиру пунбадонаро, ки равганаш гирифта шудааст, ба моли чорпо медиҳанд.		кишвар		1988 – Ҷ. 8. – Д., 1988. – С.501. 2. Эшонкулов У. История земледельческой культуры горного Согда (с древнейших времен до начала XX в.). – Д., 2007. 3. Раҳимов Д. Ҷувозкашӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ. 2. – С.680-681.
Е070	НОНПАР-СОЗӢ, *мухпарсозӣ*	Нонпар, нонпарак, ё мухпар асбоби маъмулест, ки бо он нонро пар мезананд. Нонпарро аз чубу сим ва мехча месозанд. Дандонаҳои нонпар ба тарзи нақшҳои ислими ва ҳандасӣ насб шудаанд. Аз зуволаи хамир нон рост карда, ба рӯи он нонпар мезананд, то ки нон хангоми пухтан надамад ва рӯяш зебо бошад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Нонпар // Энсиклопедияи советии тоҷик.– Д., 1985. – Ҷ. 5. –С. 223.
Е071	ТАБАҚ-ТАРОШӢ	Яке аз ҳунарҳои суннатии тоҷикон, ки ба сохтани табақ, кафлезу қошуқ ва дигар зарфҳои чӯбӣ марбут аст. Усто табақи тайёршударо дар дастгоҳи чархзананда тарошида, бо суҳон соида, ҳамвор мекунад ва ба он равгани заҳир мемолад чанд муддат дар он намак мегирад, то ки чӯбаш накафад. Барои табақтарошӣ бештар чӯбҳои чормағз, зардолу, чинор, зарбед истифода мешаванд. Дастгоҳҳои табақтарошӣ	2016	Вилояти Хатлон, водиҳои Ҳисору Рашт	Фаъол	1. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои халқи тоҷик. – Д., 2014. – С.76-77. 2. Аминов А. Ҳунари табақтарошӣ дар шароити имрӯза // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. –

		дар солҳои пеш дар болои чӯйи об сохта мешуданд ва тавассути ҷараёни об чархи он ба кор медаромад. Ҳоло ин корро муҳаррикҳои барқӣ иҷро мекунанд.				Д., 2017. – С.75-80. 3. Холмуродов З. Табақтарошӣ дар ноҳияи Восеъ// Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С. 80-85.
Е072	САНГИОСИЁ-ТАРОШӢ	Сангиосиётарошӣ ҳунари кадимаи мардуми тоҷик мебошад. Барои интихоби санги осиёб устоҳо аз сангоб сангҳои кабуди донадор ё аз кӯҳҳо сангҳои махсусро ёфта оварда, ба шакли давраи диаметрашон 1,5-2 метр метарошанд. Баъдан миёнаи онҳоро сӯрох карда, болояшонро тарошида ҳамвор менамоянд. Сангҳоро дар осиёб насб карда, ҳар моҳ ё моҳе ду маротиба боз дандонаҳои соидашудаи сангҳоро тарошида, барҷаста мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Дар ҳолати азбайнравӣ қарор дорад.	1. Холмуродов З., Абдулвоҳидов П. Нигоҳе ба баъзе касбу ҳунарҳои мардумӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2016. Шумораи 1. – С.96-110.
Е073	ЗИНСОЗӢ, *зинтарошӣ*	Зинсозӣ ё зинтарошӣ як бахши чӯбкорӣ ба шумор меравад. Зин афзори ҳатмии асп мебошад, ки онро аз чӯби дарахтони беду сафедор месозанд, зеро онҳо сабуканд. Барои болопӯши зин аз пӯсти тари гов истифода мекунанд. Тасмае, ки аз боло баста мешавад «забартанг» ва тасмаи поёниро «зертанг» меноманд. Кӯҳа ё қоши зин барои овехтани лигом, тозиёна ва ашёи дигар ба кор бурда мешавад. Қаптал нишастгоҳи зин буда, барои бароҳат нишастани савор хидмат мекунад. Ду навъи сохтани зин маъмул аст: зини яклухт ва зини қолабӣ, ки аз	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д., Абдуллоев А. Зинсозӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.101-107.

		қисмҳо иборат мебошад				
Е074	ШОНАСОЗӢ, *шонатарошӣ, шонагарӣ*	Навъе аз касби анъанавии мардуми тоҷик. Чӯби чормағзро бурида, тахтача месозанд ва онҳоро дар офтоб мехушконанд. Тахтачаи хушкидаро бо тешаи калон хомтарош карда, сипас бо тешаи хурд пухтатарош менамоянд. Бо арраи махсус – сарбур ду тарафи тахтачаро баробар бурида, бо сӯҳон теғаҳои ҷойи дандонаҳонро соида ҳамвор месозанд. Баъд аз ин амали дандонбарории маҳин ва амалҳои ороишӣ сурат мегиранд.	2016	Хуҷанд, Истарав-шан	Фаъол	1. Раҳимов, Д. Шонасозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 729.
Е075	ХИШТРЕЗӢ, *хиштсозӣ*	Хиштҳои гилӣ ду хел мешаванд: хишти пухта ва хишти хом. Аз хоки сафед ё хокҳои дигар гирифта, лой мешӯранд. Гили омодашударо ба қолиб андохта, ба шакли хишт рехта, дар ҷойи ҳамвору офтобрас хушк мекунанд. Баъди хушк шудан хиштҳоро дар танӯри махсус соатҳои дароз мепазанд. Ҳоло аз семент низ хишт мерезанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Хишт // ЭСТ. – Д., 1987. – Ҷ. 7. – С. 631. 2. Воронина В.Л. Народная архитектура Северного Таджикистана. – М., 1959.
Е076	АНДОВА-ГАРӢ, *Андовамолӣ, лойандова*	Андовагарӣ як навъ ҳунари мансуб ба касби хонасозӣ мебошад. Пас аз омода гаштани қолаби хонаи лойӣ танаҳои девор, фарш ва болои боми онро бояд андова намоянд. Лойи андоваро аслан аз хоки сафед, коҳ ва об таёр менамоянд. Андовагарӣ кори мушкил буда, ҳар нафар аз уҳдаи иҷрои он намебарояд. Андова-гар низ ба мисли дигар касбҳо устоҳои худро дорад. Инчунин ба тариқи ҳашар низ баъзеҳо ин амалро иҷро менамоянд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1.Шарипов Н. Лойандова. // До-нишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., – 2015. – Ҷ. 1. – С.540. 2. Писарчик А.К. Жилище // Таджики Каратегина и Дарва-за. Вып.2, – Д., 1970. 3. Давыдов А.С. Жи-лище // Материаль-

		Андова аслан барои мустаҳкам гардонидани деворҳо ва инчунин барои гарм нигоҳ доштани хонаҳо фаршу болои бомҳо истифода мешавад.				ная культура таджиков верховьев Зеравшана. – Д., 1973.
E077	ДОИРА-СОЗӢ	Доира сози мусиқии зарбӣ ба шумор меравад. Он одатан, аз чӯби дарахтони тут, чормағз, арча, писта ва зардолу, ки чӯбҳои сахтанд, сохта мешавад. Доира аз ду қисми асосӣ – *салла* ва *пӯст* иборат аст. Салла аз панҷ пора чӯби камонакшакли болоӣ ва ҳамин миқдор чӯби поёнӣ сохта мешавад. Диаметри саллаи доира 37-38 см мебошад. Дар чӯби саллаи доира барои симгузаронӣ 40 адад сӯрох мекунанд ва дар ин сӯрохҳо сим гузаронида, 40-то ҳалқа ё силсила меовезанд. Баъд аз оне, ки саллаи доира омода шуд, навбат ба пӯсткашӣ мерасад. Пӯстро ба ҳалқаи доира кашида, дар офтоб мегузоранд, то ки он пурра хушк шавад. Ҳамин тариқ, доира дар як ҳафта омода мешавад.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Сохтани созҳои мусиқии суннатӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.84-90. 2. Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созтарошӣ / мураттиб Х. Низомов. – Д., 2012 3. Низомов, Х. Созшиносӣ. – Д., 2016.
E078	КУРТАДӮЗӢ, *чеварӣ*	Куртадӯзӣ яке аз ҳунарҳои анъанавии тоҷикон буда, дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маъмул аст. Тарзи тайёр кардани куртаи занона чунин аст: баъди андоза гирифта, матоъро пора кардан пеши куртаро бо таври дилхоҳ оро дода, дар рӯи он нақшу нигор мекашанд. Доманҳои пешу қафоро бо ҳам васл намуда, баъдан остинро ҳамроҳ мекунанд. Баъзеҳо тавассути муҳраву пулакчаҳои дурахшон ва риштаҳои гуногун бо таври дилхоҳ	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.79-96. 2. Ниёзова М. Намунаи ҳунарҳои занонаи вилояти Суғд // Фарҳанги

		ороиш медиҳанд. Чеварҳои куртадӯз инчунин пойҷомаву камзӯл ё калтача ва либосҳои кӯдакона низ медӯзанд.				ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 3., – Д., 2017. – С.44-55.
E079	КУНДАЛ *кундалнигорӣ, кундалкорӣ*	Кундал яке аз ҳунарҳои санъати нақкошӣ мебошад, ки бо истифода аз гач, ширеш, рангҳо ва мӯқалам офарида мешавад. Замини кундал, асосан, кабуд ё осмонӣ, баъзан зарандуд мешавад. Лавҳаҳои кундалро дар ороиши иморатҳо, ҳам аз берун ва ҳам аз дарун истифода мебаранд.	2018	Вилояти Суғд, Душанбе	Фаъол	1. Рузиев, М. Декоративно – прикладное искусство таджиков. – Д., 2003.
E080	КӮРПАДӮЗӢ	Ҳунари дӯхтани кӯрпа, кӯрпача (якандоз) ва баъзе лавозимоти бистари хоб. Инчунин бистари тифл барои гаҳвора. Ҳунармандони кӯрпадӯз аз матоъҳои гуногун, бештар аз матои пахтагин барои кӯрпаву кӯрпача дар аввал андоза карда, ҷилд медӯзанд. Ҷилдро маъмулан бо мошина медӯзанд, дар замони пеш дастакӣ медӯхтанд. Сипас пахтаро ба андозаи кӯрпа ҷудо карда, пас аз савачӯбзанӣ ба он меандозанд. Чун пахта дар ҷилд ҷо ба ҷо шуд, аз болояш бо сӯзани калон ва риштаи сахту ғафс лагандадӯзӣ ё қавиқ мекунанд. Кӯрпа барои хоб ва кӯрпача барои нишастан истифода мешавад. Кӯрпаву кӯрпачаҳо навъҳои махмалин, қуроқӣ ва гулдӯзӣ мешаванд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016.– С.79-96. 2. Кӯрпа // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ. 2. – С. 501-502.
E081	ҶӮЛДӮЗӢ *тӯқумдӯзӣ*	Ҷӯлдӯзӣ (тӯқумдӯзӣ) яке аз ҳунарҳои анъанавиест, ки дар байни мардуми деҳот маъмул мебошад. Ҷӯл барои савор шудан дар болои хар	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Абдуллоев А. Ҷӯлдӯзӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шу-

		истифода мешавад ва онро асосан аз матоъи мустаҳкам медӯзанд. Дар таги ҷӯл аз ду паҳлу, болиштак пайваст мекунанд, ки барои дар пушти хар мондан мувофиқ аст. Болиштакҳоро бошад, аз матоъи нармтар ва дар дарунаш пахта ё пашм монда омода мекунанд. Баъд онҳоро ба ҷӯл пайваста, бо риштаи мустаҳкам медӯзанд. Ҷӯл афзорест, ки на танҳо барои роҳати саворон, балки барои ҳимояи бадани хар низ ба кор бурда мешавад.				мораи 3. – Д., 2017. – С.177-180.
E082	КЕШБОФӢ, *бофандагӣ, кашидабофӣ*	Ин ҳунар ҳарчанд дар шакли нав рушд ёфтааст, аммо дар замони қадим намунаҳои он маъмул будаанд. Тоҷикон аз риштаҳои пашмини рангкардашуда, бо асбоби бофандагӣ симҳо ҷуроб, дастпӯшак, камзӯл, рӯймол, ҷемпер, калтача, пайпоқ, кулоҳ, гарданпеч ва ғайра мебофанд. Дар замони қадим бо ҷойи сим бо сихи чӯби анор мебофтаанд. Имрӯзҳо афзори бофтан – симҳо, даравшак ва риштаҳоро аз бозорҳо харидорӣ мекунанд. Илова ба тарзҳои суннатии бофтор ҳунармандон усулҳои бофтанро аз интернету телевизион ва матбуот меомӯзанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Умедаи Т. Чанд сухан рочеъ ба ҳунарҳои бонувони ноҳияи Ҷубодиён // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5.– Д., 2018. – С. 93-96. 2. Ниёзова М. Вазъи кунунии ҳунарҳои занонаи баъзе навоҳии водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. – Д., 2018. Шумораи 5. – С. 93-96.25-40.
E083	РАНГРЕЗӢ,	Усулҳои тайёр кардани рангҳои табиӣ аз гулу гиёҳҳо, маъданҳо ва маҳсулоти ҳайвонот. Дар	2018	Саросари	Камфаъол	1. Искандарзода М. Зебу зинати арӯсони Ҳисор. – Д., 2006.

	рангтайёркунӣ	шароити имрӯза бо ворид шудани риштаву матоъҳои рангаи корхонавӣ ба рангтайёркунии дастӣ эҳтиёҷ кам мондааст. Аммо ҳанӯз ҳам баъзе ҳунармандон, масалан, читгарон, қолинбофон, чакандӯзҳо аз рангҳои табиӣ истифода мебаранд. Рангрезҳо аз нил, гиёҳи рӯян, испанақ, пӯстлох ва решаи анор, ҳино, ранг тайёр мекарданд. Пас омода кардани рангҳо калобаҳоро дар рангоба меҷӯшониданд ва ранги дилхоҳашонро ба даст меоварданд.		кишвар		2. Иброхимов М.Ф., Раджабова Д.К. Традиционные технологии приготовления красок и крашения в текстильном производстве таджиков // Вестник таджикского технического университета. – 2012. – №3(18). –С. 114-117.
E084	САЧОҚДӮЗӢ	Ҳунари гулдӯзӣ кардани сачоқҳои калон, бардеворӣ, болишт ва дигар ашё. Ин усули гулдӯзӣ бо риштаҳои ранга дар матоъҳои махсуси катакдор истифода мешавад. Баъзе дӯзандаҳо дар сачоқҳои сафед нақши гулҳои сабдаргу лола, тасвири инсон, паррандагон ва баъзе матнҳоро медӯзанд.	2018	Саросари кишвар	Камфаъол	1. Исоева – Юнусова Н. Гулдӯзии тоҷикӣ. –М., 1979. 3. Сухарева О.А. Сузани. Среднеазиатская декоративная вышивка. – Ташкент, 2013.
E085	ШИРЕШ-ТАЙЁРКУНӢ	Ширеш маҳлулест, ки аз омезиш ва пухтану гудохтани баъзе маъданҳо, рустаниҳо ва маҳсулоти ҳайвонӣ ҳосил мешавад ва дар сохтани маснуоти гуногун дар рӯзгор ба кор меравад. Ҳоло дар мағозаҳо ширешҳои кимиёвии гуногунвазифаи замонавиро мефурӯшанд, аммо дар гузашта ниёгони мо роҳу усулҳои мухталифи таҳияи ширешҳоро доштанд. Баъзе устоҳои чӯбкор ва тунукасоз барои пайваст кардани пораҳои чӯбу тунукаҳо аз	2018	Саросари кишвар	Камфаъол	1. Раҳимов Д., Абдуллоев А. Зинсозӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.101-107.

		растаниҳо, тухми мурғ, устухон ва суми гов ва баъзе маъданҳо ширеш тайёр мекунанд.				
Е086	ДАРВОЗА-СОЗӢ	Дарвоза иборат аз дарҳои калони дутабақа буда, барои маҳкам кардани ҳавлӣ ва боғу ҳота (ҳаёта) истифода мешавад. Дарвоза аз масолеҳи гуногун: чӯб, тунука, оҳан ва ғайра сохта мешавад. Он аз ду табақа, як дари даромад, часпаку зулфин ва дастак иборат мебошад. Дар солҳои пеш дарвозаҳо, асосан, аз чӯбу тахтаҳо сохта мешуданд, баъзеяшон кандакорӣ ҳам буданд. Ҳоло дарвозаҳо бештар бо оҳану тунука сохта ва гулпартоӣ карда мешаванд. Дар ҳавлиҳо пайванд ба дарвоза инчунин дарвозахона ҳам месозанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Муқимов Р. Дарвоза // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С.306-307. 2. Жилище // Материальная культура таджиков Верховьев Зеравшана. – Д., 1973.
Е087	КАТСОЗӢ	Як навъ ҳунари марбут ба чӯбкорӣ. Кат ҷиҳозест, ки андозааш 2Х2 метр ё аз ин калонтар буда, чор пой дорад ва барои нишастану хобидан истифода мешавад. Катҳои анъанавиро аз чӯб месозанд, кандакорӣ мекунанд ва барои ҷилодор шуданаш ба он лак мемоланд. Имрӯзҳо дар сохтани катҳои чӯбин, махсусан, дар кандакорӣ ва ороиши онҳо асбобҳои барқӣ низ истифода мешаванд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н.Н. Деревообделочный промысел // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 1, 1966.
Е088	БАНДБОФӢ, *ресмонбофӣ*	Ресмонро аз нахҳои пахтагин, абрешимин, пашми бузу гӯсфанд ва шутур бо роҳи тобидан тайёр мекунанд. Бандҳо аз ҷиҳати ғафсӣ чанд намуд мешаванд: ресмон, таноб, пилта, банд, арғамчин. Қабл аз тофтани бандҳо баъзе ҳунармандон калобаҳоро ранг мекунанд ва дар натиҷа ресмони ранга ҳосил мешавад. Як навъи	2018	Саросари кишвар	Камфаъол	1. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.79-96.

		ресмонро «банди гаҳвора» ё «дастбандак» меноманд, ки бари он 2-3 см мешавад. Навъи дигараш «банди чодар» мебошад, ки тасмашакл буда, нақшҳо дорад.				
E089	РАССОМӢ, *наққошӣ*	Навъе аз санъати амалӣ, ки марбут ба офаридани асарҳои бадеӣ аст. Рассомон тавассути қаламу рангҳо ва мӯқалам дар қоғаз, матоъ, тахта, девор ва филизот нақшу суратҳои мухталифро тасвир мекунанд. Рассомҳо маъмулан расмҳои инсон, ҷонварон, гулу гиёҳҳо, табиат, хонаву кулли ашёву аҷсомро ба таври зинда мекашанд. Мусаввирони халқӣ асосан расмҳои ҳайвоноту рустанӣ ва манзараҳоро дар девор, шифти хона ва дар танаи баъзе ашёҳо тасвир менамоянд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рузиев, М. Декоративно – прикладное искусство таджиков. – Д., 2003. 2. Санъати мардумии Тоҷикистон (хунари анъанавӣ). – Д., 2011. 3. Раҳматов Б. Рассомӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С. 249-254.
E090	ГАЧКОРӢ	Усули коркарди ҳунарии гач ва гил бо роҳи кандану буридан. Гачкорӣ дар меъморӣ (ороиши биноҳо), ҳайкаларошӣ, ороиши баъзе ашёву анҷоми рӯзгор ва ғ. истифода мешавад. Ҳамчунин бо ҳунари гачкорӣ чойхонаҳо, масҷидҳо, кохҳои фарҳанг, хонаҳои истиқоматӣ оро дода мешаванд. Дар солҳои охир шакли дар қолаб рехтани гач маъмул шудааст, ки барои ороиши биноҳо истифода мебаранд. Нақшҳое, ки дар гачкории тирезаву сутун, равзана ва сақф истифода мешаванд: мадохил, каҷак, баргак, занҷира, тасвири ҷонварон ва дигар нақшҳои ҳандасию ислимӣ мебошанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рӯзиев М., Раҷабов А. Гачкорӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С. 208-209. 2. Рузиев, М. Декоративно – прикладное искусство таджиков. – Д., 2003.

Е091	ҲАЙКАЛ-ТАРОШӢ	Як навъ санъати бадеӣ, ки ба офаридани тандису муҷассамаҳо аз филиззот, гач, гилу чӯб ва санг марбут аст. Ба ҳайси масолеҳ филизҳои алюминий, биринҷӣ, мис, чӯян, пӯлод. сангҳои мармар, хоро, регсанг, базалт ба кор мераванд. Дар гузашта тибқи ақоиди шаръӣ сохтани ҳайкали инсон маъмул набуд. Дар замони шӯравӣ ҳайкалтарошии аврупоӣ тавассути фарҳанги русӣ ба мактаби ҳайкалтарошии тоҷик таъсир пурсамар расонид. Ба ҷуз аз муҷассамасозони касбӣ инчунин ҳайкалтарошони ҳаваскор дар байни мардум зиёданд, ки дар ороиши хонаҳо, боғҳо ва кӯдакистонҳо аз чӯбу масолеҳи дигар муҷассамаҳои хурд месозанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Рӯзиев М., Рачабов А. Гачкорӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С. 208-209. 2. Рузиев, М. Декоративно – прикладное искусство таджиков. – Д., 2003.
Е092	ЧАКМАН-ДӮЗӢ, *чакманбофӣ*	Чакман либоси болоии зимистонаи мардона буда, аз пашми гӯсфанд омода карда мешавад. Ин навъи либос ба ҷома шабоҳат дошта, беастар мебошад ва каме кушоду дароз дӯхта мешавад. Чакман оби боронро намегузаронад ва дар фасли зимистон бениҳоят гарм мебошад. Тарзи омода намудани чакман чунин аст: пашми гӯсфандро коркард намуда, ресмон мересанд ва онро ба дастгоҳи махусуси бофандагӣ насб намуда, ба рағза бофтан шурӯъ менамоянд. Аз матои рағза чакман, шалворҳои ғафси пашмин, линга, пайтоба, чоруқбанд ва арғамчин тайёр мекарданд.	2018	Саросари кишвар	Камфаъол	1. Холмуродов З. Чакманбофӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.180-183. 2. Раҳимов Д. Рағзабофӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ. 2. – С.231.
		Ҷорӯббандӣ ҳунари маъмулиест, ки дар				1 Холмуродов З., Абдулвоҳидов П.

E093	ҶОРӮБ-БАНДӢ	тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавҷуд аст. Ҷорӯбҳо ду хел мешаванд: ҷорӯби хонарӯбӣ ва навъи ҷорӯби ҳавлирӯбӣ ё кӯчарӯбӣ, дар баъзе минтақаҳо онро *ҷорӯбӣ* низ мегӯянд. Барои тайёр кардани ҷорӯб аввал пояҳои ниҳоли расидаи ҷорӯбро ду-ду ё се-се поя ҷудо намуда, шохаҳояшро паҳн карда, бо сим ба тарзи сеҳалқагӣ мебанданд. Сипас дастаи ҷорӯб баста мешавад. Баъд аз тайёр шудани дастаи ҷорӯб нӯгҳои зиёдатии онро бо табар ё корд бурида рост мекунанд. Инчунин баъзан барои бозоргир шудани ҷорӯб онро ранг мекунанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	Нигоҳе ба баъзе касбу ҳунарҳои мардумӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.96-110.
E094	ҚАЛАМ-КАШӢ, *қаламзанӣ, гулкашӣ*	Аз ҳама кори заҳматталаб дар омода намудани маҳсулоти гулдӯзӣ қаламзанӣ ва ё тасвири нақшҳо барои ороиши риштаҳои ранга мебошад. Дар ҳар деҳаву маҳалла ва ноҳия бонувони гулдаст, ки маҳорати баланди рассомӣ доранд, ин амалро ичро мекунанд. Онҳо нақшҳоро дар болои сӯзанӣ, тахтпӯш, болишт, чодари арӯсӣ, куртаҳои гулдӯзӣ, парда ва ғайра тасвир мекунанд ва ранги риштаҳоро худашон интихоб менамоянд. Ба доираи нақшу тасвирҳои бонувони қаламкаш нақшҳои офтоб, моҳтоб, ситора, гулҳои гуногун, махсусан, лола, баргакҳо, каҷак, муғҷа, давра, занҷирак, мавҷи об, хаттҳои оба, инчунин тасвири ҷонварон дохил мешаванд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.79-96. 2. Исоева – Юнусова, Н. Гулдӯзии тоҷикӣ. – М., 1979. 3. Рузиев, М. Декоративно– прикладное искусство таджиков. – Д., 2003.

Е095	ПӮСТКАШӢ	Пӯсткашӣ як навъ ҳунари анъанавиест, ки ба сохтану тармими созҳои мусиқии торӣ ва зарбӣ вобаста аст. Пӯсткашӣ дар тармими доира, даф, таблак, тор, рубоб, ғичак ба кор меравад. Ба сифати ашёи хом аз пӯсти гӯсола, ки нисбат ба пӯсти молҳои хурд мустаҳкамтар аст, истифода мекунанд. Равиши кори пӯсткашӣ чунин аст: пӯстро аз равғану дигар гӯштпораҳо бо корд тоза карда, оҳак мепошанд ва мепечонанд. Дар як ҳафта пӯст аз пашм ҷудо мешавад. Онро гирифта, аввал тар карда, сипас ба чамбарак ё саллаи доира мекашанд. Баъзан аз ширешҳо низ истифода мебаранд. Баъди пӯстро кашидан аз дарун ҳалқаҳоро устувор мекунанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Созҳои миллии тоҷик ва ҳунари созтарошӣ / мураттиб Х. Низомов. – Д., 2012. 2. Раҳимов Д. Сохтани созҳои мусиқӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.84-90.
Е096	МЕЪМОРӢ, *хонасозӣ, иморатсозӣ*	Меъморӣ, навъе аз ҳунарҳои анъанавӣ, ки ба лоиҳакашӣ, тарҳрезӣ ва сохтмони бинову иншооти гуногун алоқаманд аст. Барои устои меъмор пеш аз ҳама донистани илмҳои ҳандаса ва физика зарур аст. Дар замони муосир меъмории суннатӣ бо илми архитектураи нав омехта шуда, тарҳҳои нави иморатҳои замонавиро эҷод карда истодаанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Муқимов Р., Шарипов Н. Меъморӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С.611-622. 2. Рузиев, М. Декоративно – прикладное искусство таджиков. – Д., 2003.
Е097	ПОПУРЗАНӢ	Ҳунари бо мошина гулдӯзӣ кардани сӯзанӣ, зардеворӣ, тахтпӯш, болишт, чодари арӯсӣ, парда, куртаву рӯймол ва ғайра. Ҳарчанд, ки дар раванди ин ҳунар мошинаҳои замонавии дӯзандагӣ ба кор мераванд, аммо санъати	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ниёзова М. Вазъи кунунии ҳунарҳои занонаи баъзе навоҳии водии Вахш // Фарҳанги

		гулпартоӣ дар маҳсулот хеле ҷолиб ва тибқи суннатҳои гулдӯзӣ сурат мегирад.				ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018. – С. 93-96.25-40. 2. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.79-96.
E097	ҶЕВОН-СОЗӢ, *мебелсозӣ*	Ҷевонсозӣ ба гурӯҳи ҳунарҳои чӯбкорӣ дохил мешавад. Устоҳои ҷевонсоз аз солҳои пеш ба сохтани ҷевонҳои хурду калон машғул буданд. Ҷевонҳоро аз тахтаву фанер, шиша, тунука бо меху ширеш месозанд ва бо рангҳои мухталиф пардоз медиҳанд. Ҳоло дар раванди ҷевонсозӣ асбобҳои барқии чӯббурӣ истифода мешаванд. Тарҳу нақшаи ҷевонҳо низ замонавӣ ва ба мисли ҷевонҳои корхонавӣ шудаанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Холмуродов З., Абдулвоҳидов П. Нигоҳе ба баъзе касбу ҳунарҳои мардумӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.96-110. 2. Ершов Н.Н. Деревообделочный промысел // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 1, 1966.
E098	СУРМА-ТАЙЁРКУНӢ	Сурма яке аз маҳсулоти ороишии занона буда, онро барои ба чашм молидан истифода мебаранд. Сурмаро бештар аз равғани гов омода менамоянд. Тарзи омода намудани он чунин аст: равғани говро дар зарфи сирдор хунук мекунанд ва мобайни равғани хунукшуда пахтаро пилик намуда, мегузоранд. Сипас пилтаро оташ зада, дар болои он зарф боз косаи дигари сир-	2018	Саросари кишвар	Нимфаъол	1.Искандарзода М. Зебу зинати арӯсони Ҳисор. – Д., 2006. 2. Шарипов Н. Сурма // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ. 2.– С. 355-356.

		дорро пӯшонида мемонанд. Оташи афрӯхта, майда сӯхтан мегирад. Баъд аз сӯхта тамом шуданаш ҳамаи дудҳои ҷамъшударо бо коғази сахт тарошида, ба зарфи шишагӣ мегиранд.				
E099	БАНДЗАНӢ, *чинибандзанӣ, қадоқгарӣ*	Бандзанӣ ҳунари анъанавӣ буда, вазифаи устои *бандзан* таъмири асбобҳои гуногуни аз чӯб сохташудаи рӯзгор аз қабили табақ, қошуқ, дастаи белу каланд ва ҳатто чойнику дег низ мебошад. Барои бандзанӣ усто аз тунука ва мехи майда истифода мебарад. Асбобҳои зарурӣ дар ин кор болғаи одӣ, болғаи чубӣ ва анбӯр мебошанд. Ҷойи кафидаи табақ ё умуман ҳама гуна ашёи чубӣ бо миқдори муайяни тунука пӯшонида, канорахои он бо мехи майда зич кӯфта мешаванд. Аммо ҷумаки шикастаи чойникро бо ширеш маҳкам мекунанд.	2018	Саросари кишвар	Камфаъол	1. Холмуродов З., Абдулвоҳидов П. Нигоҳе ба баъзе касбу ҳунарҳои мардумӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.96-110.
E100	ҚАННОДӢ, *қандпазӣ*	Қаннодӣ яке аз ҳунарҳои суннатии тоҷикон ба шумор меравад. Қаннодон ё қандпазон дар гузашта бо истифода аз шакару асал, шириниҳои ангурию тутӣ, меваҳои хушк ва ғайра қандҳо тайёр менамуданд. Ҳоло маҳсулоти корхонавӣ барои истеҳсоли қанду шириниҳо бештар ба кор мераванд. Қаннодони тоҷик бештар набот, қандалот, парварда ва анвои ҳалво истеҳсол мекунанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Холмуродов З. Қаннодӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 3. – Д., 2017. – С. 183-187. 2. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва шириниҳои сокинони водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
		Маҳсидӯзӣ ҳунари анъанавӣ буда, то ба имрӯз				1. Пойафзордӯзӣ //

E101	МАҲСИ-ДӮЗӢ	идома дорад. Масҳӣ пойафзори марбут ба фасл-ҳои сарди сол буда, навъҳои занонаву мардона дорад. Масҳиро одатан аз болои пайтоба ё чӯробҳо бо кафш ё калӯш мепӯшанд ва дар даруни хона бо масҳӣ мегарданд. Масҳӣ аз қисмҳои соқ, сарӣ, таг ва дастак иборат мебошад. Соқи масҳиро аз чарми гӯсфанд ва қисмҳои сариву таги онро аз чарми гов медӯзанд. Масҳӣ низ мисли кафшу мӯза дар қолибҳои чӯбин тайёр мешаванд, ки қолибҳои чапу рост аз ҳам фарқ доранд.	2018	Хуҷанд, Истарав-шан	Нимфаъол	Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Раҳимов Д. – Д., 2017. – С. 164-165. 2. Раҳимов, Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Д., 2014. – С. 43-46.
E102	ШИҒБАНДӢ, *шиғозӣ, шиғбофӣ*	Шиғбандӣ ҳунари мардона буда, бо истифода аз навдаи тари дарахтони сафедор, бед ё найчӯб (қамиш) ва бандҳо бофта мешавад. Шиғро бештар дар деҳот барои маҳкам намудани гирди ҳавлӣ, ҳаёта (ҳота), полез, ҳели гӯсфандон, барои маҳкам намудани гирди дарахтони ҷавоне, ки берун аз ҳавлӣ шинонда мешавад, мебофанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Деворзанӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ. 1. – С.322-323.
E103	ҶЕЛАКДӮЗӢ	Дӯхтани як навъи либоси суннатии болопӯши мардона мебошад, ки аз сатин, беқасаб ва тик дӯхта мешавад. Шаклан, ба ҷома монанд аст, аммо дар дарунаш пахта намегузоранд. Ҷелак аз абраву астар иборат аст, баъзеҳо астар намегузоранд. Абраашро ба 6 қисм пора мекунанд. Қисми болоии байни паҳлӯҳои росту чапро рост бурида, ба зери бағал ду қулфаки мураббаъшакл мечаспонанд. Ба ду нӯги гиребон аз риштаи пахтагӣ ё абрешимӣ камарча медӯзанд, ки дар сари сина воқеъ гашта, вази-	2018	Суғду Хатлон, водиҳои Ҳисору Рашт	Фаъол	1. Широкова З.А. Одежда // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.2, – Д., 1970. 2. Носирова Л. Назаре ба ҳунари бонувон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С.79-96.

		фаи тугмаро ичро мекунад. Гиребони ҷелакро бо бараш яклухт монанди ҷома бурида мечаспонанд.				
E104	ҶАМОЛАК-БОФӢ, *кокулбофӣ*	Як навъ ҳунари занона мебошад, ки ба сохтани афзори ороишии мӯйи духтарону бонувон мар-бут аст. Ҷамолак ва пӯпакҳояш аз риштаҳои абрешимии сиёҳ бофта шуда, бо қуббаҳои нуқрагини сепоя оро дода мешавад. Ҷамо-лакҳоро барои духтарон ва арӯсон асосан аз риштаи пахтагин тайёр карда, онро бо муҳраҳои гарди хазина зинат дода, бо абре-шимҳои ранга пӯпакҳо тайёр карда, ороиш медиҳанд. Ҷамолак дар Бадахшон бо номи *печак* маъмул аст, ки танҳо бо ранги сурх омода карда мешавад. Ҷамолакро дар лаҳҷаи баъзе мин-тақаҳои Тоҷикистон *ҷумолак, кокул, чичибог, калбиш* низ ном мебаранд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ниёзова М. Суннатҳои мӯйбофӣ дар Бадахшон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 132-143. 2. Турсунова Т. Суннати мӯйбофии мардуми тоҷик. // Номаи пажӯҳишгоҳ. – Д., 2006 – №13-14. 3. Носирова Л. Кокулбофӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.153-157.
E105	МУҲРА-КАШӢ, *муҳрабофӣ*	Муҳракашӣ ҳунари нозуку мураккаб аст, ки зеҳну дидаи устувор ва сабру тоқат мехоҳад. Асосан бонувон ба ҳунари муҳракашӣ машғуланд. Онҳо анвои ҳамели муҳраҳоро ҳам барои фурӯш ва ҳам барои намоишҳо омода месозанд. Анвои муҳраҳо: хафабанд, гарди хазина, ҷела – гарданбанд, дастпона, гӯшвор, дастбанд. Пешовезҳои калон бо муҳраҳои	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Носирова Л. Назаре ба ҳунарҳои бонувони шаҳрҳои Бохтару Левакант // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018. – С.21-26. 2. Раҳимов Д.,

		сершумор ва истифодаи 56 сӯзан таҳия мешавад. Хафабандҳо ва ҷелаҳо бо 32 сӯзан ва риштаҳо муҳракашӣ мешаванд. Риштаҳо сахт буда, аз сӯрохии ҳар як муҳра аз 1 то 5 тори ришта мегузарад. Муҳраҳоро арӯсон, ҷавондухтарон дар ҷашну маросимҳои хурсандӣ ба гардан меовезанд.				Ниёзова М., Носирова Л., Холмуродов З. Вазъи ҳунарҳои мардумӣ дар минтақаи Кӯлоб // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. – С.8-29.

ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ

Бахши 6. Хӯрокҳои миллӣ (F000)

№	Номи унсур	Тафсири мухтасар	Соли сабт дар феҳрист	Маҳали густариш	Вазъи имрӯза	Адабиёт
F001	АТОЛА, *отала, атала,*	Таоми субҳонаи тоҷикон, ки аз орд, шир, об, равған намак тайёр мешавад. Атола таоми парҳезӣ, табобатӣ, осонҳазм аст. Атола навъҳои сафедак, ширӣ, равғанӣ, кочӣ дорад. Дар баъзе навоҳии кишвар оши буридаро низ *отала* мено-манд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Таомҳои ширӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Д. 2017. – С. 225-227. 2. Муҳаммадиев, Ҳ. Атола // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ.1. – С. 80.

F002	АТОЛАИ ГӮШТИН	Атолаи гӯштин хӯроки субҳгоҳӣ буда, аз гӯшти гов, орд, шир ва равғани зард тайёр карда мешавад. Онро бештар дар фасли зимистон ва моҳи шарифи Рамазон истеъмол мекунанд.	2016	Вилояти Суғд	Фаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F003	БАРРАКАБОБ	Ин кабобро аз гӯшти барра тайёр чунин мекунанд. Гӯшти барраро шуста, намак пошида, дар равған бо пиёз бирён мекунанд, каме дам мепартоянд. Он хӯроки хушхӯр ва серғизою зудҳазм аст.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 105.
F004	БАТ	Як навъ ҳалвоест, аз орд, талқони тут ва равғани зард таҳия мешавад. Баъзан ба он шакар низ илова мекунанд. Бат аз хӯришҳои идонаи айёми фарорасии Наврӯз мебошад. Аз номи он гирифта, арафаи ҷашни Наврӯз дар баъзе навоҳии Бадахшон «Бат-айём» меноманд.	2016	Бадахшон	Фаъол	1. Шакармамадов Н., Шакармамадов О. Наврӯзи Бадахшон. – Хоруғ, 2003. – С. 23. 2. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф. – Сталинабад, 1958.
F005	БЕДОНА-БИРЁН	Бедонаро ба оби ҷӯш андохта, тоза карда, шуста, андаруни намакоб 1-2 дақиқа нигоҳ медоранд, равғану лиму молида, зира ва мурч пошида, дар равғани доғ мепазанд. Хӯроки	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Бедонакабоб // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 127.

		серғизо, лаззатбахш аст.				
F006	БЕДОНА-ШӮРБО	Бедонаро тоза шуста, намак пошида ба деги обдор андохта, дар оташи маҳин меҷӯшонанд, баъди нимпаз шуданаш бо он бехпиёз, сабзӣ, шалғам ва кабутӣ ҳамроҳ мекунанд, хӯроки миллии болаззату, қувватбахш аст.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Бедонашӯрбо // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 105.
F007	БОИМҶОН-БИРЁН, *бодинҷонбирён*	Боидинҷони расидаро шуста, реза карда, намак, орд, пошида, дар равған бирён мекунанд, бо пиёзи резаи тафдода қабат андар қабат мегузоранд, хамираи помидор ҳамроҳ карда меҷӯшонанд. Тарзи дигари таҳияи он: дар деги равғандор бодинҷонро бо картошка, пиёз ва гӯшт реза карда, бирён мекунанд. Мувофиқи табъ мурч меандозанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Бодинҷонбирён // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.112. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 105.
F008	БОИМҶОН-ШӮРБО	Аз ҷумлаи хӯроки тобистонаи тоҷикон мебошад, ки аз боимҷон, равған, картошкаву пиёз, сабзӣ, нахӯду лӯбиё ва дигар адвиёт таҳия мешавад. Боимҷоншӯрборо бештар дар табақҳо нон ё фатир реза карда, аз болояш мерезанд ва бо чаккаву сабзиҷот истеъмол менамоянд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Бодинҷон // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.112. 2. Боимҷоншӯрбо // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д.,

						Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 106.
F009	МУРАББО	Навъе аз ширинии анъанавӣ, ки аз меваҳо ва сабзавот бо иловаи шакар дар оташи паст пухта мешавад. Маъмулан, мурабборо аз олуча, биҳӣ, зардолу, шафтолу, себ, нок, сабзӣ, гелос, анҷир, марминҷон ва дигар меваҳою буттамеваҳо тайёр мекунанд. Тарзи бидуни ҷӯшонидану пухтани мураббо низ роиҷ аст. Масалан, мураббо аз барги гул ё марминҷонро бо иловаи шакар бидуни пухтан низ омода мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Мураббо // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 152-153. 3. Мураббо // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 106.
F010	СИРКО, *гӯраоб*	Оби ангурро ҷабида, дар зарфҳо гирифта, болояшро бо дока пӯшонида, дар ҳавои муътадил мегузоранд. Оби ангур ба ҷӯш омада, бухораш мебарояд ва баъди ду ҳафта ором шуда, таҳшин мешавад. Онро полонида, дар шишаҳо мегиранд ва бо таомҳои серғизову равғанин истеъмол мекунанд. Сиркоро ба газаку хӯришҳои гиёҳӣ низ ҳамроҳ мекунанд, ки хеле хушхӯр мешавад. Сирко барои ҳазм кардани таомҳо кумак мерасонад.	2016	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Сирко // ЭСТ. – Д., 1987. – Ҷ.7. – С.5. 2. Ғӯраоб // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 219.
F011	СУМАНАК, *сумалак*	Як навъ ҳалвои рамзноки баҳорӣ, ки хосси Наврӯз буда, аз шираи майсаи гандум, равған ва орд пухта мешавад. Гандумро шуста, дар табақҳо месабзонанд. Сипас гандуми онро дар	2014	Вилоятҳои Суғду Хатлон, во-	Фаъол	1. Раҳимов, Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии тоҷикон. – Д.,

		охӯрча кӯфта, шираашро мегиранд ва онро полонида, ба дег меандозанд. Маҳсулоти суманакро дар дег 8-10 соат меҷӯшонанд ва бо кафгир ё кафча кофта меистанд. Суманак навъҳои дегӣ, танӯрӣ, атолагӣ ва бирёнӣ дорад.		диҳои Ҳисору Рашт		2011. 2. Суманакпазӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 87. 3. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257.
F012	ПАНИР, *панири хонагӣ*	Маҳсулоти хӯрокиест, ки аз шир тайёр мешавад. Таркиби он аз сафедаву равган ва моддаҳои минералӣ ғанӣ буда, барои тандурустӣ судманд аст. Панирро аз шири гов, гӯсфанд ва буз тайёр мекунанд. Ба шири пухташуда, панирмоя меандозанд ва мисли ҷурғот мехобонанд, ки он баста мешавад. Аз ҳама бештар панир аз шири буз нофеътар аст. Ҳоло панирро дар хонаҳо кам истеҳсол мекунанд, бештар навъҳои корхонаӣ дар истеъмол аст.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор, Лахш	Камфаъол	1 Панир // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 163. 2. Панир // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. – Д., 2016. – С. 107.
F013	ЧАГАЛДАК	Як навъ аз хӯроквории анъанавии тоҷикон, ки хамираш аз орди гандум, тухм, сабзиҷот ва намакоб суст шӯрида мешавад. Он дар айёми иду маъракаҳо бештар таҳия мегардад. Дар баъзе навоҳии ҷумҳурӣ онро *сузма,*	2014	Вилояти Хатлон, водиҳои Ҳисору	Фаъол	1. Шарипов Н. Чагалдак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 589. 2. Чагалдак //

		қуюма, бугурсоқ меноманд.		Рашт		Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 222.
F014	ҲАЛВОИ ТАР	Яке аз ҳалвоҳои маъмули тоҷикист. Онро аз орди гандум, равғани зард ё дунба ва шакар мепазанд. Усули таҳияи он чунин мебошад: орди гандуми бехтаро то хурмоиранг шуданаш дар равған таф медиҳанд. Шарбати қандро алоҳида тайёр мекунанду ба болои орди бирён рехта, якзайл меомезанд. Пас аз 5-7 дақиқа ҳалвои тарро аз болои оташ гирифта, боз як бори дигар хуб меомезанд. Онро дар гармиаш ба табақчаҳои чуқур кашида, баъди хунук шуданаш ба шакли мураббаъ мебуранд. Ба рӯи ҳалвои тар барои хушхӯр шуданаш мағзи кӯфтаи писта, чормағз ё бодомро мепошанд.	2014	Водиҳои Ҳисору Рашт, вилояти Хатлон	Фаъол	1.Ҳалвои тар // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.224. 2. Раҳимов, – Д., Холмуродов, З. Ҳунари ҳалвогарии тоҷикон. // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №4. – С. 40-46. 2. Ванукевич, А., Аминов, С., Шарипов, Х., Таджикские национальные сладости. – Д., 1969.
F015	КАЛЛАПОЧА	Ин навъи хӯрокро аз каллапоча ва ишкамбаи буз, гӯсфанд ва гов тайёр мекунанд. Онҳоро тоза карда, шуста, реза карда, дар деги об як-чанд соат меҷӯшонанд. Ба деги он намак, пиёзу сабзиҷот низ ҳамроҳ мекунанд, то ки хушмаза шавад. Каллапочаро гармогарм ва низ сард карда, истеъмол мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Каллапоча // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д.

						Раҳимов. – Д. 2017. – С. 231.
F016	ХОЧБИРЁН, *қорчбирён, занбурӯгбирён*	Як намуди хӯроки суннатӣ. Дар деги равғандор занбурӯғ (хоч), намак ва баъзе адвиёти хуштамъкунандаро андохта, бирён мекунанд. Баъзе навъҳои занбурӯғро аввал дар об 10-15 дақиқа мечӯшонанд, сипас бирён мекунанд. Занбурӯғро ба тарзи дампаз, сихкабоб ва шӯрбогӣ низ таҳия мекунанд. Барои зимистон занбурӯғҳоро дар сиркову намак мехобонанд, ё реза карда, мехушконанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Занбурӯғ // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 121-123.
F017	ГӮШТБИРЁН	Аз маъмултарин хӯрокҳои тоҷикӣ буда, онро аз гӯшти гов, гӯсфанд ва ё буз тайёр мекунанд. Гӯштро пора карда намак пошида, як ду соат дар ҷойи сард нигоҳ медоранд, сипас онро дар равғани дунба ё равғани растанӣ бирён мекунанд. Дар бисёр ҳолатҳо ба он пиёз, чарбу, дилу ҷигар ва гурдаи ҳайвонҳои мазкурро низ илова мекунанд. Он аз кабоб, ки адвиёти бештар дошта, буғпаз мешавад, як андоза тафовут дорад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992.
F018	МУРҒБИРЁН, *мурғкабоб, тобагӣ, табака*	Яке аз хӯрокҳои маъруф. Қаблан гӯшти мурғро пора карда, бо сирко, сирпиёз, мурчу зираворӣ омехта, дар зарфе рӯяшро пӯшонида, 5-7 соат мехобонанд. Сипас онро дар равғани растанӣ бирён мекунанд. Як навъи мурғбирёни машҳурро тобагӣ (табака) меноманд, ки он дар равғани тоба пухта мешавад. Ба болои гӯшти мурғ оҳани вазнину ҳамворро мегузоранд, то ки ба мағзи	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Мурғкабоб // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 127. 3. Мурғбирён // Мероси фарҳанги

		гӯшт равған даромада, нағз пазад.				ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 130.
F019	ЧАНГОЛӢ	Чанголиро аз фатири гарм ва равғани маска тайёр мекунанд. Фатирро аз танӯр канда, дар табақи чӯбин пора-пора мекунанд ва равғани маскаро низ пора карда, аз болояш мерезанд ва бо даст омехта менамоянд.	2014	Вилояти Хатлон, во-диҳои Ҳисору Рашт	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Чанголӣ // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. Мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 109.
F020	ҒӮЛУНГОБ, *зардолуоб*	Ғӯлунгобро аз навъи қоқи зардолуи ширин ва нордон тайёр мекунанд. Зардолуқоқро бо оби ширгарм тоза шуста, ба зарф андохта болояш оби чӯш мерезанд, даҳони зарфро мепӯшанд, аз шом то субҳ нигоҳ медоранд. Баъзан ба он ме-ваҳои хушки дигар, мисли олуча, олуболу ва себи хушкро низ илова мекунанд. Он нӯшокии айёми наврӯзӣ буда, хусусияти шифоӣ дорад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ғӯлингоб // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.219. 2. Ғулингоб // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С.109.
F021	КАДУБИРЁН	Навъе аз хӯроки маъруфи парҳезӣ. Аз каду, на-мак, пиёз ва равған тайёр карда мешавад.	2014	Саросари	Фаъол	1. Кадубирён // Энсик-лопедияи мухтасари

		Баъзан ба он картошкаро реза карда, хамроҳ мекунанд. Масолеҳи мазкурро омода карда, дар равган бирён менамоянд ва ба табақ кашида, ба болояш каме сабзиҷот ё пиёзи сафедро реза карда, мепошанд.		кишвар		рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 128. 2. Кадубирён // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 109.
F022	КАДУШӮРБО	Навъи шӯрбои маъмул, ки аз об, гӯшт, каду, пиёз, сабзӣ, помидор, зира, қаламфур ва намак тайёр карда шуда, хӯроки сабуки парҳезӣ аст. Асоси онро каду ташкил медиҳад. Кадуро дар ҳаҷми 3-5 см пора карда, ба дег меандозанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257.
F023	КАБОБИ ТОКӢ	Аз ҷумлаи ғизои суннатӣ, ки аз гӯшти қиммаи гӯсфанд, навбарги ток, пиёз, помидор дар равгани растанӣ пухта мешавад. Хӯроки баҳорӣ ва хушхӯру гуворо мебошад. Кабоби токиро дар оши палав низ меандозанд, ки онро палави токӣ меноманд. Баргҳои токро дар аввали баҳор дар бонкаҳо дар намаку сирко барои фасли зимистон низ мехобонанд.	2014	Вилоятҳои Суғду Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Кабоби токӣ // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 127. 2. Кабоби токӣ // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 110.

F024	СИХКАБОБ, *шашлик*	Хӯроки маъруф, ки аз гӯшти гов, гӯсфанд, буз, мурғ ва баъзан моҳӣ бо иловаи баъзе сабзавот ва адвиёт дар оташ пухта мешавад. Маҳсулотро қаблан дар сиркову зираворӣ хобонида, сипас ба сихҳо мегузаронанд ва дар лахчаи оташи ангишт, чӯби арча ва дигар гуна ҳезумҳо мепазанд. Сихкабоб навъҳои пора-пора, кӯбида, ҷигаркабоб, тахтача, лӯла ва чӯпонӣ дорад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 110. 3. Сихкабоб // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 230.
F025	ДАМЛАМА, *димлама*	Яке аз намудҳои хӯроки парҳезӣ, ки аз анвои сабзавот: карам, картошка, пиёз, сабзӣ, шалғам, каду, боимҷон, сир, гашничу шибит ва думба, гӯшти равғанноки гов ё гӯсфанд дар оташи паст буғпаз мешавад. Ҳамаи масолеҳро калон-калон пора карда, дар дег қабат ба қабат меандозанд ва ба он намаку зираворӣ илова намуда, сарпӯши дегро мепӯшонанд.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Дамлама // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 119. 2. Дамлама // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 110.
F026	ТАНӮРКАБОБ	Кабобе, ки маъмулан аз гӯшти гӯсфанд, баъзан аз гӯшти гову буз дар танӯр пухта мешавад. Гӯштро қаблан мурчу намак ва зираворӣ пошида, чанд соат дам медиҳанд. Он дар танӯри за-	2014	Вилоятҳои Суғд,	Фаъол	1. Кабоби танӯрӣ // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.127.

	кабоби танӯрӣ, тандуркабоб	минӣ таҳия мегардад. Ба танӯр барои хушбӯйӣ ва хуштаъмии кабоб ҳезуми бурс ё арча ва гиёҳҳои хӯшбӯй меандозанд. Сипас пораҳои нисбатан калони гӯштҳоро дар симу чангакҳо овезон карда, даҳони танӯрро бо латтаи тар ва сарпӯш маҳкам менамоянд. Баъзан аз болои латта лой молида, танӯрро сарбаста месозанд, то ки гӯшт дар буғи танӯр пазад.		Хатлон, водии Ҳисор		2. Шарипов, Н. Танӯркабоб // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 429. Тандуркабоб // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Д. 2017. – С. 228.
F027	ОШИ ТУППА, *оталаи туппа, туппакашак*	Навъе аз хӯроки тоҷикӣ, ки пораҳои хамири обпаз ва зирбаку сабзиҷот иборат аст. Хамири туппаро варақ-варақ бурида, ба оби дег андохта меҷӯшонанд. Сипас ба табақҳо кашида, ба болояш зирбакро мерезанд. Яъне картошкаро бо гӯшту пиёз ва помидор хурд реза намуда, дар равған бирён карда, ба илова мекунанд. Ин таом сабзиҷот, чакка ва қаламфур истеъмол карда мешавад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Аминов, С., Ванукевич, А. Таджикская кулинария. – Д., 1966. 3. Оши туппа // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 160-161. 4. Хӯрокҳои хамирӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Д. 2017. – С. 219-223.
F028	ӮМОЧ, *оши ӯмоч*	Навъе аз хӯроки қадимаи маросимии тоҷикӣ. Он аз резаи хамири орди гандум, равған ва шир тайёр карда мешавад. Навъи ӯмочи ба каду низ	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Оши ӯмоч // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. –

		маъмул аст. Онро миёни мардум ҳангоми беморихои зуком, таваллуди фарзанд ва дар баъзе маҳалҳо дар маросими мушкилкушо тайёр мекунанд.				Ҷ.2. – С. 163-164. 2. Умоч // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 219.
F029	ТУШБЕРА, *тушберашӯрбо, барак*	Тарзи таҳияи тушбера ба манту монанд мебошад. Тафовут дар он аст, ки хамираш аз манту хурдтар ва маҳсулоти дарунаш низ камтар буда, шакли печонданаш фарқ мекунад. Хамири манту дар буғ, аммо тушбера дар даруни шӯрбо пухта мешавад. Зуволаи тушбераро ба мисли хамири манту тунук намуда, бо корд ба шакли чоркунҷа мебуранд ва қимаи гӯшт, пиёз ва зираворирро ба дарунаш гузошта, сараввал секунҷа ва баъдар аз ду гӯшакаш гирифта, ба ҳам мечаспонанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Тушбера // Энсик-лопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 191. 2. Тушберашӯрбо // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 479. Тушбера // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 221.
F030	ОРДОБ, *ордбирён, гардсӯз, ҳадир,*	Ордоб ё ордбирён хӯроки сабуки субҳона аст. Таркиби он аз орд, шир ва равған иборат мебошад. Тарзи омода карданаш чунин мебошад: дар деги оташаш муътадил ба миқдори як пиёла равғани доғкардашуда андохта, ба он се қошуқи калон орд илова намуда, то сурх шуданаш дар оташ пухта мешавад. Пас аз сурх шудани гард ба он оби	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Шарипов, Н. Ордбирён // Донишномаи

		хунук андохта гардашро шикаста ба ҷӯш меоваранд. Баъди ҷӯш омадани он шир илова намуда, боз ҷӯшонда мешавад.				фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 129. 3. Ордбирён // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 227.
F031	УГРО, *оши бурида*	Таоми маъмулии тоҷик, аз хамири нафис буридашуда, об, гӯшт, пиёз, равған ва адвиёт таркиб меёбад. Хамири угро аз об, намак, орд ва як дона тухм шӯрида мешавад. Зуволаи омодашударо 15-20 дақиқа дам медиҳанд. Баъдан хамирро бо тирак тунук намуда дар болои тахта бо корди махсуси ошбур ба мисли торҳои ришта мебуранд. Сипас хамири риштариштаро дар деги ҷӯшидаистода андохта, бо қошуқи чӯбӣ барои дар дег начаспидани зуволаи буридашуда маҳин-маҳин кофтан мегиранд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 3. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 111.
F032	МАНТУ	Хӯроки маъмулии тоҷикон ва халқҳои ҳамсоя, ки аз хамир, гӯшти реза, равғани дунба, намак ва зираворӣ тайёр карда, дар деги махсус дар буғ пухта мешавад. Манту вобаста ба маҳсулот гӯштӣ, кадугӣ, картошкагӣ, алафӣ, карамӣ мешаванд. Мантуи тайёршударо бо чакка, мурчу қаламфур, равғани растанӣ ё маска истеъмол мекунанд. Навъи гулманту низ роиҷ аст, ки тар-	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Манту // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 146-147. 2. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015.

		зи печонидани он андаке тафовут дорад.				3. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 111. 4. Манту // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 220-221.
F033	НОН, *фатирхамир*	Навъи асосии хӯроки тоҷикон ва халқҳои дигари Осиёи Марказӣ. Хамири он аз орди гандум бо иловаи хамирмоя, намак, об тайёр шуда, нонҳоро дар танӯр ва тафдон мепазанд. Нонҳо хурду калон, ғафсу тунук, таркибан гандумӣ, ҷавӣ, арзанӣ мешавад. Навъҳои кулча, чапотӣ, гирда, ширмол, фатир, ҷаззадор, ҷурғотӣ ва ғайра дорад. Нон дар фарҳанги мардуми тоҷик мақоми махсус дошта, як навъ ғизои муқаддас ба ҳисоб меравад. Дар байни тоҷикон бисёр расму одат ва анъанаҳои марбут ба нон ва нонпазӣ роиҷанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 3. Раҳимов, Д. Шарипов, Н. Нон // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.83-89. 4. Нон ва анвои он // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Д. 2017. – С. 214-217.

F034	ШИРБИРИНҶ	Як намуди таоми миллии тоҷикӣ, ки аз шир, биринҷ, намак ва шакар тайёр карда мешавад. Ширбиринҷ аз ширу обу намак ва баъзан шакар омода мешавад. Дар дег об андохта, биринҷ ҳамроҳ мекунанд ва каме намак омехта мекунанд. Биринҷ, ки ба пухтан расид, ширро ҳамроҳ мекунанд. Як бори дигар нагз мечӯшад ва таом тайёр мешавад. Онро ба табақ кашида, бо равғани зард, маска ва ё заҳир ва мувофиқи табъ шакар пошида, истеъмол мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Ширбиринҷ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 225-226.
F035	ШӮРБО, *пухташӯрбо*	Шӯрбо маъмултарин таоми тоҷикӣ ба шумор меравад. Он аз гӯшт, равған, пиёз, нахӯд, сабзӣ, картошка, шалғам, помидор, каду ва лӯбиё ва ғайра тайёр карда мешавад. Барои хуштаъм шудан ба он анвои зираворӣ меандозанд. Вобаста ба масолеҳи таркиби он навъҳои зиёди шӯрбо маъмул аст. Масалан, хомшӯрбо, карамшӯрбо, нахӯдшӯрбо, боимҷоншӯрбо, наскшӯрбо, кадушӯрбо, шалғамшӯрбо, мурғшӯрбо, думшӯрбо ва ғайра.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 2. Каримов, Ф., Шарипов, Н. Шӯрбо // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.741-744. 3. Анвои шӯрбо // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 225.

F036	ШИРКАДУ	Таомест, ки қариб дар саросари кишвар онро мепазанд. Таркиби он аз каду об, шир, намак иборат аст. Усули пухтани он чунин аст: аввал кадуро тоза карда, ба андозаи 5-6 см пора мена-моянд. Онро дар об то пухтан меҷӯшонанд ва сипас ба он қадри зарурӣ шир илова менамоянд. Сипас онро дубора муддати 20-25 дақиқа меҷӯшонанд. Табиист, ки таъми каду ширин аст, аммо баъзан ба он шакар ё қанди сафед низ илова менамоянд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Ширкаду // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. 3. Ширкаду // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 226.
F037	ШИРИНӢ, *шиннӣ*	Навъе аз шираворихои суннатӣ. Онро аз шарбати ангур, тут, харбуза ва ё тарбуз тайёр мекунанд. Бо роҳи фишор додан, шарбати маҳсулотро гирифта, дар деги калон меҷӯшонанд. Ба он барои хуб таҳшин шуданаш хоки сафед меандозанд. Дар вақти ҷӯшидан мунтазам бо кафлез омехта меистанд. Баъд аз пухтани ширинӣ онро таҳшин карда меполонанд. Ширинӣ барои зуком, камхунӣ ва бемориҳои сармохӯрӣ давои хуб мебошад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Ширинӣ // Энсик-лопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 211. 3. Ванукевич, А., Аминов, С., Шарипов, Х., Таджикские национальные сла-

						дости. – Д., 1969.
F038	ШИРРАВҒАН	Таркиби ин таом аз шир, равғани зард ва ё дунбаи гӯсфанд иборат аст. Ширравған осонпаз буда, дар муддати тахминан 10 дақиқа тайёр мешавад. Аввал ширро пухта, дар табақи чубин мерезанд. Баъд нонро ба даруни шир реза карда, ширро то ба худ ҷабидани нон мекобанд. Нон, ки пурра ширро кашиду маҳину мулоим гардид равғани зардро ба болои таом мерезанд. Ин таомро ба ғайр аз субҳона дар тӯи арӯсию домодӣ пешкаши домод мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ширруған // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д., 2017. – С. 225. 2. Бердиева Ш. Таомҳои ширӣ – хуроки субҳгоҳии мардуми тоҷик // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №4. – С. 49–52.
F039	ШИРЧОЙ	Таоми субҳонаи тоҷикон. Онро аз шир, об, намак, чой ва баъзе адвиёт тайёр мекунанд. Баъзан ба он пӯстлохи меваи анор, барги бодом, пӯстлохи дарахти бед ё гиёҳи дигари шифобахш илова мекунанд. Дар Бадахшон ба деги ширчой чормағзро кӯфта меандозанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Одинаев Ё. Чойнома. – Д., 1991. 2. Бердиева Ш. Таомҳои ширӣ – хӯроки субҳгоҳии мардуми тоҷик // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №4. – С. 49–52. 3. Ширчой // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 225.

F040	ШАВЛА, *шула, шила*	Навъе аз таоми анъанавии тоҷикӣ. Аз равған, биринҷ, об, гӯшт, пиёз, лӯбиёгиҳо тайёр карда мешавад, ба он мувофиқи табъ гиёҳҳои хуштаъму шифобахш ҳамроҳ мекунанд. Шавларо бо чакка ва сабзиҷот тановул мекунанд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Шарипов Н. Шавла // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.689.
F041	ШАКАРОБ	Навъе аз хӯроки миллии тоҷикӣ. Нон ё фатири гарми аз танӯр кандаро дар табақи чӯбин реза карда, болояш оби ҷӯш мерезанд, ба он сабзиҷот, помидор, бодиринг ва чакка ҳамроҳ карда, меомезанд. Баъзеҳо аз болояш равғани заҒир ё пахта мерезанд ва бо қаламфур истеъмол мекунанд. Хӯроки сабуки парҳезии тобистона аст.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Раҳмонӣ, Р. Шакароб // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.691.
F042	ФАТИР-МАСКА	Хӯроки суннатии тоҷикӣ, ки аз фатири гарм ва маска бо тарзи омехтан тайёр карда мешавад. Фатирро аз танӯр канда, дар табақи чӯбин реза мекунанд ва аз боляш маскаро пора карда, меомезанд. Баъзеҳо ба болояш чакка рехта ва баъзеи дигар харбуза реза карда, истеъмол менамоянд. Хӯроки серғизо ва зудтайёр мебошад.	2014	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Шарипов, Н. Фатирмаска //

						Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.507.
F043	ГАНДУМ-КӮЧА, *оши кӯча, кашк, далда, боҷ*	Аз ҷумлаи таомҳои қадимаи мардуми тоҷик мебошад, ки дар зимстону баҳор бештар таҳия мешавад. Гандуми кӯфтаро бо нахӯд, лӯбиё, мош ҷӯшонда, ба он гӯшт ё каллапоча низ ҳамроҳ мекунанд. Ҳангоми ба пухтан наздик омаданаш, пиёзи сафед ва гиёҳҳои шулхаву пудина, ҷаъфарӣ ва ғайра илова менамоянд. Гандумкӯча таоми хоси Наврӯз ва фасли баҳор мебошад. Гандумкӯча ба ғайр аз таоми наврӯзӣ ва оши кӯча, яъне оши хайрия буданаш, инчунин хӯроки маросимҳои *сусхотун* (ашаглон), *гулгардонӣ* ва чанде дигар низ мебошад.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Раҳимов, Д. Гандумкуча // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ.1. – С. 196-197. 3. Каримов, Ф. Национальная кухня и щедрые дары природы Таджикистана. Ч.1. – Д., 2011.
F044	САНБӮСА, *самбӯса*	Навъе аз хӯроки нонии тоҷикӣ, ки дар танӯр ё тафдон пухта мешавад. Санбӯсаро бо гӯшту пиёз, каду, карам, картошка ва алафҳои баҳорӣ тайёр мекунанд. Тарзи омода кардани санбӯса чунин аст: аз орд, об, намак, ҷурғот, тухм зувола гирифта, муддате дам дода мешавад. Сипас аз зувола хамирварақ карда, ба болояш қимаи гӯшту пиёзу адвиётро гузошта, се гӯшаашро ба ҳам оварда, маҳкам менамоянд. Шакли санбӯсаҳо секунҷа, чоркунҷа ва даврашакл	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1.Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 2. Каримов, Ф., Шарипов, Н. Санбӯса // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 303-308.

		мешавад.				3.Самбӯса // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 221.
F045	ЯЛАМА, *шавла*	Намуди хӯроки мардуми тоҷик, ки аз биринҷ, анвои ғалладона, картошка, пиёз, сабзӣ, гӯшт ва равған пухта мешавад. Нахуст мисли палав зирбаки онро омода карда, сипас ба дег обу биринҷро меандозанд ва дар оташи паст меҷӯшонанд. Яламаи тайёрро бо чакка, сабзиҷот ва салат истеъмол мекунанд.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Неменова, Р. Таджики Варзоба. – Д., 1998. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 114.
F046	МОШКИЧИРӢ *кичирӣ*	Навъе аз хӯроки донагии анъанавӣ буда, аз мош, биринҷ, гӯшт. об, намак, равған ва гиёҳҳои хушбӯй тайёр карда мешавад. Гӯштро реза карда, дар равған бо пиёз бирён мекунанд, ба он сабзии резашуда ва хамираи помидор ҳамроҳ менамоянд. Чун зирбак омода шуд, ба дег об, лӯбиё ва мошро андохта, як сар меҷӯшонанд, баъдан биринҷро илова карда, дар оташи паст мепазанд.	2014	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Кичирӣ // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 135. 3. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. Мурат-тибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 114. 4. Каримов, Ф.

						Национальная кухня и щедрые дары природы Таджикистана. – Д., 2011. – Ч.1.
F047	ПАЛАВ *палов,* *оши палав,* *ош*	Оши палав шоҳи хӯрокҳои тоҷикист, аз биринҷ, гӯшт, равған, сабзӣ, пиёз, об тайёр карда мешавад, барои лаззатбахш шуданаш мурч, зира, сирпиёз, мавиз, нахӯд ҳамроҳ мекунанд. Палав намудҳои гуногун дорад: *палави баргитокӣ, софӣ, оши кенҷа, оши девзира, оши заъфаронӣ, қимапалав, оши дампухт, оши куҳнадам, оши биҳигин, оши як ба як, оши ҳафтравған, иликпалав, халтапалов, оши пӯстдунба, оши мавизӣ, оши сафед, оши зардчуба, гелакпалав, кукупалав, палави лубиёдор, палави дона-дона, палави самарқандӣ, мургпалав, бедонапалав, кабкпалав* ва ғ. Оши палав таоми асосии тӯю маъракаҳо, маросимҳо ва нишастҳои тоҷикон мебошад. Номинатсияи “Оши палав ҳамчун таоми анъанавӣ ва контекстҳои иҷтимоию фарҳангии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” соли 2016 расман дар Феҳристи репрезентативии ЮНЕСКО сабт карда шуд.	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Номинатсияи Оши палав / мураттиб, муаллифи пешгуфтор ва мақолаи умумӣ Д. Раҳимӣ. – Д., 2018. 2. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 3. Раҳимов, Д. Оши палав ва фарҳанги суннатии он // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №4. – С. 42-48. 4. Раҳмонӣ, Р. Оши палови тоҷикӣ. – Д., 2015.
F048	ПИЁБА	Пиёба навъе аз хӯроки қадима, буда, номи аслаш *пиёзоба* мебошад. Он хӯроки шахсони камбизоат ё бемору парҳезкор буда, аз пиёз, равған, намак ва об таҳия карда мешавад. Пиёз-ро ҳалқа-ҳалқа реза карда, дар равған мезирбо-	2014	Вилоятҳои Суғд, Хатлон водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-

		нанд ва ба он об ҳамроҳ мекунанд. Хӯрок як муддат мечӯшад ва омода мешавад. Онро ба косаҳо кашида, нон реза карда мехӯранд.				257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 115.
F049	МАСТОБА	Хӯроки анъанавии тоҷикон, ки аз биринҷ, равған, пиёз, картошка, сабзӣ, гӯшт, обу намак, нахӯд, лӯбиё, зираворӣ ва гиёҳҳо таҳия мешавад. Нахуст дар дег гӯшту сабзавотро хурд реза карда, мезирбонанд. Сипас об андохта, як сар мечӯшонанд ва биринҷу донагиҳоро ба он илова менамоянд. Мастобаро бо чакка, сабзиҷоти резашуда ва мувофиқи табъ мурчу қаламфур тановул мекунанд.	2014	Вилоятҳои Суғд, Хатлон водии Ҳисор	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Мастоба // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 148. 3. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. Мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 115. 4. Каримов, Ф. Национальная кухня и щедрые дары природы Таджикистана. Ч.1. – Д., 2011.
F050	ЧОЛОБ	Хӯроки сабуки тобистона, ки аз чакка, об, намак, гашнич, бодиринг, помидор, қаламфур ва баъзе адвиёти дигар таҳия мешавад. Чаккаро об карда, намак меандозанд ва ба он сабзавоти мазкурро реза карда меандозанд ва дар шакли	2014	Саросари кишвар	Фаъол	1. Чолоб // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 25. 2. Феҳристи

		сард онро истеъмол мекунанд.				миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. – Д., 2016. – С. 115. 3. Чолоб // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 236.
F051	ҲАЛВОЧАК	Як навъ ширинӣ ё худ хӯроки субҳгоҳӣ буда, онро аз тутмавиз ва чормағзи кӯфта тайёр мекунанд. Ҳалвочакро дар фасли зимистон ва моҳи шарифи Рамазон бисёр истифода мебаранд. Он мизоҷи гарм дошта, баданро гарм нигоҳ медорад.	2016	Вилояти Суғд	Фаъол	1. Фехристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 116.
F052	ШИРШУЛА *шулабашир, ширшавла*	Хӯроки маъмулии субҳона ва сабукхӯру хушҳазм мебошад. Он аз биринҷ, об, намак ва шир тайёр карда мешавад. Дар вақти истеъмол ба болои коса як қошуқӣ равғани зард ҳамроҳ мекунанд. Баъзеҳо мувофиқи табъ ба он шакар илова намуда, тановул мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ширшула // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 212. 2. Ширшавла // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ. 2.– С.725-726.

F053	БИЧАК	Як навъи санбӯса, ки дар деги равған мепазанд. Тарзи омода кардани бичак чунин аст: аз орд, об, намак, ҷурғот, тухм зувола гирифта, равғани растанию чарбуи говро омехтаро ба рӯйи зувола баробар мемоланд. Сипас бо корд зуволаро бурида, аз сари нав тунук менамоянд. Қимаи гӯшту пиёзу адвиётро аввал зирбонида, сипас дар болои хамирварақ гузошта, як гӯшаашро оварда, ба гӯшаи дигараш бо ангуштон зер намуда, маҳкам менамоянд. Баъд аз он дар равғани тафсон мепазанд. Бичак навъҳои гӯштӣ, алафӣ ва картошкагӣ дорад.	2016	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 116. 2. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 3. Бичак // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С.222.
F054	КАДУЛАФКА, *кадуҷӯшак*	Хӯроки саридастӣ, ки осонпаз ва осонҳазм мебошад. Таркиби он аз каду, пиёз, намак ва об иборат буда, дар дег ҷӯшонида тайёр мекунанд. Кадулафкаро дар табақ гирифта, ба болояш сабзиҷоти резашуда пошида, бо чакка мехуранд.	2016	Водии Ҳисор	Фаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. Мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 116.

F055	ШУЛАИ ИСПАЛОҚ	Як навъи таоми сабуки баҳорӣ, ки аз гиёҳи испалоқ (исфаноҷ), об ва биринҷ таҳия мешавад. Нахуст биринҷро шуста, дар деги обаш ҷӯшон андохта, намак ҳамроҳ мекунанд. Сипас испалоқро шуста, реза карда, ба деги ҷӯшон меандозанд. Шулаи испалоқро бо чакка истеъмол мекунанд.	2016	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. Мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016.
F056	ЛӮБИЁ-ШӮРБО	Як навъе аз шӯрбо, ки бо махсус бо лӯбиёи сурх, гӯшт ва пиёзу картошка пухта мешавад. Ба лӯбиёшӯрбои тайёршуда мувофиқи табъ чакка ва сабзиҷоти резашуда илова мекунанд ва мурчу қаламфур тановул менамоянд.	2016	Вилоятҳои Хатлону Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 116.
F057	РЕЗАШӮРБО	Навъе аз шӯрбо, ки дар он ҳамаи маҳсулот хурд реза карда мешаванд. Масалан, гӯшт, сабзӣ, пиёзу картошка ва ғайра. Инчунин анвои донагиҳо ва зираворӣ илова мегарданд.	2016	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 116.
F058	ОРЗУҚ, *озуқ, бурсоқ*	Як навъ хӯриши нонӣ, ки аз орду тухм, равған ва каме шакар пухта мешавад. Аз ин масолеҳ зувола карда, ба шакли чоркунҷа ё ромб бо корд мебуранд ва дар равған бирён мекунанд. Онро аз дег ба табақ бардошта, ба болояш кӯфтаи қанд ё шакар мепошанд. Орзуқ хӯриши хушхӯри идҳои суннатӣ ва ҷашни арӯсӣ ба шумор меравад.	2016	Вилоятҳои Хатлону Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1.Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 117. 2.Шовалиева М. История кулинар-

						ной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 3.Орзуқ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 222.
F059	МОҲИШӮРБО	Як намуди шӯрбо, ки махсус бо моҳӣ пухта мешавад. Инчунин ба дег баъзе сабзавоту зираворӣ меандозанд. Аз анвои моҳӣ – ширмоҳӣ, лаққамоҳӣ, заҒорамоҳӣ, суфмоҳӣ ва ғайра дар шӯрбо пухта мешавад. Моҳиҳоро тоза карда, дар оби хунук меандозанд, баъди ба ҷӯш омадани оби дег, як лунда пиёзро ҳалқа-ҳалқа реза карда, ба он ҳамроҳ менамоянд. Сипас муддате оби дег меҷӯшад ва намаку адвиёт, картошкаву помидорро илова мекунанд.	2016	Вилоятҳои Суғд, Хатлон, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Моҳишӯрбо // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ.1. – С.742. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 117.
F060	ТУНУК, *нони тунук*	Тунук як навъ нон ё худ фатири равғанини тӯёнаи мардумӣ буда, аз орд, об, намак, 4-5 дона тухм ва равған мепазанд. Он дар ҳамаи фаслҳои сол истеъмол карда мешавад. Дар тӯйҳо ҳамчун анъана тунукро зиёда аз 10 дона пухта, бо нону кулча ба хонаи арӯс ҳатман мебаранд.	2016	Вилояти Суғд, водиҳои Ҳисор, Зарафшон	Фаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69. 2. Чапотӣ ё тунукӣ

						// Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 214-215.
F061	ҚАТЛАМА, *қатмол, қалама, фатири дегӣ*	Қатлама як навъ фатири равғанин буда, зуволаи он аз орд, об, намак, равған 2-3 дона тухм тайёр карда мешавад. Қатламаро мисли фатир шакл дода, дар деги равған бирён мекунанд. Дар тӯйҳо ва маросимҳои азодорӣ ҳатман қаламаро рӯйи дастархон мегузоранд. Дар маросими арӯсбарон дар дастархони хешони арӯс низ қалама дода мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1 Бердиева Ш., Ниёзова М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69. 2. Қалама // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 216.
F062	НИШАЛЛО, *нишолло, нишавло*	Як намуди ширавории суннатии тоҷикист. Онро чунин тайёр мекунанд: дар зарфи сирнок шакару обро чӯшонида қиём мепазанад. Решаи бех – як навъ гиёҳро шуста, реза карда, дар об мечӯшонанд. Сипас оби чӯшидаро сард намуда, бо дока меполонанд ба деги мисӣ ё зарфи сирноки дигар меандозанд. Ба он сафедии тухмро илова карда, бо чилчӯб ё ҷорӯби махсус лат ме-	2016	Вилояти Суғд, водии Ҳисор, минтақаи Бохтари вилояти Хатлон	Фаъол	1. Шарипов Н. Нишолло // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.76-77. 2. Ширинихои анъанавӣ //

		зананд, ки он кафк мекунад. Ба кафки ҳосилшуда кам-кам қиёми шакарро мерезанд ва латзаниро давом медиҳанд. Нишалло ширавории зиннатдеҳи тӯю маъракаҳо ва дастархони рамазонӣ мебошад.				Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 239-241.
F063	ЛАХЧАК	Хамири буридашуда ё лахчакро дар оби намакдор ҷӯшонида, ба он равған мемоланд. Гӯшту пиёз, помидор, картошка, қаламфури ширинро бирён карда, зирбак мекунанд. Тухмро дар тобаи дигар бирён карда мегиранд. Лахчакро дар табақ кашида, ба болояш зирбак ва тухмро мегузоранд.	2016	Хуҷанд, Душанбе	Фаъол	1. Лахчак // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 144. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 118.
F064	ТАЛҚОН, *тутпист,*	Як навъ хӯриши хушк, ки аз кӯфтаи тутмавиз, донаки зардолу, чормағз, нони хушк ва баъзан гандумбирён тайёр карда мешавад. Онро дар шароити хона дар охӯрак (уғӯрак), дастос ва тавассути сангҳои махсус таҳия месозанд. Миқдори зиёди талқонро дар осиёб тайёр мекунанд. Баъзеҳо ба ҷойи тутмавиз ба он шакар ҳамроҳ мекунанд. Талқонро бо шир омехта, мисли ҳалво низ истеъмол мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Раҳматов, Б. Талқон // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.383.
F065	ФАТИРИ ВАРАҚИН,	Як намуди нон, ки зуволааш аз орд, об, намак, равғани ҷазза таҳия мешавад. Фатири бидуни равғани ҷазза ҳам маъмул аст. Баъзеҳо ба фатир пиёзу гашнич ҳамроҳ мекунанд. Фатири ва-	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. –

	фатири равганӣ, фатири ҷаззадор, фатири қатқат	рақинро барои таҳияи қурутоб ва шакароб низ истифода мебаранд. Онро инчунин ба табақи чӯбини шӯрбо низ реза карда, тановул мекунанд.				Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 3. Шарипов, Н. Фатир // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 506-507.
F066	ОШИ ҶАВАРӢ, *оши чиварӣ*	Оши ҷаварӣ – яке аз таомҳои сабуки мардуми шимоли кишвар аст. Барои тайёр намудани он аз донаи навъи ҷаварӣ, лубиё ва дӯғ истифода мебаранд. Ҷаварӣ як навъе аз ғалла мебошад, ки ба ҷуворимакка монанд буда, донҳои он дар болои ниҳол хӯша мебандад. Ин таом парҳезӣ ва осонҳазм мебошад.	2016	Вилояти Суғд	Фаъол	1. Оши ҷуворӣ // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 163. 2. Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F067	САЛЛА, *қоқак*	Як навъи хӯриши нонӣ, ки хушхӯр буда, одатан дар субҳона ё баъди таом бо чой истеъмол мекунанд. Барои пухтани салла орд тухм, шир, равғани зард, каме намак, сода, қанди кӯфта ва равғани пахта истифода бурда мешавад. Аввал хамир карда, зувола мегиранд ва онро варақварақ карда, ба ҳам пайваста, дар равғани доғ бирён мекунанд. Салла дар тӯю маъракаҳо бисёр пухта мешавад.	2016	Вилоятҳои Хатлону Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Шарипов, Н. Салла // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 297.

F068	ШИШБАШИР, *упка*	Як навъи таоми маҳаллӣ, ки аз шуши гӯсфанд, буз ва дар баъзе ҷойҳо аз шуши гов ва шир пухта мешавад. Онро чорводорон ва онҳое, ки дар айлоқанд бисёр истифода мебаранд. Инчунин барои меҳмони иззатманд ва дар тӯйҳо низ омода мекунанд. Тарзи тайёр кардани ин таом чунин аст: шуши чорпои солимро шуста, тоза карда, аз сӯрохии хекиртаки он бо чойник шир мерезанд. Шир ба шуш пурра ҷойгир мешавад. Баъзеҳо шушро ба муддати якшабонарӯз дар шир тар карда мегузоранд. Пагоҳӣ шушро гирифта, дар оби ба ҷӯш омада, тақрибан 6-7 соат мечӯшонанд. Баъд аз пухтан онро гирифта, дар рӯйи тахтача реза мекунанд ва дар зарф мегузоранд.	2016	Ашт, Лахш, Мурғоб	Фаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 119.
F069	НОРИН	Таоми анъанавии мардумӣ буда, аз гӯшти гӯсфанд, пиёз, сабзӣ, равған, орд ва обу намак пухта мешавад. Хӯроки тайёршуда бо гашничу шибит ва чакка ороиш дода мешавад. Норин хӯроки серғизо ҳисоб мегардад.	2016	Вилояти Суғд	Нимфаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 119.
F070	ХОМШӮРБО	Яке аз таомҳои миллии тоҷикӣ, ки дар ҷашну маъракаҳо, маросимҳои азодорӣ ва ошхонаву тарабхонаҳо пухта мешавад. Онро аз гӯшти равғандори гов ё гӯсфанд бо иловаи сабзӣ, картошка, пиёз, шалғам ва адвиёти хуштаъмкунанда, ба мисли зираву зелол мепазанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ходжиев, В. Дастархон. – Д., 1992. 2. Шарипов Н. Хомшӯрбо // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.535-536. 3. Анвои шӯрбо //

						Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 235.
F071	ҒЕЛАКШӮР-БО, *гелак,* *оши гелак*	Шӯрбое, ки бо пиёз, картошка ва сабзӣ инчунин ғелакҳои гӯштӣ пухта мешавад. Ғелакҳоро аз гӯшти кӯбида ва намаку орд таҳия мекунанд. Ғелакро дар шӯрбои ҷӯшида, ҳамроҳ бо зираворихо андохта, дар оташи паст мепазанд. Таоми тайёршударо бо гашничу шибит ва чакка истеъмол мекунанд.	2016	Водии Ҳисор, Вилояти Суғд	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 119.
F072	ҲАЛВОИ ШИРӢ	Як намуди ҳалво буда, аз шир, шакар бо мағзи бодом ё зардолу тайёр мекунанд. Тахминан 3 литр ширро бо 1 кг шакар омехта, то зард шудани маҳлул меҷӯшонанд. Сипас мағзи бодом ё зардолуро ба он омехта, то сахт шудани ҳалво ҷӯшониданро давом медиҳанд. Ҳалвои тайёршударо дар рӯи лаълӣ гирифта, бо корд мебуранд.	2016	Шаҳритӯс, Рашт, Дарвоз	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Бердиева Ш., Ниёзова М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-

						69.
F073	АТОЛАИ НАШОИСТА	Яке аз таомҳои анъанавӣ барои субҳона буда, аз шир ва нашоиста тайёр мешавад. Нашоистаро аз шираи гандуми таршуда омода мекунанд. Дар дег дар оташи муътадил ду коса шир, чор қошуқ нашоистаро омехта, то ба ҷӯш омадан мекобанд. Баъди нағз ҷӯшидан атолаи нашоиста тайёр мешавад.	2016	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Бердиева Ш., Ниёзова М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F074	ДӮЛМА, *голубсӣ*	Яке аз таомҳои маъмули тоҷикӣ. Дӯлмаро бо қаламфури булғорӣ ва ё баргҳои карам таҳия мекунанд. Даруни қамфури булғориро тоза карда, аз гӯшту пиёзи реза ва биринҷи таршуда, маҳсуле тайёр карда, ба даруни он мегузоранд. Сипас қаламфурҳоро дар шӯрбои муқаррарӣ меандозанд. Дар дулмаи карамӣ омехтаи гӯшту биринҷро ба варақи карам, ки қаблан дар об ҷӯшонида шудааст, мепечонанд ва ба деги шӯрбо меандозанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Дулма // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 12. 3. Каримов Ф. Дӯлма // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ.1. – С.363-365.

F075	ДАНГИЧА	Як намуди таоми баҳорӣ, ки бо гандуми кӯфта, гиёҳҳои тару тоза ва гӯшту ишкамбаи моли чорпо пухта мешавад. Гандуми кӯфтаро бо нахӯд, лӯбиё, мош ҷӯшонда, ба он гӯшт, забони гов ё каллапоча низ ҳамроҳ мекунанд. Ҳангоми ба пухтан наздик омаданаш, пиёзи сафед ва шулхаву пудина ва ғайра илова менамоянд.	2016	Вилояти Хатлон	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 120.
F076	КОЧӢ	Як намуди таоми анъанавӣ буда, аз орд, об, намак ва равған пухта мешавад. Дар дег 2 литр обро бо намак ҷӯшонида, 1 литри онро дар алоҳидагӣ мегиранд. Ба 1 литри дар дег буда, ордро ҳамроҳ карда, мекобанд. 1 литри берун гирифташударо, оҳиста-оҳиста мерезанд. То тайёр шудани таом дегро бо кафлези чӯбин мекобанд. Баъд аз тайёр шудан равғани зардро ба болояш мерезанд.	2016	Вилояти Хатлон вилояти Бадахшон, ноҳияи Рашт	Фаъол	1. Кочӣ // Энсиклопедияи советии тоҷик ҷ.3. – Д., 1981. – С.496. 2. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257.
F077	РЕВИҶ, *руиҷ,* *ревиҷак*	Навъе хӯроки маҳаллӣ, ки аз равғани гӯсфанд, орд ва намакоб пухта мешавад. Баъди гарм шудани равғани гӯсфанд орду намакро омехта мекунанд. То пухтанаш онро мекобанд. Ин таом хусусиятҳои табобатӣ низ дорад.	2016	Вилояти Хатлон	Нимфаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Бердиева Ш., Ниёзова М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон //

						Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F078	ТУХМБАШИР	Чунин таомест, ки аз шир, тухм, шакар, равғани гӯсфанд омода мекунанд. Дар дег ширро андохта, тухмро латзада, бо шакар омехта, ба даруни деги шир меандозанд ва то ҷӯш омаданаш мекобанд. Баъди як сар ҷӯшидан таом тайёр мешавад. Онро дар лаълӣ гирифта, ба болояш равғани гӯсфандро мерезанд. Ин таом ҳам хусусияти табобатӣ дорад ва ҳам баданро дар фасли сармо гарм нигоҳ медорад.	2016	Вилояти Хатлон	Нимфаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016.
F079	ДУҒРӮҒАН	Хӯроки нисфирӯзии маҳаллӣ буда аз дӯғ ё оби қурут, равғани зард (маска) ва гашничу шибит тайёр мекунанд. Аввал 5-6 қурутро об карда, каме намак мепошанд, 1 нонро реза карда, нугулро яъне кашниз, пиёзи сабз, яъне кабудҳо ба болояш мепошанд. Баъдан равғани зардро гарм карда, ба болои нон мерезанд. Ин таомро бештар дар фасли зимистон истеъмол мекунанд.	2016	Вилояти Хатлон	Фаъол	1.Бердиева Ш., Ниёзова М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.

						2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 120.
F080	ДАЛДАБА-ШИР	Таоми миллӣ буда, аз гандум, лубиёгиҳо, донагиҳо ва шир тайёр карда мешавад. Дар дег шир андохта, оташашро паст мекунанд, то ки оҳиста-оҳиста ҷӯшад. Гандумро тоза шуста, кӯфта, бо лубиёгиҳо ва донагиҳо ба дег меандозанд. Баъдан намак ва зираворихоро ба таом пошида, омехта мекунанд. Пас аз ҷӯшидани таом 2 литрро ширро ба он омехта мекунанд. Як бори дигар, ки дег ба ҷӯш омад, таом тайёр мешавад. Баъдан дар косаҳо гирифта, чаккаю сабзиҷот ҳамроҳ мекунанд.	2016	Вилояти Хатлон	Нимфаъол	1.Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 121.
F081	САВЗАКОВ	Яке аз таомҳои сабуки маҳаллӣ буда, онро дар фаслҳои баҳору тобистон бештар истифода мебаранд. Савзаковро аз пиёзи бехӣ, гашничу шибит, намак ва об тайёр мекунанд. Дар табақи об нони гармро реза карда, каме намак, сабзиҷот ва пиёзро ба болояш мерезанд. Онро бо қаламфуру чакка истеъмол мкунанд.	2016	Вилояти Хатлон	Нимфаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 122. 2. Бердиева Ш., Ниёзова, М.

						Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F082	ХУЧОБ, *хучов*	Навъе аз хӯроки анъанавӣ буда, онро асосан дар зимистон омода мекунанд. Тарзи тайёр кардани ин хӯрок чунин аст: хучро дар об ҷӯшонида, ба он мағзи чормағз, пиёз, равған ва фатири гардмолро илова карда меҷӯшонанд.	2016	Вилояти Хатлон	Фаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F083	ФАТИРИ БА МАҒЗ	Як навъи нон буда, аз орд, об, равған, намак, мағзи чормағз тайёр карда мешавад. Мағзи чормағзро на калон, на хурд реза карда, бо орд, об, намак, равған хамир мешӯранд. Баъди камтар дам додани хамир онро тунук карда, мисли нон дар танӯр мепазанд.	2016	Вилояти Хатлон	Нимфаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F084	ОТАЛАИ БА ҚАНД,	Хӯроки сабуки субҳонаи тоҷикон, ки аз орд, намак, равған, қандоб тайёр мекунанд. Ордро дар равған сурх намуда, баъдан маҳлули қандро бо каме намак ба орди сурхшуда кам-кам ме-	2016	Вилояти Хатлон	Фаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии

	қандотала	резанд. То чӯшидани таом дегро бо кафлез кофтан мегиранд. Пас аз як сар чӯшидан оташро пасттар мекунанд ва се дақиқаи дигар боз мечӯшад ва таом тайёр мешавад.				тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F085	ТАРҒАФА, *тарғарфа*	Таоми сабуки тобистона. Дар оби чӯшида пиёзу намак меандозанд ва нони гарми аз танӯр кандаро дар табақ реза карда, истеъмол мекунанд. Баъзан ба он чакка ва сабзиҷот низ ҳамроҳ карда мешавад.	2016	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F086	ҚОРАКУЛЧА, *қарақот*	Як намуди хӯриши мевагӣ буда, онро дар фасли сармо истифода мебаранд. Қоракулчаро аз меваи олучаи сурх тайёр мекунанд. Олучаи пухта, расидаро аз донакҳо ҷудо карда, дар дег андохта, бо оташи паст мечӯшонанд. Дар натиҷа оби олуча бухор мешавад ва дар дег ғафсияш мемонад, ки ӯро дар лаълича гирифта дар офтобрӯя то сахт шуданаш мемонанд. Баъди сахт шуданаш шикаста мехӯранд. Қоракулчаро аз харбуза ва зардолу ҳам тайёр мекунанд.	2016	Шаҳритӯс, Деваштич	Нимфаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 123. 2.Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.

F087	ОШИ ҶУГОРӢ	Яке аз таомҳои маҳаллӣ буда, аз донаи ҷуворимакка, пиёз, помидор, картошка, равған, намак, зираворихо, сабзиҷот ва чакка тайёр мекунанд. Дар равғани тафсон пиёз, помидор, картошакаро бо намак мезирбонанд. Баъд аз зирбонидан об мерезанд. Об, ки ба ҷӯш ба омад, ҷувории шусташударо ҳамроҳ мекунанд. Сипас 15-20 дақиқа дам мепартоянд.	2016	Шаҳритӯс	Фаъол	1. Бердиева Ш., Ниёзова, М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F088	ҲАЛИСА, *ҳалила, ҳалим*	Таоми суннатии баҳорӣ. Гандумро шуста, ба деги обдор андохта, якуним соат мечӯшонанд. Баъд гандумро гирифта, каме мехушконанд ва аз гӯштқимакунак мегузаронанд. Дар деги дигар ба муддати 2-3 соат гӯштро дар об мепазанд, сипас гандуми резашуда ва пиёзро аз болои гӯшт меандозанд. Он 3-4 соат мечӯшад, дар ин вақт бо кафлез дегро кофта меистанд.	2016	Панҷакент, Шаҳринав, Ҳисор	Нимфаъол	1. Ҳалиса // ЭСТ. – Д., 1988. – Ҷ. 8. – С. 358. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 124.
F089	ЯХНӢ, *гӯшти обпаз*	Дар дег об, миқдори бештари гӯшт, пиёз ва баъзе навъҳои зираворӣ андохта, мечӯшонанд. Баъд аз пухтан гӯштро гирифта, дар зарфе сард мекунанд. Онро дар шакли сард истеъмол мекунанд. Баъзан гӯшти зиёдатии дегҳои шӯрборо гирифта, хунук карда, ҳамчун яхнӣ истифода мебаранд. Яхниро аз забони гов низ тайёр мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Яхнӣ // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 215.
F090	КУЛЧАКАБОБ	Гӯштро реза карда, дар табақи чӯбин бо кафгир мекӯбанд ва ба он пиёзи хурд резашударо бо баъзе намуди зираворӣ, масалан, мурч ё зира	2016	Ҳисор, Файзобод,	Нимфаъол	1. Ершов Н. Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.2, – Д., 1970.

		омехта, каме намак ҳамроҳ мекунанд. Аз таркиби ҳосилшуда кулчаҳои баробар ба даҳани пиёла сохта, онро ба танӯри тафсон часпонида, мепазанд.		Рашт, Дарвоз		2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 124.
F091	ШАҲЛУТ, *шоҳлут*	Як навъ хӯроки қадимаи тоҷикон. Шаҳлутро чунин мепазанд: дилу ҷигар, гурда, баъзан шуш ва гӯшту дунбаи гӯсфандро реза мекунанд, сипас қимаи тайёршудро ба чарбуи рӯйи ишкамбаи гӯсфанд печонида, бо ришта мебанданд. Дар дег каме об гирифта, пиёз, биринҷ, намак, мурч, зира ва кабудӣ илова карда, мепазанд. Шаҳлутро ҳам гармогарм ва ҳам хунук карда истеъмол мекунанд.	2016	Ҳисор, Шаҳринав,	Дар ҳоли азбайнравӣ қарор дорад.	1. Ҳомидҷонова, М. Шаҳлут // ЭСТ, Ҷ.8, 1988, с.119. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 124.
F092	ҲАСИБ, *калбаса*	Навъе аз хӯриши гӯштиест, ки аз қадим дар байни тоҷикон маъмул будааст. Тарзи тайёр карданаш чунин аст: дилу ҷигар, гурда, шуш, забон ва гӯшту дунбаи гӯсфандро реза карда, ба он намак, мурчу зира ва баъзан биринҷи таркардашударо ҳамроҳ мекунанд. Маҳсули омодашударо ба рӯдаи тозашудаи гӯсфанд ё гов андохта, аз ду нӯгаш бо ришта мебанданд. Сипас ба деги обдор андохта, 1-2 соат дар оташи паст мечӯшонанд.	2016	Вилояти Суғд, Водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Ҳасиб // ЭСТ. – Д., 1988. – Ҷ.8 – С. 374. 2. Ҳасиби тоҷикӣ // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.225. 3. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 125.

F093	МОДЕЛ, *атолаи модел, моделоба*	Хӯроки мавсимӣ буда, дар фасли баҳор аз модел – як навъи растанӣ бо об, намак, орд ва ё биринҷ тайёр карда мешавад. Дар водии Рашту Дарвоз ба он орд ё туппаи буридаро ҳамроҳ менамоянд. Моделро тоза карда, реза мекунанд ва ба деги обаш дар ҷӯш меандозанд. Сипас ба он орд, ё туппа, ё биринҷро ҳамроҳ намуда, намак илова мекунанд. Дар вақти истеъмол аз чакка низ истифода мебаранд.	2016	Варзоб, Рашт, Дарвоз	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 125.
F094	БИРИНҶОБА	Таоми сабуки анъанавӣ, ки аз биринҷ, об, бехпиёз, сабзӣ, помидор, сабзиҷот, намаку мурч тайёр карда мешавад. Нахуст биринҷро дар оби ҷӯшон андохта, ҷӯшониданро идома медиҳанд. Сипас он хӯроки хушхӯр, сабук ва парҳезист. Пиёзу помидор ва сабзиро илова карда, мурчу намак меандозанд.	2016	Вилояти Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Лазерсон, И. Таджикская кухня. – М-СПб, 2005. – С.13. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 125.
F095	СИЁҲАЛАФ, *шулаи сеалаф*	Хӯроки анъанавии мавсимӣ буда, дар фасли баҳор аз растании сиёҳалаф бо об, намак, орд ва ё биринҷ тайёр карда мешавад. Обро дар дег ҷӯшонида, аввал биринҷро андохта, як сар мечӯшонанд, сипас сиёҳалафро тоза ва реза мекунанд ва ба дег меандозанд. Баъд аз муддате ҷӯшидан таом омода мегардад. Дар вақти истеъмол ба коса чакка ё ҷурғот меандозанд.	2016	Хатлон, Водии Ҳисор, Рашт	Фаъол	1. Сиёҳалаф // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 179. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. –

						Д., 2016. – С. 126.
F096	ҚУРУТОБ	Хӯроки суннатии мардуми кӯҳистон. Он аз фатири қат-қат, пиёз, оби қурут (дар баъзе маврид чакка) равған (зард ё заҒир) об, намак тайёр карда мешавад. Дар баъзе навоҳии ҷануби киш-вар пиёзро хом реза карда, дар табақ ба болои фатири резашуда мегузоранд, сипас аз болояш равғани тасфонро мерезанд. Дар водии Ҳисор пиёзро дар равған бирён карда, ҳар дуро ба болои табақ мерезанд. Дар ноҳияи Мастчоҳ қурутоби косагӣ маъмул мебошад, ки ба он гӯштро бо пиёз бирён карда, меандозанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Қурутоб // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 224. 3. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015.
F097	ГАНДУМ-БИРЁН	Навъе аз хӯриши хушки анъанавӣ буда, аз гандум, нахӯд, донаи каду, кунҷид ва баъзан маҒзи донаки зардолу тайёр карда мешавад. Гандумбирён хоси ҷашну маросимҳо мебошад. Баъзан онро кӯфта, ба талқони хуштаъму серҒизо табдил дода, тановул мекунанд.	2016	Вилояти Хатлон, водиҳои Ҳисору Рашт	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги Ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг.

						– Д., 2016. – С. 126.
F098	КАРАМ-ШӮРБО, *борш*	Аз таомҳои маъмулии тоҷикӣ аст. Карамшӯрбо аз карам, гӯшт, пиёз, сабзӣ, картошка, равған, об, намак ва қаламфури булғорӣ тайёр карда мешавад. Баъди пухтан ба он лаблабуи сурхи қаблан ҷӯшонидашудро аз турбтарошак гузаронида, илова мекунанд, ки ранги кармашӯрборо сурх ва онро хуштаъм мегардонад.	2016	Вилояти Суғд, Хатлон, Водии Ҳисор	Фаъол	1 Карамшӯрбо // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 213. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 126.
F099	ҚАЙЛА, *қавурма*	Ин навъи хӯрок аз гӯшти гов ё гусфанд, равған ва намак тайёр карда мешавад. Қайларо дар шакли гарм ва сард меҳӯранд. Онро қаблан тайёр карда, барои фасли зимистон ва моҳи Рамазон захира мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 127.

F100	ЛАҒМОН, *лагман*	Ин навъи хӯрокро аз хамири буридаи махсус, гӯшт, пиёз, сабзӣ, картошка, помидор, сирпиёз, об, намак ва дигар маводҳои хушбӯйкунанда омода мекунанд. Гӯшту сабзавотро ба шакли мукааб реза менамоянд. Ба дег аввал шӯрбои онро тайёр карда, зуволаро ба мисли угро, аммо андаке ғафстар бурида, ба дег меандозанд. лаҒмони тайёршударо ба табақҳо кашида, бо кабудӣ ва чакка оро медиҳанд. Баъзан обашро бештар карда, ба косаҳо низ мекашанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. ЛаҒмон // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С. 144. 2. ЛаҒмон // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.539.
F101	ЛӮЛАКАБОБ	Ин навъи хӯрок аз қимаи гӯшт омода карда мешавад. Ҳар кас бо таъбу завқи худ ба қима кӯфтаи нони хушк ва ё картошка бо иловаи зираворихо илова мекунад. Аз қимаи ҳосилшуда бо даст лӯлачаҳо месозанд ва онҳоро дар шӯрбочаи дег ё дар тафдон мепазанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Лӯлакабоб // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 229. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 127.
F102	МАКАРОН-ПАЛОВ, *макаронош*	Ин навъи хӯрок нисбатан нав буда, дар замони шӯравӣ ба фарҳанги хӯрокпазии тоҷикон роҳ ёфтааст. Макаронпалов аз макарон, гӯшт, сабзӣ, пиёз, картошка, об, намак ва равған омода карда мешавад. Аввал зирбак, сипас шӯрбоча ва баъдан макарон илова карда мешавад. Мака-	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги

		ронпалавро бо сабзиҷот, салат ва чакка хӯрдан мумкин аст.				ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 127.
F103	МАКАРОН-ШӮРБО	Аз навъи нисбатан нави таомҳои тоҷикӣ аст. Макароншӯрбо аз макарон, гӯшт, пиёз, сабзӣ, картошка, шалғам помидор, об, намак ва анвои зираворӣ тайёр карда мешавад. Онро дар шакли шӯрбо омода мекунанд. Макаронҳо шаклан гу-ногун мешаванд, аммо номи онҳо ба истиснои «лапшашӯрбо», ки аз спагетти тайёр мешавад, дигар ҳамаро макароншӯрбо меноманд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 127.
F104	НАХӮД-ШӮРБО	Як навъи маъмулии шӯрбо аст. Нахӯдшӯрбо аз гӯшт, пиёз, сабзӣ, картошка, помидор, нахӯд, об, намак ва зираворихо тайёр карда мешавад. Як рӯз пеш нахӯдро дар об тар карда мемонанд. Гӯштро аввал дар дег андохта, як сар меҷӯшо-нанд, кафкҳояшро гирифта, нахӯдро ҳамроҳ ме-кунанд. Сипас баъди боз ҷӯшидан маҳсулоти дигарро меандозанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Нахӯдшӯрбо // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.157. 2. Нахӯдшӯрбо // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик – Ҷ. 2. –Д., 2017.

F105	МОШОБА, *мошбиринҷ*	Таоми сабуки анъанавии тоҷикон. Дар водии Рашт онро аз мош, карам, лаблабу ва равған ё ҷазза бо роҳи чӯшонидан тайёр мекунанд. Дар даҳсолаҳои охир ба он картошка илова менамоянд. Дар водии Ҳисор мошоба бо обу мошу гӯшт, намак ва пиёз пухта мешавад. Мошбиринҷ равғанӣ ва ширӣ мешавад.	2016	Водиҳои Ҳисору Рашт	Нимфаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Каримов Ф. Мошоба // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик – Ҷ. 1. –Д., 2016. – С. 649.
F106	ПИЁЗДОҒАК, *пиёзбирён, пиёз-сӯзак*	Ин намуди хӯрокро, асосан, дар фасли зимистон субҳгоҳон истеъмол мекунанд. Пиёзи сурхро ҳалқа-ҳалқа реза карда, дар равғани заҳер бирён карда, каме намак мепошанд. Баъзан пиёзи одиро дар равғани растанӣ ё равғани зард низ мепазанд. Инчунин пиёзбирёнро ҳамчун хӯриш ба дигар таъомҳо ҳамроҳ тановул мекунанд. Он хӯроки гарммизоҷ буда, барои рафъи зуком, сармохӯрӣ ва иллати рӯдаҳо даво аст.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Пиёзбирён // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.165. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 128.
F107	ТАРҲАВЛО, *оталаи сурхак*	Як намуди хӯроки субҳона буда, аз орд, равған, намак, об ва ширинӣ омода карда мешавад. Баъди сурх кардани орд ба он ширинии бо об омехташударо ҳамроҳ мекунанд ва каме мечӯшонанд. Ҳангоми набудани ширинӣ баъзан вақт аз шакар низ истифода мекунанд. Ин намуди хӯрокро дар маросимҳои азодорӣ бисёр мепазанд.	2016	Вилояти Хатлон, Водии Ҳисор	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С. 225-257. 2. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д.,

						Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С.128.
F108	ҶИГАРКАБОБ *ҷигарбирён*	Ин навъи хӯрок бештар дар иду маъракаҳо пухта мешавад. Барои омода кардани ин хӯрок ҷигари тозаи гов ё гӯсфандро бо намак дар равған сурх карда, ба дег каме пиёз, мурч, қаламфури ширин ва об омехта менамоянд ва сарпӯши дегро пӯшида, дам медиҳанд. Баъзан ба он дунбаи гӯсфандро низ илова мекунанд. Навъи дигари ҷигаркабоб дар сиҳҳо кашида шуда, рӯйи оташ пухта мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ҷигарбирён // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 229. 2. Ҷигаркабоб // Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ. – Д., 1988. – С.128. 3. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского наро-да. – Д., 2015.
F109	НОНПАЛАВ	Навъе аз таоми маъмулӣ, бо истифодаи нонпораҳои дастархон тайёр мешавад. Дар равғани дег гӯшту пиёз, картошка ва сабзиро андохта, бирён мекунанд ва каме об меандозанд. Сипас нонпораҳоро ба болои маҳсулоти пухташудаи дег мегузоранд ва сарпӯши дегро ниҳода, буғ медиҳанд. Ба болои нонпалави омода чакка ва гашничи резашударо ҳамроҳ мекунанд.	2016	Водии Ҳисор	Фаъол	1. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 129.

F110	КӮЗАКАБОБ, *кӯзашӯрбо*	Дар даруни кӯза ё хурмачаи сафолӣ гӯшти равғандори гов ё гӯшту дунбаи гӯсфанд, об, пиёз, картошка ва сабзиро реза карда, меандозанд. Барои хуштаъмӣ ба он олучаи туршак, мурчу зира ҳамроҳ мекунанд. Сипас кӯзаро ба болои лахчаи оташи танӯр ё оташдон мегузоранд ва даҳони танӯрро мепӯшонанд. Дар давоми 2-3 соат кӯзакабоб омода мешавад. Имрӯзҳо шакли дигари бо номи “суп-пити” дар ошхонаҳои шаҳру навоҳии кишвар маъмул гаштааст.	2016	Суғд, Хатлон, Водии Ҳисор	Фаъол	2. Неменова Р.Л. Таджики Варзоба. – Д., 1998. 3. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ / мураттибон Раҳимов Д., Қличева Н. ва диг. – Д., 2016. – С. 129.
F111	ТАҲ-ҚАЙМОҚӢ	Як навъ нони равғанӣ буда, ба *қаламаи дегӣ* монандӣ дорад. Дар дохили зуволаи таҳқаймоқӣ орд, об, намак лозим аст. Хамири онро шӯрида, муддати 15-20 дақиқа дам дода, бо тирак тунук карда мешавад. Баъд аз тунук намудан қаймоқ ва маскаи хонагиро якҷоя карда, ба рӯяш молида, зуволаро қат ва гирдак ба шакли нон карда, боз дам медиҳанд. Сипас зуволаро тунук карда, бо корд ба чор ё шаш қисм тақсим мекунанд. Баъдан зуволаи буридаро ба деги равғандори доғкардашуда андохта, то ранги сурхчатоб гирифтанаш паҳлу ба паҳлу гардонда мепазанд.	2018	Вилояти Хатлон	Нимфаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F112	БИПУРӢ	Бипурӣ яке аз хӯришҳои нонӣ буда, дар маросимҳо пухта мешавад. Хамири бипуриро аз тухм, орд, об ва намак омода мегардад. Зуволаи мазкурро шӯрида, пас аз муддате ба мисли зуволаи манту тунук намуда, ба шакли хамирвараҳи чоркунҷа (чор тарафаш 10 см) бо	2018	Бохтар	Нимфаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги

		корд бурида мешавад. Дар дохили хамирварақ қимаи гӯшт, пиёзи майдакардашуда бо иловаи адвиёт ва намак гузошта, хамирварақи дигариро аз болояш гузошта, бо ангуштон маҳкам намуда, дар равғани растании доғкардашудаи оташаш муътадил мепазанд. Пас аз ранги зардчатоб гирифтан онро дар табақча мегиранд ва мувофиқи табъи истеъмолкунанда бо чакка тановул карда мешавад.				ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F113	ЮПҚАЧА	Яке аз маҳсулотҳои нонии хонагӣ буда, дар фасли баҳор пухта мешавад. Зуволаи юпқачаро мисли зуволаи хамири манту тунук намуда, бо корд дар шакли чоркуча бурида мешавад. Дар маркази зуволаи бурида аз ҳар гуна алафҳои баҳорӣ аз ҷумла ҷаг-ҷаг, пудина дар шакли хурд-хурд резакарда мегузоранд. Чоркунҷаи дигарро аз болояш гузошта гирдогирдашро бо ангушт зер намуда, маҳкам менамоянд. Пас аз он дар тоба каме равғани растани рехта (молида), аввал як тараф ва баъдан дигар тарафашро гардонда, мепазанд.	2018	Бохтар	Нимфаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F114	САНБӮСАИ МОШӢ	Зуволаи санбӯсаи моширо ба мисли дигар санбӯсаҳо омода менамоянд. Мошро шуста, дар зарфи хӯрокпазӣ то пухтанаш дар оташи муътадил меҷӯшонанд. Дар тоба пиёзро майда реза намуда, дар равған бирён карда мегиранд. Моши ҷӯшонидашуда ва пиёзи зирбонидашударо якҷо намуда, каме намак ва адвиётро якҷоя карда, қимаи санбӯсаро омода	2018	Қубодиён	Нимфаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д.,

		месозанд. Зуволаро тунук карда, дар шакли чоркунҷа мебуранд ва қимаро гузошта, аз болояш хамирвараҳи дигарро монда маҳкам менамоянд. Баъдан тобаро тафсонда, дар он каме равған молида, санбӯсаро паҳлу ба паҳлу гардонда мепазанд.				2018.
F115	КУНДА-ШӮРБО	Дар деги калон об, каллаву почаи тозакардашуда аз гов, гӯсфанд ё буз, намак ва адвиёт андохта, дар оташи паст (кундаалов) пухта мешавад. Дар зарфи алоҳида шикамбаи гов ё гӯсфандро дар дохилаш маҳсулоти махсуси омодакардашударо аз қабили гӯшти қима, пиёзи резашуда, намак, адвиёт гузошта, ба шакли чоркунча гирди шикамбаро бо ресмон дӯхта ба деги каллаву почаи ҷӯшидашуда андохта, пас аз пухтани он шикамбаи дӯхташуда аз ресмон ҷудо намуда ба табақ кашида мешавад.	2018	Вахш	Нимфаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F116	ҒАЛМИНДӢ	Таоми қадимаи тоҷикӣ мебошад, ки дар давраи пухтани харбуза бештар таҳия мешавад. Харбузаи калонро ду тақсим намуда, бо қошуқ дилаи онро гирифта, дар деги оташи муътадил то сурх шуданаш мекобанд ва як навъ мураббои харбузагӣ омода мегардад. Сипас дар деги ҷудогона гардсӯз ё ордоб омода карда мешавад. Сипас мураббои омодашударо ба гардсӯз якҷоя карда, як маротибаи дигар меҷӯшонанд. Пас аз ҷӯшидан ба мисли атолаи сафедак омода мегардад.	2018	Қубодиён	Нимфаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.

F117	МОЛИДА	Молида як навъ хӯроки ноние мебошад, ки дар баъзе маросими хонаводагӣ пухта мешавад. Дохили оби ҷӯшидаистода равғани зард ва шакарро андохта, дубора онро мечӯшонанд. Пас аз каме ҷӯшидан нонро майда реза карда бо онҳо якҷоя мекунанд. Маҳсулоти ҳосилшударо аз оташдон гирифта, мисли хамир омехта мекунанд ва бо кафи дастон лундаи майдача сохта ба мисли орзуқ дар табақ мегузоранд. Чун онро бо кафи дастон молида, лунда мекунанд, ин таом номи “молида”-ро гирифтааст.	2018	Қубодиён	Нимфаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F118	ХОНУМА	Хонума як навъ хӯроки хамирӣ буда, ба мисли зуволаи манту омода карда мешавад. Яъне аз об, орд ва намак зувола гирифта ба мисли хамири манту тунук кардан лозим аст. Баъдан дар зуволаи тунукнамуда равған молида, ба рӯяш ба пуррагӣ қимаи аз гушту пиёз ва адвиётҳо омодашударо меандозанд. Фарқияти хонума аз манту дар он аст, ки зуволаи онро ба мисли манту набурида ҳамон хел яклухт мепечонанд ва болои лаълии мантупазӣ гузошта, дар буғи об мепазанд. Пас аз пухтан онро бо корд бурида, мувофиқи табъ бо чаккаву мурч тановул менамояд.	2018	Вилоятҳои Суғду Хатлон, водии Ҳисор,	Фаъол	1. Хонума // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. 2. Шовалиева М. История кули-нарной культуры таджикского наро-да. – Д., 2015.
F119	РУБИЧ	Рубич як навъ хӯроки субҳона буда, бештар дар фасли зимистон барои гарм нигоҳ доштани бадан омода мегардад. Онро барои модарони таваллудкарда низ тавсия медиҳанд. Рубич аз қаймоқ ва равғани (маска) хонагӣ, орд, об ва шакар омода мегардад. Дар деги оташаш	2018	Бохтар	Нимфаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги

		муътадил қаймоқ ва маскаи хонагиро об карда, ба дохилаш каме орд андохта, то сурх шуданаш бо кафгири чӯбин мекобанд. Баъди сурх гардидани гард ба қандобро илова мекунанд. Баъди як маротиба ба ҷӯш омадан таом тайёр мешавад.				ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F120	ЧАК-ЧАК	Чак-чак як навъ ҳалвои нонӣ буда, бештар дар ҷашну маросимҳо пухта мешавад. Барои омода кардани миқдори муайяни чак-чак 4 дона тухм, каме намак ва 500 гр ордро якҷоя намуда, хамирашро нисбатан сахт мешӯранд. Баъдан бо тирак зуволаро дар оштахта тунук намуда, дар шаклҳои чоркунҷаи хурд-хурд мебуранд. Сипас хамирпораҳоро дар равғани доғкардашуда андохта, то зарди тиллоранг шуданаш мепазанд. Ба чак-чаки пухташуда шири қиёмкардашуда ва кӯфтаи чормағзро омехта карда, дар табақчаҳо мебардоранд. Баъзеҳо қандоб, шираи наботи ҷӯшонида ва ё асалро ҳамроҳ менамоянд.	2018	Вилоятҳои Суғду Хатлон, водии Ҳисор	Фаъол	1. Чак-чак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. 2. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015.
F121	ЗИРАОТАЛА	Зираотала таоми маҳаллии мардуми Бадахшон мебошад, ки ба ноҳияи Ҷайҳун интиқол ёфтааст. Зираотала аз орд, равған, об, намак ва зира тайёр мешавад. Дар равған ордро бирён мекунанд. Сипас об ва намак ҳамроҳ мекунанд. Таом, ки ба ҷӯшидан омад зираро каме куфта ба таом омехта мекунанд ва бо кафлези чӯбин мекобанд, то ба дег начаспад. Як бор нағзакак меҷӯшад ва таом омода мегардад.	2018	Бадахшон, н.Ҷайҳун	Нимфаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои анъанавии мардумии ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ ва Ҷайҳун // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.

F122	АТОЛАИ НАХӮДӢ	Атолаи нахӯдӣ таоми маҳаллӣ ба шумор рафта, аз орди нахӯди сабз ва обу намак омода мегардад. Нахӯди сабзро чида, хушконида, орд мекунанд. Дар тоба равган гирифта, орди нахӯди сабзро дар равган бирён мекунанд. Каме сурхак мешавад, баъд ба болояш об мерезанд ва намак омехта мекунанд. Вобаста ба хоҳиши кадбону ба ин таом шир низ ҳамроҳ карда мешавад.	2018	Бадахшон, н.Ҷайҳун	Нимфаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои анъанавии мардумии ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ ва Ҷайҳун // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F123	ШАКАРОБИ ЧОРМАҒЗӢ	Шакароби чормаҒзӣ хӯроки серғизо буда, онро бештар дар фасли зимистон тановул мекунанд. Ин хӯрок аз обу равгану намак ва чормаҒз омода мегардад. Тарзи таҳияаш чунин мебошад: дар табақи чӯбин об гирифта, каме намак ҳамроҳ мекунанд. Сипас нонро ба даруни табақ реза мекунанд то ҳаде, ки об нонро ҷабида гирад. Аз болояш равгани гармро рехта, маҒзи чормаҒзро ба он илова менамоянд. Ҳоло баъзеҳо ба ин таом кабудиҳо ва баъзан чакка низ ҳамроҳ карда истеъмол мекунанд.	2018	Ноҳияҳои Ҷалолидди ни Балхӣ ва Ҷайҳун	Нимфаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои анъанавии мардумии ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ ва Ҷайҳун // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F124	ГӮШТФАТИР	Гӯштфатир як навъ нонест, ки дар таркибаш гӯшт дорад. Аз орду обу намак хамир карда, онро низ муддате дам медиҳанд. Гӯштро хурд-хурд чоркунҷа реза карда, бирён мекунан. Хамирро зувола гирифта, тунук мекунанд ва гӯшти бирёнро ба болои зувола мемонанд. Зуволаи дуюмро тунук карда, ба болои нони гӯштӣ мегузоранд ва бо ангуштон гирди нонро бо ҳам пайваст мекунанд. Ҳамин тавр нонро ба тафдон гузошта мепазанд.	2018	Ноҳияҳои Ҷалолидди ни Балхӣ ва Ҷайҳун	Нимфаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои анъанавии мардумии ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ ва Ҷайҳун // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.

F125	ГУНГИНА	Гунгина як навъ таоми анаъавии тоҷикӣ буда, аз донаҳои гандуми сафеднамо ва пиёзу сабзӣ пухта мешавад. Гандумро дар алоҳидагӣ бирён карда гирифта, каме хунук мекунанд. Баъдан дар дег об рехта, гандуми тафдодаро меандозанд ва муддати 4-5 соат меҷушад. Сипас пиёзро реза карда ба он ҳамроҳ мекунанд. Баъд аз ним соат сабзиро чоркунҷа реза карда, меандозанд ва то пухтан меҷӯшонанд. Баъд аз ҷӯшидани гандумоба алафҳои шифобахш аз қабили *эшим, ҳулбӯ, лосак* ва амсоли инҳоро бо об тоза шуста, реза карда дар дег меандозанд. Боз муддати 1 соат меҷӯшад ва таом ба пуррагӣ тайёр мешавад.	2018	Мастчоҳ	Нимфаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии Мастчоҳ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 3. – Д., 2017. – С.119-128.
F126	ФАРБЕЧ, *фарбеш*	Фарбечро низ мисли дигар таомҳои донагӣ аз гандуми одӣ тайёр мекунанд, аммо дар ин таом танҳо пиёз бо гандум истифода шуда, гиёҳҳои баҳорӣ, сабзиҷот ва чакка низ илова карда мешавад. Фарбеч бештар дар фасли баҳор пухта мешавад.	2018	Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии Мастчоҳ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 3. – Д., 2017.– С.119-128.
F127	НОНИ БАҲАЛВО	Нони баҳалво нонест ки дар тӯю маъракаҳои мардуми ноҳияи Мастчоҳ ҳатман пухта мешавад. Сараввал аз равғани зард, орд ва шир ҳалво тайёр мекунанд. Равғани зардро гарм карда, мувофиқи завқ ордро бирён мекунанд. Пас аз пурра бирён кардан ширро рехта, ба муддати 10 дақиқа меҷӯшонанд. Аз орд, об, намак ва хамиртурш (дрожа) хамири нонро	2018	Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии Мастчоҳ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 3. – Д., 2017. – С.119-128.

		мешӯранд. Баъди расидани хамир онро рост карда, дар як қисмаш ҳалворо тунук карда мегузоранд. Бо қисми дигар болои онро мепӯшонанд. Онро дар дег равған рехта, пушту рӯй мепазанд.				
F128	ЧАЛПАК, *тунукча*	Чалпакро дар ҳамаи тӯю маъракаҳо мепазанд. Зуволаи онро аз орду обу намак ва каме хамиртурш (дрожа) хамир шӯрида, муддати 10 дақиқа дам медиҳанд. Баъд аз дам додан дар дег равғанро доғ карда, зуволаҳоро мепазанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии Мастчоҳ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 3. – Д., 2017. – С.119-128.
F129	ФАТИРШИРА	Фатиршира яке аз хӯрокҳои маҳаллӣ буда, онро бештар барои беморони камқувват новобаста аз фасли сол бо гиёҳҳои табиъии хушку тар омода месозанд. Сараввал зувола шӯрида, муддате дам медиҳанд. Дар тоба равғанро доғ намуда, ба он пиёзро бирён мекунанд. Сипас хамирро бо даст мулоим намуда, ба деги обаш ҷӯшидаистода андохта, бо кафгири чӯбин то об шудани хамир лат мезананд. Баъдан гиёҳҳои табиӣ (газандакаҳак, гашнич, пудина) ва шир илова намуда, боз мечӯшонанд. Дар ҳолати набудани шир ва ё мувофиқи табъ баъзан дуғро истифода мебаранд.	2018	Ховалинг	Нимфаъол	1. Бердиева Ш., Каримова Г. Нигоҳе ба таомҳои суннатии минтақаи Кӯлоб // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. – Д., 2017. — С.157-164.
F130	ҲАЛВОИ ШИРУ ШАКАР	Таркиби ин ҳалво шир, шакар ва равғани зард иборат мебошад. Сараввал ширро пухта, сипас дар дохилаш шакарро то ғафс шудани шир, барои дар дег начаспиданаш лат мезананд. Баъд	2018	Ховалинг, водии Рашт	Нимфаъол	1. Бердиева Ш., Каримова Г. Нигоҳе ба таомҳои суннатии минтақаи Кӯлоб // Фарҳанги

		аз тайёр шудани ҳалво дегро аз оташдон гирифта, каме хунук намуда, равғани зардро дар дарунаш меандозанд ва то якҷоя шуданаш меомезанд. Баъди омехта шудан ҳалвои ширу шакарро дар табақча бардошта баробар бо корд мебуранд.				ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 4. / мураттиб Раҳимов Д. – Д., 2017. – С.157-164.
F131	ДУМШӮРБО	Навъе аз шӯрбо, ки бо думи гов пухта мешавад. Нахуст думи говро пора карда, намак мепошанд. Дар дег равғани растаниро доғ карда, думро андаке бирён мекунанд ва сипас сабзию картошка ва пиёзро ба монанди дигар намуди шӯрбоҳо пора карда, ба дег меандозанд. Баъд зирбонидан ба дег об ва намаку зираворӣ андохта меҷӯшонанд.	2018	Вилояти Суғд, Душанбе	Фаъол	1. Каримов, Ф., Шарипов Н. Шӯрбо // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.741-744.
F132	КАШК	Кашкро аз маҳсулотҳои кӯфтаи донагӣ аз қабили лӯбиё, нахӯд ва гандум омода менамоянд. Маҳсулотҳои донагиро дар уғурак куфта, баъдан ба дег дар якҷоягии калаву почаи гӯсфанд, буз ва ё гов мепазанд. Ҳангоми пухтани маҳсулот пиёзи резакардаро низ ҳамроҳ менамоянд. Кашк таоми серғизо буда, маъмулан дар мавсими корҳои сахроӣ онро бештар мепазанд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Ершов Н., Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., 1970. – Вып.2. – С.225-257. 2. Шарипов, Н. Кашк // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2016. – Ҷ.1. – С. 457.
F133	АЙРОН	Навъе аз нӯшокиҳои чорводорон, онро аз шири асп, уштур, буз ва гӯсфанд тайёр мекунанд. Шири хомро бо ширмоя туршонида, дар машк аз як то се шабонарӯз нигоҳ медоранд. Айрон нӯшокии серғизо, ташнашикан, шифобахш аст, дар	2018	Ҷиргатол, Мурғоб	Фаъол	1. Ғафуров Ҷ. Усули таҳияи айрон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 6.

		таркибаш равған, қанд ва ғ. дорад. Онро махсусан дар айлоқ бештар истеҳсол ва истеъмол мекунанд.				– Д., 2018. 2. Айрон // Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. – Д., 2015. – С. 76.
F134	НОШ-ХУХПА	Як навъи таоми Бадахшонӣ буда, асосан аз зардолу ва орду об тайёр карда мешавад. Дар дег се ё чор коса зардолуро меҷӯшонанд. Дар алоҳидагӣ ордро бо об дар коса маҳлул месозанд. Сипас ин косаи маҳлулро ба дег мерезанд. Як бори дигар меҷӯшад ва тайёр мешавад, онро дар табақи чӯбин мебардоранд.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии мардуми Помир // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 186-196.
F135	ҚАМОЧ-ТАРӢ, *чикаш, тарит*	Аз нони танурӣ бо равғани зард тайёр карда мешавад. Нонро дар табақи калон реза карда, равғани зардро гарм карда, ба табақ мерезанд. Бо кафи даст нонро молиш медиҳанд. Чунон молиш дода мешавад, ки аз биринҷ калонтар қамочак мешавад. Қамочтарӣ дар навбати худ таоми тӯёна низ мебошад. Қамочтариро дар хонаи шаҳ дар дастурхони арӯс мегузоранд.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии мардуми Помир // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 186-196.
F136	ХОМНИГУЛ	Чормағзро ё донаи зардолуро то орд шудан дар охӯрак мекӯбанд. Дар дег обро андохта, орди зардолу ё чормағзро меандозанд ва он то баромадани равғанаш меҷӯшад. Дар табақ нонро реза карда, маҳлулро ба болояш мерезанд. Иловатан пиёзи бехиро реза карда, табақро ороиш медиҳанд.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии мардуми Помир // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 186-196.

F137	ХОЧ-ХАРВО	Донаи зардолуро орд карда, дар об то баромадани равғанаш меҷӯшонанд. Як пиёла ордро дар як литр об маҳлул карда, ба дег мерезанд. Таомро мекобанд, то начаспад. Каме намак ҳамроҳ мекунанд. Як бор нағзакак ҷӯшид, таом мепазад ва онро дар табақ мебардоранд.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии мардуми Помир // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 186-196.
F138	ГӮШТКАДУ	Таоми маҳаллӣ буда, аз гӯшту каду пухта мешавад. Гӯштро бо каду дар равған бирён мекунанд. Баъд аз нағзакак таф додан ба миқдори муайян об мерезанд. Сипас 15 дақиқа дам мепартоянд, ки таом халиму мулоим гардад.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии мардуми Помир // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 186-196.
F139	ҒУБАЙ	Як навъи таом аз нони боқило, ҷурғот ва равғани зард тайёр карда мешавад. Дар табақ ҷурғотро гирифта, нонро реза мекунанд. Каме каф мезананд, то ки нон ва ҷурғот омехта шавад. Равғани зардро гарм карда, аз болои нону ҷурғот мерезанд.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии мардуми Помир // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 186-196.
F140	АТОЛАИ ЧОРМАҒЗӢ	Таоми мавсимӣ буда, дар фасли тирамоҳу зимистон пухта мешавад. Дар алоҳидагӣ чормағзро тоза карда, то дараҷае, ки орд нагардад, каме мекӯбанд. Дар дег як литр ширро гирифта, як пиёла ордро ба он омехта карда, мепазанд. Мунтазам дегро бо қошуқи чӯбӣ кофта меистанд, то ки начаспад. Сипас чормағзро ба маҳсули дег омехта мекунанд.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии мардуми Помир // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 186-196.

F141	ҒАВЗАМАҒЗ	Таоми зимистонаи мардуми Бадахшон буда, аз нон чормағз ва пиёзи бехӣ тайёр карда мешавад. Чормағзи кӯфта ва нони таркардашударо бо ҳам лат зада, дар табақи чӯбин омехта мекунанд. Бадан пиёзи бехиро реза карда, ба болои таом мепошанд.	2018	Бадахшон	Фаъол	1. Бердиева Ш. Таомҳои маҳаллии мардуми Помир // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 2. – Д., 2016. – С. 186-196.
F142	ОЛЕВА	Яке аз таомҳои сабуки маҳаллӣ буда, онро дар фаслҳои баҳору тобистон бештар истифода мебаранд. Олеваро аз равған, пиёзи бехӣ, гашничу шибит, намак ва об тайёр мекунанд. Онро бо қаламфуру чакка истеъмол мкунанд.	2018	Водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015.
F143	ЧАПОТӢ, *нони тунук*	Як навъи нон, ки ҳаҷмаш тунук ва қутраш 70-80 см мешавад. Хамири чапотӣ аз орди гандум бо иловаи хамирмоя, намак, об тайёр шуда, нонҳоро асосан дар танӯр ва чакдон мепазанд. Дар идҳои суннатӣ ва бисёр тӯю маъракаҳои мардумӣ нони чапотӣ пухта, рӯйи дастархон гузошта мешавад.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. – Д., 2015. 2. Раҳимов, – Д., Шарипов, Н. Нон // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.83-89. 3. Нон ва анвои он // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Д. 2017. – С. 214-217.

F144	ОШИ МАРҶУМАК, *гречкапалав*	Навъе аз таомҳои парҳезӣ, ки бо марҷумак (гречка) пухта мешавад. Дар дег нахуст аз пиёз, гӯшт, равған, помидор, картошка ва сабзӣ зирбак омода мекунанд, сипас ба он об андохта мечӯшонанд, ки шӯрбоча мешавад. Баъд аз як сар чӯшидан марҷумакро андохта то обро ба худ кашиданаш мепазанд, чун обро ба худ ҷабид, онро дам мепартоянд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Каримова Г. Анвои нон, таомҳои суннатӣ ва ширинихои сокинони водии Вахш // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 5. – Д., 2018.
F145	ҚАЗОНКАБОБ	Ин навъи хӯроки маъмулӣ буда, аз гӯшт, равғани зард ё растанӣ, картошка ва намак омода карда мешавад. Аввал картошкаро пора накарда дар алоҳидагӣ, дар равған сурх мекунанд, сипас онро аз дег гирифта, гӯштро мезирбонанд. Пас аз пухтани гӯшт картошкаҳоро ба болояш чида дар оташи паст дам мепартоянд.	2018	Вилояти Суғд, ш. Душанбе	Фаъол	1. Аминов, С., Ванукевич, А. Таджикская кулинария. – Д., 1966.
F146	КАРТОШКА-БИРЁН	Хӯроки маъруф ва саридастӣ, ки аз картошкаи резашуда, равған, намак, гӯшт ё тухм ба тарзи бирён кардан ва буғ партофтан таҳия мешавад. Онро ба табақ кашида, ба болояш сабзиҷоти резашударо мепошанд ва бо салати помидорӣ мехӯранд.	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1.Бердиева Ш., Ниёзова М. Мулоҳизаҳо доир ба вазъи имрӯзаи хӯрокҳои суннатии тоҷикон // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 55-69.
F147	НАХӮД-ШӮРАК *нахӯдҷӯшак*	Як намуди хӯроки саридастӣ, ки аз нахӯд тайёр мешавад. Нахӯдро шуста, дар деги об намак андохта, дар оташ паст мечӯшонанд. Пас аз он ки пухт ба табақ кашида, ба болояш нугул (пиёзи	2018	Саросари кишвар	Фаъол	1. Шарипов Н. Нахӯдшӯрак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. –

		сафеду гашничи резашуда) мепошанд. Навъи дигари нахӯдшурак бо шӯрбоча пухта мешавад.				Ҷ. 1. – С. 64.

,

ФЕҲРИСТИ МИЛЛИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ ҒАЙРИМОДДӢ
Бахши 7. – Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона (G000)

№	Номи унсур	Тавсифи мухтасар	Соли сабт дар фехрист	Маҳалли густариш	Вазъи имрӯзаи унсур	Адабиёт

G001	АККАБОЗӢ	Ин бозӣ бештар дар фаслҳои гармо дар майдони кушод ё боғҳо баргузор мешавад. Сардори бачаҳо як нафарро ҳамчун «акка» интихоб намуда, як дасти ӯро ба пояш бо ресмон ё рӯймол мебандад. Бозингарон таронаеро хонда, ҳама ба ҳар тараф мегурезанд. «Акка» онҳоро таъқиб мекунад.	2016	Рашт, Дарвоз	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Раҳимов Д. Аккабозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 23.
G002	«АНА БОҒ»	Иштирокчиёни бозӣ ба шакли давра истода, дастони росташонро ба пеш дароз карда, панҷаҳояшонро ҷунбонда меистанд. Сарвари бозӣ мегӯяд: «Ана боғу ана роғ, ана кишмишу мавиз, ана замбури ало омаду инҷама газид». Дар ин ҳолат гӯянда дасташро ба ягон узви баданаш (гӯш, чашм, соқи пой ва ғ.) мерасонад. Бозигарон бояд рафтори сарварро бо таваҷҷуҳ мушоҳида кунанд ва ҳаракатҳои ӯро тақлид намоянд.	2016	Рашт, Дарвоз	Нимфаъол	1.Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Раҳимов Д. “Ана боғ” // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 41-42.
G003	АРҒУНЧАК, *алвонҷ, бод, бодпеч, ҳой, ҳайбод, ҳойбозӣ, ҳаючак, ҳулчак, вулчак*	Як навъ бозии анъанавии духтарон, ки бештар дар баҳору тобистон, махсусан, дар ҷашни Наврӯз, бозида мешавад. Арғунчак аз арғамчине, ки ду нӯки он ба шохи дарахт ё ба болочӯбе баста шудааст ва нишастгоҳ иборат мебошад. Духтарон бо навбат ба арғунчак нишаста, дар ҳаво ба пешу қафо алвонҷ мехӯранд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1.Шакармамадов Н., Шакармамадов О. Наврӯзи Бадахшон. Хоруғ, 2003. 2. Раҳимов Д. Ағунчакбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. –

						Ҷ.1. – С. 54-55.
G004	АРӮСБОЗӢ, *арӯсбиёрак*	Як навъ бозии маъмули духтаракони хурдсол, ки дар боғ ё ҳавлӣ баргузор мегардад. Яке аз духтараконро ҳамчун «арӯс» интихоб карда, ба ӯ либосҳои тоза мепӯшонанд ва ба сараш рӯймоли калон меандозанд. Ду-се нафари дигар нақши меҳмононро бозӣ мекунанд, ки як-як ба арӯсхона медароянд. Яке аз духтарон дойира менавозад ва дигарон бонавбат аз ҷой хеста мераҳсанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Раҳимов Д. Арӯсбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 62.
G005	АСПГИРАК, *аспакбозӣ*	Бозии халқии бачагонаи тоҷик, ки дар байни бачаҳои хурдсол ва миёнсол гузаронида мешавад. Барои бозӣ чӯбҳои дарозиашон 1-1,2 метраро ҳамчун «асп» интихоб мекунанд ва ба қисмати болоии он ресмонеро ба мисли лаҷоми асп мебанданд. Иштирокчиёни бозӣ дар майдони кушод ё роҳи холӣ, дар хатти ибтидо паҳлӯи ҳам меистанд. Бо фармони довар бачаҳо ба асп савор шуда, ба сӯйи марра метозанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Турсунов Н. Бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ. – Д., 1961. 2. Раҳимов Д. Аспгирак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 72.
G006	«АҶИРИҚ БА ДАНДОН»	Ин бозӣ дар фасли тобистон миёни бачаҳои миёнсол ва наврасон баргузор мешавад. Сардор чӯбчаеро ба андозаи 10-15 см гирифта, аз чор се ҳисаашро ба замини алафдор мегӯронад. Бозигарон бо навбат ба шикам ба замин дароз кашида, кӯшиш мекарданд, ки ба дандон чӯбро кашида гиранд. Дигарон дар ин вақт баробар мегӯянд: «Аҷириқ ба дандон меканад, харакеҷон мекананд». Ғолиб онест, ки чӯбчаро бо дан-	2016	Водиҳои Зарафшон, Ҳисор	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. “Аҷириқ ба дандон” // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С.90. 2. Пещерева Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и

		дон аз замин берун оварад.				узбеков (по материалам 1924-1935). СМАЭ. т. XVII. М. – Л., 1957.
G007	БАЙТБАРАК	Бозӣ ё мусобиқаи шеърдонист, ки байни наврасону ҷавонон ва шеърдӯстон баргузор мегардад. Яке аз ҳозирин байте ё пораи шеъреро қироат мекунад. Ҳарифи ӯ ҷавобан ба матни ӯ байте мехонад, ки ҳарфи аввали он ба ҳарфи охирини шеъри ҳарифаш якхела мебошад. Боз бозигари якум дар ҷавоб ба байти шахси дувум байтеро мехонад. Ҳамин тавр, бозӣ давом ёфта, касе ғолиб меояд, ки шеъраш беҷавоб монад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қ.1-4. – Д., 2009. 2. Раҳмонӣ Р. Байтбарак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 99.
G008	БАҚАБОЗӢ, *қурбоқабозӣ*	Ду нафар бачаҳо яктогӣ санг ё устухони ҳайвонро, ки онро “баққа” меномиданд, дар даст мегиранд. Яке аз бозингарон сангро дар замин ба пеш ҳаво медиҳад. Бозингари дуюмӣ бояд бо санги худ санги ҳарифашро нишон гирифта занад. Агар санги ҳарифашро зада тавонад, пас бозингари якум ӯро ба пушташ “савор” карда, то ба ҷое, ки сангҳо бархӯрдаанд, мебарад.	2016	Рашту Дарвоз	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Раҳимов Д. “Бақабозӣ” // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 100.
G009	БАЛАНДИ-БАРОЯК	Бачагон гирди ҳам омада, як нафарро аз байни худ барои дастгир кардани бачаҳо интихоб мекунанд. Бачаҳо бо садо додани амри бозӣ ба ҳар тараф давида, ҳар яке ба болои баландие	2016	Ҳисор, Ашт	Фаъол	1. Раҳимов Д. Баландибарояк // Донишномаи фарҳанги мардуми

		мебарояд. Баландӣ бояд аз замин ҳадди ақал як вақаб баланд бошад. Агар касе ягон ҷойи баланд наёфта, дар рӯйи замин истода бошад, шахси дастгиркунанда зуд омада, ӯро бо даст медорад.				тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 101.
G010	БАНДПАРАК	Бозии халқии бачагонаи тоҷик, ки дар байни духтарбачаҳои аз 7 то 13 сола иҷро мешавад. Барои бози банд ё ресмони 2-3 метра лозим аст. Бандпарак якнафарӣ бонавбат ва ё сенафарӣ бозида мешавад. Ду нафар аз ду тараф бандро болову поён тоб медиҳанд ва бозгари севум аз болои он меҷаҳад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Баландпарак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 101. 2. Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983. 3. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.
G011	БАНДКАШӢ	Яке аз бозиҳои варзишии бачагонаи тоҷик, ки маъмулан дар ҷашни Наврӯз ва иду маъракаҳои мардумӣ барпо мешавад. Мусобиқаи бандкашӣ дар майдончаи ҳамвор ташкил шуда, барои он арғамчини ғафси дарозиаш 8-10 м истифода мешавад. Иштирокчиён 4-6 нафарӣ ба ду даста ҷудо шуда, аз ду тарафи хат дар майдон ҷойгир мешаванд. Кадом дастае, ки ҳарифонро кашида аз хат гузаронад, ғолиб дониста мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Бандкашӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 104.

G012	БОДБАРАК-БОЗӢ, *лалакбозӣ, лалакпаронӣ*	Навъе аз бозиҳои бачагон ва ҷавонон, ки аз замонҳои қадим маъмул буд. Бодбаракро аз коғази сахти 45Х65 см, парахаҳои чӯби дарозшакл, ришта ва навори аз матоъ буридашуда месозанд. Онро ҳангоми вазидани боди мусоид парвоз медиҳанд.	2016	Хуҷанд, Истарав-шан, Деваштич, Панҷакент, Ҳисор, Варзоб	Фаъол	1. Бодбаракбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Д., 2017. – С. 254-256.
G013	«БЕДОНА ПАРИД», «*будана принг*», “*пар-пар*”	Бозигарон ба ҳамдигар зич ба сурати давра менишинанд. Онҳо пойҳояшонро ба маркази давра дароз намуда, менишинанд. Яке аз бачаҳои калонсолтар номи парранда ё дигар ҷонваронро бонавбат номбар мекунад (мас., бедона парид, зоғ парид…) ва дар яке аз онҳо дасти рости худро зуд боло мебардорад. Дигар бозигарон ба ӯ тақлид карда зуд дасти росташонро боло бардоранд. Ҳар касе дер кард, ё ба пушт ғелон шуд, маглуб ҳисоб мешавад.	2016	Рашт, Дарвоз, водиҳои Ҳисору Зарафшон	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Бедона парид // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 121. 2. “Бедона парид” // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Д., 2017. – С. 260.
G014	«БУЗИ ТАНА-ГИРАК»	Ин бозиро одатан бачаҳои хурд ва наврасон бозӣ мекарданд, баъзан ҷавонон ҳам ба онҳо ҳамроҳ мешуданд. Яке аз бозигаронро ҳамчун «бузи танагирак» интихоб мекарданд, яъне бузе, ки ҳаққи дигаронро гирифта аз худ менамуд ва ба сӯйи марра медавид. Дигарон ӯро таъқиб менамуданд. «Бузи танагирак» агар то марра – «ҳалолгаҳ» рафта мерасид, ғолиб дониста мешуд.	2016	Рашт, Дарвоз,	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. “Бузи танагирак” // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 171. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.
G015	БУЗКАШӢ	Мусобиқаи халқии саворӣ, ки дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз, тӯйҳои мардум ва идҳои дигар барпо мегардад. Бузкашӣ дар майдон, доманаи кӯҳ,	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Холмуродво З. Бозии савории бузкашӣ ҳамчун

		рӯдхонаҳо баргузор шуда, дар он ҷасади буз истифода мешавад. Паҳлавонон савори асп та-лош варзида, бузро аз байни издиҳом берун оварда, ба марра мерасонанд.				унсури мероси фарҳанги ғайримоддӣ // Паёмномаи фарҳанг. –2018. – №2. – С. 35-41. 2. Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983. 3. Бузкашӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 252.

G016	БУҶУЛБОЗӢ, *сақабозӣ*	Бозии маъруф, ки бо буҷул – қисме аз устухони пойи гӯсфанд ё буз аст, бозида мешавад. Баъди ба замин партофта шудани буҷулҳо бозингарон буҷули ҳарифонро ба нишон гирифта, мезананд. Шахси маглуб ё буҷули худро ба ғолиб медиҳад ва ё ӯро ба пушташ савор карда, як масофаи кӯтоҳро тай мезанад. Тарзҳои гуногуни буҷулбозӣ маъмуланд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Буҷулбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 182-183. 2. Раҳимов Д. Буҷулбозӣ // Энсиклопедияи миллии тоҷик – Ҷ. 3. – С. 327-328. 3. Буҷулбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 273.
G017	ВАҶАБПАРАК	Бозии ваҷабпарак дар майдончаҳо, заминҳои ҳамвор, толори варзиш ва ғайра гузаронида мешавад. Бачагон ду нафарро ҳамчун ёвар интихоб мекунанд. Онҳо дар масофаи муайян ба замин рӯбарӯ нишаста, пойҳои худро каме мекушоянд ва кафи пойҳояшонро ба кафи якдигар ҷафс карда мерасонанд. Бачагони дигар бо навбат давида омада, аз болои пойҳои ёварон ба дарозӣ меҷаҳанд.	2016	Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Конибодом, водии Зарафшон	Нимфаъол	1.Амонов Р. Қиссаи диёри чашмасор. – Д., 1995. – С.194. 2.Раҳимов Д. Ваҷабпарак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 193-194. 3.Турсунов Н. Бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ. – Д., 1961.

G018	ГАЧАБОЗӢ, *каҷабозӣ, кечабозӣ*	Иштирокчиёни гачабозӣ паҳлӯи ҳам гирд истода, як нафарро сардор интихоб мекунанд. Барои ин бозӣ сангча ё тукмае лозим мешавад, ки онро "гача" меноманд. Сардор дар байни ҳалқаи бозигарон истода, гачаро ба дасти як аз бачаҳо медиҳад. Ҳама дастҳоро бо шумурдани «Як!», «Ду!» аввал ба паҳлӯ, сипас ба пушти худ бурда, пинҳон мекунанд. Сардор гачаро ҷустуҷӯ мекунад ва онро аз дасти кадом бачае, ки ёбад, навбати кофтан ба ӯ мегузарад. Гачабозиро дар зимистон дар атрофи сандалӣ низ бозӣ мекарданд.	2016	Водиҳои Зарафшон, Ҳисор	Нимфаъол	1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қ.1-4. – Д., 2009. 2. Раҳимов Д. Гачабозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 208.
G019	ЧАВГОНИ ПИЁДА, *чавгонбозӣ, гӯйбозӣ*	Чавгони пиёда, аз қадимтарин навъҳои варзиши тоҷикон мебошад. Барои бозӣ ба ҳар як бозигар чавгон ва барои ҳама як адад гӯй – тӯби махсус лозим аст. Тибқи қоидаи он дастаҳо ба ду гурӯҳи шашнафарӣ тақсим шуда, дарвозаи худро доранд ва кӯшиш мекунанд, ки гӯйро бо чавгон зада, вориди дарвозаи ҳариф намоянд. Ҳоло дастаҳои касбии чавгонбозони пиёда низ фаъолият мекунанд.	2016	Бадахшон, Кӯлоб, Хуҷанд, Душанбе	Нимфаъол	1. Турсунов Н. Чавгонбозӣ, – Д., 1982. 2. Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983. 3. Суяркулов Т. Прошлое и настоящее таджикского спорта. – Д., 1968.
G020	ГУЛ ЧӢ РАНГ?	Як навъ бозии анъанавии бачагон, ки одатан дар фасли тирамоҳ барпо мешавад. Бачаҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуда, каме дуртар аз ҳамдигар дар замин менишинанд. Ҳар гурӯҳ сардори худро дорад. Сардорҳо берун аз гурӯҳ номи ягон гулро муаммо қарор медиҳанд. Сипас яке аз сардорҳо ба назди гурӯҳаш омада чӣ гул будани онро мепурсад. Бачаҳо кӯшиш мекунанд, ки	2016	Рашт, Дарвоз	Нимфаъол	1.Раҳимов Д. “Гул чи ранг?” // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 233-234. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики

		номи гулро пайдо кунанд. Агар онро ёфта натавонистанд, он гоҳ навбат ба гурӯҳи дигар мегузарад.				Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.
G021	ГУРГБОЗӢ, *гургакбозӣ,* *даҳмардабозӣ,* *галабозӣ,*	Сардори бачаҳо як нафарро дар нақши гург қарор дода, ду нафари дигарро – саг ва боқимондаҳоро – гӯсфанд таъйин мекард. Гӯсфандон ба ҳамдигар ҷафс нишаста, гоҳ-гоҳ баос мезаданд. «Сагҳо» аккос зада, ба ҷустуҷӯи қути худ баромада ҳар сӯй мераванд. Ҳамин вақт «гург» пайдо шуда, гӯсфандонро як-як бурдан мегирад. Чӯпон бедор шуда, гургро таъқиб мекунад ва бо чӯб ӯро мезанад. Сагҳо низ ба гург дармеафтанд.	2016	Рашт, Дарвоз, Тавилдара, Яғноб, Ванҷ, Ишкошим, Вахон	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Гургбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 261. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.
G022	ГӮШМОЛАК, *гӯшкашак,* *гӯшталобак*	Як навъ бозии халқии бачагонаи тоҷик, ки онро бештар дар ҷашнҳои арӯсиву хатнасур ва Наврӯз барпо мекунанд. Шахси калонсоле дар латтапорае як-ду танга ё тугма ва ё ягон ашёи хурдро мебандад ва онро ба дурӣ ҳаво дода, худаш пинҳон мешавад. Ҳар бозигаре, ки бастаи тангаро ёфта, ба ӯ оварда супорад, соҳиби туҳфаи пулӣ ё молӣ мешавад. Вақте ки як нафар латтаро ёфта, ба сӯйи шахси калонсол давад, дигарҳо ба ӯ монеъ шуда, намегузоранд, ки комёб шавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Гӯшмолак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 274-275.
G023	ДОНАКБОЗӢ, *дӯлбозӣ,*	Бачагон дар замин косачае ба жарфои 5-6 см ва паҳнои 10х10 см мекананд, ки номи он «дӯл» аст. Ашёи ин бозӣ чор адад донаки зардолу ё чорто сангчаи ба андозаи ҳамин донакҳо мебо-шад. Дар масофаи 1,5 метр аз дӯл дуртар хатте	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Донакбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. –

	кандакбозӣ, *харакбозӣ*,	мекашанд ва аз паси он хат истода, бо навбат ҳар чор сангчаро ба дӯл мепартоянд. Агар 1 донак ё сангча ба дӯл афтад, партобкунандаи он «хар» номида мешавад, яъне нақши харро бозӣ мекунад. агар 2 донак ба дӯл ворид шавад – «асп» 3 донак – «вазир» ва 4 донак «шоҳ» мешаванд. То вақте ки бозигари панҷум донакҳоро партоб мекунад, вазир ба «хар»-у шоҳ ба болои «асп» савор мешаванд.				Ҷ.1. – С. 339-340. 2. Донакбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 258-259.
G024	ДУРРА ДАР МЕХ, *дуррабозӣ*	Бачаҳо дар майдон ба тарзи даврашакл саф мекашанд ва барои бозӣ як ресмон ё арғамчини 2-3 метра лозим аст. Довар ё сардори бачаҳо ду нафарро ба мобайни давра даъват мекунад. Яке дар маркази давра истода, вазифаи «мех»-ро ичро мекнамояд, дуюмӣ муҳофизаткунандаи ӯ мебошад. Баробари фармони довар ё сардор бозигари муҳофизатгари «мех», яъне дуррадор дар атрофи «мех» чарх зада, бозигаронро намегузорад, ба даруни давра даромада, ба «мех» даст расонанд.	2016	Водии Вахш, Ёвон	Нимфаъол	1. Турсунов Н. Бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ. – Д., 1961. 2. Топоров Н.И. Национальные виды спорта и игры в Таджикистане. – М., 1944.

G025	ЗОҒОБУ	Се-чор нафар бозигар гирд истода, ҳар ду дастро мушт карда, ба байн дароз мекунанд. Сипас сардор таронаи «Зоғобу»-ро мехонад ва дигарон муштҳоро болои ҳам мисли тири ҷувоз дар мобайн тоб додан мегиранд. Вақте ки сардор мисраи охирро хонда, «торгина бикуч» гуфт, шахсе, ки дасташ аз ҳама боло аст, зуд дасташро қафо мекашад. Агар гӯянда «таҳгина бикуч» гӯяд, бозигари дасташ дар поён буда, зуд дасташро мекашад. Охирин дасте, ки дар байн танҳо монд, шахси мағлуб ҳисоб мешавад.	2016	Муъмино-бод	Нимфаъол	1. Раҳимов, Д. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона бахше аз мероси фарҳанги ғайримоддӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., – С. 8–22.
G026	ЗУВ-ЗУВАКОН,	Як навъ бозии анъанавӣ, ки бачаҳо барои озмоиши дарозии нафас барпо мекунанд. Барои мусобиқа ҷойи муайянеро ҳамчун марраи интиҳоӣ қарор медиҳанд. Сипас бозигарон баробар истода, чуқур нафас гирифта, «зувв» гӯён ба пеш метозанд. Касе, ки дуртар равад, яъне нафасаш ба масофаи дарозтар расад, ғолиб шуморида мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Амонов Р. Қиссаи диёри чаш-масор. – Д., 1995. – С.195. 2. Раҳимов, Д. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона бахше аз мероси фарҳанги ғайримоддӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., – С. 8–22.
G027	КАМОНВАРӢ, *камонбозӣ, тирандозӣ,*	Як навъ бозии ҳарбӣ ва варзишии қадимаи халқи тоҷик. Мусобиқаи камонварӣ барои намоиш додани маҳорати худ дар ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон, тӯйҳои арӯсию хатнасур ва мавридҳои дигар дар майдону боғҳо баргузор	2016	Саросари кишвар	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад	1. Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983. 2. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ

		мешавад. Камонварӣ намудҳои пиёда ва савора дорад. Усули савора ҳангоми давидан асп ба нишон тир заданро *сараспа* меномиданд. Бачаҳо низ ба тақлиди калонсолон камонгулакҳо сохта, бо чӯбу санг тирандозӣ мекунанд.				ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик. – Д., 2011. 2. Раҳимов Д. Камонварӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 431-433.
G028	КИТФҶАНГ, *хурӯсҷанг*	Бозӣ дар майдонча, боғча ва ё ягон ҷойи ҳамвор гузаронида мешавад. Дар замин доираи диаметраш 2 метра кашида мешавад. Бачаҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуда, ҳама рӯ ба рӯи доира аз ду тараф дар майдон саф мекашанд. Аз ҳар даста як нафарӣ ба даруни доира меоянд. Ҳар дуи ин бозигарон дар як пой истода, пойи дигарашонро бардошта меистанд ва дастҳоро ба пушт мегузоранд ва якдигарро бо китф тела дода, аз доира мебароранд ва ё кӯшиш мекунанд, ки ҳариф пойи дуюмашро ҳам ба замин гузорад.	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Кифтҷанг // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 466. 2. Раҳимов Д. Бозиҳои варзишии наврӯзӣ // Соҳибкор, №1 (3), 2015. с.21-22.
G029	ҚАЛЪА-ГИРАК, *калла-зехт*	Бозигарон ба ду даста тақсим шуда, дар майдон аз сангҳо "қалъа"-е сохта, сардорҳо наздикии он меистоданд. Дастаҳо дуртар аз қалъа ҷой мегирифтанд. Бо фармони сардорҳо бозигарон ба қалъа ҳамла меоварданд. Задухӯрди шӯхиомез дар байни бачаҳо сурат мегирифт. Дар муҳориба танҳо бо пойҳо зарба задан мумкин буд. Бозӣ бо ғалабаи он дастае ба анҷом мерасид, ки қалъаро ба даст овардааст.	2016	Бадахшон, Рашту Дарвоз	Нимфаъол	1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Сталинабад, 1958. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.

						3. Раҳимов Д. Қалъагирак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 518.
G030	ҚОЛБОЗӢ, *шалоқак,* *тангелиҷ-бехт, ҷизнибозӣ*	Бозии анъанавии духтарон, ки бештар дар фаслҳои гарм дар майдонча ва роҳравҳо барпо мешавад. Шумораи бозигарон аз 2 то 8 нафар буда метавонанд. Барои бозӣ ҳар кадом духтарон яктогӣ сангҳои гирду ҳамвор мегиранд, ки он “қол“ ё “лап” ном дорад. Дар замини ҳамвор катакчаҳо мекашанд ва бо навбат хоначаҳоро якпоя ҷаҳида мегузаранд. . Хоначаро ба чор катаки хурдтар ҷудо мекунанд ва ба онҳо бо тартиб рақам мегузоранд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Сталинабад. 1953. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 3, 1976. 3. Раҳимов Д. Қолбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 527-528.
G031	ЛАНКАБОЗӢ, *сурббозӣ,* *парбозӣ*	Ланкабозӣ дар асри XIX тавассути ӯйғурҳо аз Чин ба фарҳанги мардумони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон, роҳ ёфтааст. Тибқи андешаи баъзе муҳаққиқон, номи афзори ин бозӣ – «ланга» аз калимаи тоҷикии «ланг» – чӯлоқ ва ё аз «линг» - пой гирифта шудааст. Ланка аз порачаи пӯсти пашмдори буз ва пораи сурби гирдашакл сохта мешавад. Ланкабозӣ ба таври гурӯҳӣ ё дунафарӣ сурат мегиранд. Бачаҳо шумораи муайянеро марра қарор дода, ба бозӣ шурӯъ мекунанд. Агар дар вақти бозӣ ланка ба	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Сталинабад, 1958. 2. Раҳимов Д. Ланкабозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 542-543.

		замин афтад, навбати бозӣ ба бозигари дигар мегузарад.				
G032	ЛАПАРБОЗӢ	Бачаҳо ба ду даста тақсим шуда, ҳар кадом «лапар» – санги гирди ҳамворро интихоб мекунанд. Лапарҳоро бо навбат аз масофаи муайян ба сӯйи санги нишона, ки онро «чилғиз» меноманд, ҳаво медиҳанд. Бозигари ғолиб – оне, ки сангаш ба чилғиз наздиктар афтида аст, лапарҳои дигаронро бо санг зада, дар охир чилғизро ҳамин тавр зада, дуртар меандозад. Сипас бо кафи по ҳисоб мекунанд, ки чилғиз ба кадом масофа дуртар афтидааст. Ҳамин тариқ, миқдори кафи пойҳоро шумурда, то марраи муайян мерасанд. Ҳар бозигаре, ки ба ҳисоби марра пештар расид, иштирокчии бохтаро аз дастаи ҳариф «хар» карда, ба болояш савор мешавад.	2016	Зарафшон, Рашт, Бадахшон	Фаъол	1. Андреев М.С., Половцов А.А. Материалы по этнографии иранских племен Средней Азии. Санкт-Петербург, 1911. 2. Раҳимов Д. Лапарбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 543-544.
G033	МАҲТОВПУ-ЧАК, *аккапучак,* *“Офтов-маҳтов қароқуш”*	Бачагон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, ҳар кадом дар як гӯшаи бом ё майдонча дар масофаи тахминан 10 метр аз ҳам ҷой мегирифтанд. Сардори якум бо дастонаш чашмони яке аз бозигарони дастаи худро мепӯшонид. Ба назди ӯ аз бозигарони дастаи дигар яке омада, оҳиста ба пешониаш бо ангушт мезаду боз рафта ба ҷойи худ менишаст ва ҳамроҳи дигар ҳамгурӯҳонаш бо дастҳояшон қарсак зада, мегуфтанд: «офтов, маҳтов, қароқуш, мир омад ай сари қуш». Сипас сардор чашмони он бозигарро мекушод ва ӯ ба ҷустуҷӯйи ҳамон касе, ки ба пешониаш ангушт	2016	Водиҳои Зарафшону Ҳисор Кӯлоб	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 3, 1976. 2. Турсунов Н. Бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ. – Д., 1961. 3. Раҳимов Д. Маҳтовпучак // Донишномаи фарҳанги мардуми

		зада буд, мебаромад.				тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 602.
G034	МОМАЛАНГ	Бачагон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, як гурӯҳ чашмашонро мебанданд, гурӯҳи дигар пинҳон мешаванд. Баъд аз ҳисоб кардан гурӯҳи якум ба ҷустуҷӯйи дасти дувум мебароянд ва ба таври гурӯҳи мисраъҳои зеринро месароянд: «Момаланг, момаланг, буқа кучо? – Пешравак. Оби зам-зам, тири маҳкам, шер ҷуфт, дур пар!». Агар яке аз пинҳоншудагонро дастгир кунанд, бозигари дастгиршуда иштирокчии дарёфткардаро то ба миёнаҷойи майдон, ки “чала“ ном дошт, ба пушташ савор карда меорад.	2016	Водиҳои Рашту Ҳисор	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 3, 1976. 2. Раҳимов Д. Момаланг // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 644.
G035	МУРҒОБИ-ШИКОРЧӢ, *заличак,* *ҷонгирак,* *миёнравак,*	Онро писарону духтарони аз 6-7 сола то ба наврасони 15-16 сола бозӣ мекунанд. Барои бозии мурғобишикорчӣ тӯби ҳаҷмаш хурд ё миёна лозим аст. Аз ҳар ду тарафи майдонча дар фосилаи 8-10 метр хатҳои марзӣ мекашанд ва бозинагарони дастаи аввал – “шикорчиҳо“ паси он хатҳо ҷой мегиранд. Ба мобайни майдон иштирокчиёни дастаи дуюм – “мурғобиҳо” ме-дароянд. Агар тӯб ба яке аз “мурғобиҳо“ расад, онгоҳ ӯ аз бозӣ берун мешавад. Агар яке аз бозингарони даруни майдон тӯбро аз ҳаво до-шта гирад, пас он даста соҳиби як ҷони дигар мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Мурғобишикорчӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2015. – Ҷ.1. – С. 656. 2. Раҳимов, Д. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона бахше аз мероси фарҳанги ғайримоддӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1.

						– Д., – С. 8–22.
G036	МУСИЧА-БОЗӢ	Бозигарон ба ду даста тақсим мешаванд ва дар ду тарафи майдон ҷой мегиранд. Бо фармони довар яке аз дастаҳо ба сӯйи дастаи дигар сайр-кунон ҳаракат мекунад. Дастаи дуюм бо сардо-ри худ дар ҷояшон истода ин шеърро мехонанд: «Яку дую сею чор, ман духтари Муллоёр. Мул-лоёри чокандоз, ба мусича дон андоз…». Бозигарони дастаи дуюм кӯшиш мекунанд, ки «мусичаҳо»-ро дастгир намоянд. Ҳар бозигари ба даст афтодаро онҳо ба гурӯҳи худ мебаранд.	2016	Водии Ҳисор, Душанбе	Нимфаъол	1. Турсунов Н. Бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ. – Д., 1961. 2. Турсунов Н. Бозиҳои халқии тоҷикӣ барои боғчаи бачагон. – Д., 1975.
G037	НАЙЗА-АНДОЗӢ, *найзазанӣ,* *найзабозӣ*	Яке аз намудҳои ҳарбӣ ва варзиши бостонии тоҷикон. Найзаро дар гузашта ҳам пиёда ва ҳам савора ба кор мебурданд. Дарозии найза 1,5-2 м буда, онро аз шохҳои рост ва сахти дарахтон месохтанд ва ба нӯги он теғаи оҳанинро насб менамуданд. Найза инчунин яке аз олоти шикор ба шумор мерафт. Маҳорати баланди паҳлавони найзаандоз дар он зоҳир мешуд, ки ҷонварро дар шикор ва ё душманро дар майдони ҷанг бо як зарба афканад. Баъзе найзаандозони моҳир найзаро аз масофаи 60 м ба нишон мерасони-данд. Найзаро инчунин савори асп, дар рӯйи он хаму рост шуда, лаъбу ҳунарҳо намуда, ҳаво ме-доданд. Найзабозӣ яке аз намудҳои мусобиқаи	2016	Саросари кишвар	Ниёз ба ҳифзи фаврӣ дорад	1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Сталинобод. 1953. 2. Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983. 3. Раҳимов Д. Найзапартоӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 34-35

		варзишӣ дар ҷашнҳои арӯсӣ, хатнасур ва иди Наврӯз буд.				
G038	НАРДБОЗӢ	Яке аз навъҳои варзиши фикрии миллӣ, ки таърихи тӯлонӣ дорад. Нард дар болои тахтаи махсуси дутабақа бо муҳраҳо бозида мешавад. Дар канори ҳар як табақи тахта 6-тогӣ хоначаҳо барои гардиши муҳраҳо сохта шудааст. Дар нардбозӣ ду бозингар аз ду тараф бозӣ мекунад, ки ҳар кадом 15-тогӣ муҳра доранд. Барои хол гирифтан ва ё миқдори қадами муҳраҳо ду муҳраи мукааби холдор истифода мешавад. Муҳрачаҳои мукаабро рӯйи тахта партофта, мувофиқи холи гирифтаашон як муҳраро аз хонаи якум гирифта, ба хоначаҳои баъдӣ ҳисоб карда мегузаронанд. Ҳамин тариқ, кадом бозигаре, ки пештар муҳраҳояшро аз майдони ҳариф гузаронад, ғолиб дониста мешавад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Нардбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С.272-273. 2.Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983.
G039	НАХЧИРБОЗӢ	Яке аз бозингарон нақши шикорчӣ, дуюмӣ нақши саг ва бачаҳои дигар нақши нахчиронро бозӣ мекунанд. Шикорчӣ нахчирҳоро таъқиб карда, ба онҳо тир меандозад. Ба ҷойи тирандозӣ ӯ тоқияшро ба сӯйи нахчирҳо ҳаво медиҳад. Нахчири шикоршуда дар замин менишинад. Шикорчӣ бо сагаш ба назди ӯ меояд ва шикорчӣ дасти росташро ба гардани ӯ мегузорад, ки ин амал «ҳалол» кардани сайдро ифода мекунад.	2016	Рашту Дарвоз	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Раҳимов Д. Нахчирбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 65.

G040	ПАЛАК-БАРАК, *талгираку чалгирак,*	Бачагон дар майдончае ҷамъ омада, ба ду гурӯҳ тақсим мешуданд. Аз мобайни майдонча хатте мекашиданд ва ду канори майдонро марра қарор медоданд. Як гӯшаи майдон “пал” номида мешуд ва гӯшаи дигараш “чал”. Шарти бозӣ чунин буд, ки бозинагарони дастаи “чал” бояд аз чанги ҳариф халос хӯрда, ба гӯшаи “пал” раванд. Дар ҷавоб бозигарони гурӯҳи “пал” кӯшиш мекарданд, ки онҳоро бо пойҳояшон зада, нагузоранд, ки ба марраашон расанд.	2016	Ашт, Рашт, Дарвоз	Нимфаъол	1. Палабарак // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С.263. 2. Раҳимов Д. Палабарак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 185-186.
G041	ПАНҶСАНГ, *ҳафтсанг,* *ҷамбулбозӣ,* *ҷамбет*	Дар майдонча 10-12 нафар духтарон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Онҳо дар замин як росткунҷа мекашанд ва аз чор кунҷи дарунии он боз яктогӣ хоначаҳо мекашанд, 5 ё 7 адад сангҳои дар мобайни росткунҷа болои ҳам мегузоранд. Дастаи якум аз масофаи муайян сангҳоро ба нишон гирифта бо тӯб мезанад. Бозигарони дастаи якум баъд аз ин ки бо тӯб сангҳоро афтонданд, кӯшиш мекунанд, ки омада сангҳоро дар росткунҷа аз нав болои ҳам чинанд. Дар ин вақт бозигарони дастаи дуюм тӯбро дошта, бозигарони дастаи аввалро таъқиб карда, намегузоранд, ки ба росткунҷа наздик шаванд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Панҷсанг // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 190-191.
G042	ПЕШПАРА-КОН	Дар майдонча хатти марра кашида, 10-12 нафар духтарон ё писарбачагон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд ва паси ҳам сари дупо менишинанд. Сардори дастаи якум ба назди ҳар як бозигари	2016	Ванҷ, Дарвоз, Рашт	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Пешпаракон // Донишномаи фарҳанги мардуми

		гурӯҳи худ хам шуда, сангчаеро номаълум ба домани яке аз онҳо пинҳон мекард. Сипас ба дастаи ҳариф муроҷиат карда, мепурсид, ки сангча дар дасти кист? Агар сангчаро меёфтанд, навбати пинҳон кардани сангча ба онҳо мегузашт. Аммо агар намеёфтанд, бозигарони дастаи якум аз ҷой хеста, як қадам ба пеш меҷаҳиданд ва боз дар ҷояшон ба мисли аввала менишастанд. Ҳамин тавр бозӣ давом меёфт, кадом дастае, ки пештар ба хатти марра мерасид, ғолиб ҳисоб мешуд.				тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 209.
G043	ПИЁДА-КАШАК	Як навъ мусобиқаи ҷавонон, ки дар ҷашнҳои Наврӯз, арӯсӣ, хатнасур ё ба муносибати таваллуди писар созмон дода мешуд. Дар ин бозӣ 40-50 нафар иштирок мекарданд. Соҳиби маърака 3-4 метр матоъи сахтро ба мобайни иштирокчиён ҳаво медод. Ҷавонон ба дастаҳо тақсим шуда, кӯшиш мекарданд, матоъро ба пуррагӣ ба даст оранд ва туҳфаи асосӣ – бузро соҳиб шаванд.	2016	Кӯлоб, Ғарм, Дарвоз	Дар ҳоли аз байнравӣ қарор дорад.	1.Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков. Т.1, – Д., 2002. 2. Раҳимов Д. Пиёдакашак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 210.
G044	“ПИЁДАҲО САВОРА”	Барои ин бозӣ бачаҳо ба ду дастаи баробар тақсим мешуданд. Сардорони дастаҳо каме дуртар рафта, байни худ маслиҳат мекарданду сипас ба назди бачаҳои гурӯҳи аввал омада мепурсиданд: “– Ёрон, ёрони мо, ҷав чанд ман? – мепурсид сардори даста. Бачаҳо кӯшиш мекарданд, ки чанд ман қарор кардани ҷавро ёбанд. Намояндаи кадом дастае, ки саволро дуруст ҷавоб медод, дастаи ӯ ғолиб ҳисоб ёфта,	2016	Истарав-шан	Дар ҳоли аз байнравӣ қарор дорад.	1. Амонов Р. Қиссаи диёри чашма-сор. – Д., 1995. 2. Амонов Р. Аз паи ҳикмати халқ. – Д., 1963. 3. Раҳимов Д. “Пиёдаҳо савора! // Донишномаи

		нахуст онҳо саворaи пиёдагон мегардиданд. Пиёдагон саворонро ба пушти худ гирифта, дар кӯча роҳ мерафтанд.				фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 210.
G045	ПОДШОҲ-БОЗӢ, *поччобозӣ, дузду қозӣ,*	Дар бозӣ 4 нафар иштирок мекунанд. Онҳо қуттии гӯгирдро гирифта, бо навбат рӯйи фарш ё замини ҳамвор мепартоянд. Агар қуттии гӯгирд ба шакли амудӣ рост истад, онро “подшоҳ”, ба тарзи уфуқӣ рост истад – “вазир”, рӯ ба боло – “сӯфӣ” ва ниҳоят агар рӯ ба фарш афтад, он “дузд” ҳисоб мешуд. Баъд аз як дафъаи партофтани гӯгирд вазифаҳо муайян мешуданд. “Сӯфӣ” “дузд”-ро дошта, ба назди “подшоҳ” мебурд ва арз мекард, ки “шоҳам, аз фалон ҷо дуздро дастгир кардем, чи кор кунем?”. “Подшоҳ” ба “вазир” супориш медод, ки “дузд”-ро якчанд дурра ё шаппотӣ занад.	2016	Вилояти Суғд, Водии Ҳисор, Рашт, Дарвоз	Фаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Раҳимов Д. Подшоҳбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 214.
G046	ПОЙГА, *давидан*	Пойга мусобиқаи анъанавии халқӣ мебошад, ки аз қадим дар ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон, тӯйҳои арӯсию хатнасур ташкил мешавад. Масофаи пойга аз 500 м сар карда, то 5-6 км мешуд. Сардорҳо ҷараёни мусобиқаро назорат мекарданд. Иштирокчиёне, ки аз ҳама пештар ба марра мерасиданд, сазовори туҳфаҳо мегаштанд. Тарзи саворапойгаҳ низ маъмул буд, ки ҷавонон саворaи асп ё харҳо муобиқа мекарданд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983. 2. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик. – Д., 2011.

G047	РУСТ-ШАВАКОН, *рустшавонак, туктукбозӣ, баҷошавак*	Бачаҳо аз байни худ як нафарро барои чашмбандӣ интихоб мекунанд. Шахси интихобшуда рӯй ба девор ё дарахте карда, чашмонашро бо дастонаш пӯшонида, то адади муайян мешуморад ва мепурсад: «ҳуп, тут пухт, ҷав расид?». Дигарон зуд ба ҷойҳои назарнорас пинҳон мешаванд. Писарбачаи ҷӯянда чашмонашро боз карда мегӯяд: «Рафтам ба кофтан, илоҷи ёфтан» ва ба ҷустуҷӯи бозигарони пинҳоншуда меравад. Ҷӯянда ҳар киро, ки дар аввал пайдо кард, дар пайти навбатӣ ҳамон кас чашмашро мебандад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик. – Д., 1973. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 3. Раҳимов Д. Рустшавакон // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 268-269.
G048	САҚОБОЗӢ, *саҚачабозӣ,* *сакабехт*	СаҚобозӣ дар фаслҳои тобистону тирамоҳ бо буҷул, чормаҒз ва сангҳои гирду ҳамвор бозида мешавад. Бозигарон дар замин як хат кашида, ҳар кадоми иштирокчиён яктогӣ буҷул дар пиллаҷо – болои хат мегузоранд. Сипас бо навбат аз масофаи муайян бо буҷули калонтар буҷулҳои ҚатОр чидашударо ба нишон гирифта, мезананд. Агар буҷули калон ба дигар буҷулҳо расида, онҳоро ба масофаи чор ҚадАм аз пиллаҷо берун кунад, бозигари нишонзан буҷулҳои дурафтодаро гирифта, аз они худ мекунад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Сталинабад. 1953. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.
G049	САНГЧИЛИК-БОЗӢ,	Онро якчанд нафар духтарони аз 6 то 15-сола дар ҳавливу боҒча, баъзан дар хонаҳо бозӣ мекунанд. Барои бозӣ 5 адад сангчаҳои гирди андозаашон баробари дӯлона лозим аст.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Сангчиликбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми

	сангчил, *сангчабозӣ,* *панҷабозӣ*	Бозигарон дар замин, ё дар рӯйи гилем ё фарши хона нишаста, бо дастонашон сангчаҳоро болову поён партофта, гоҳе аз замин мечинанд ва гоҳе ангуштонашонро дарвоза карда, сангчаҳоро аз он дарун меандозанд. Сангчиликбозӣ аз 6 давр иборат буда, номи давраҳо чунинанд: *каппа, қулфак, арӯс, қайчӣ, борон, барф* ва *жола*.				тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 315-316. 2. Пещерева Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и узбеков (по материалам 1924-1935). СМАЭ. т. XVII. М. – Л., 1957.
G050	САФЕДОР-СИЁҲХОР, *сафеддорбозӣ, ахтаракон,*	Иштироккунандагон ба ду даста ҷудо шуда, дар масофаи 10-15 м рӯ ба рӯи ҳам қарор мегиранд ва аъзои ҳар гурӯҳ дасти ҳамдигарро дошта, заниҷираеро ба вуҷуд меоранд. Бозигарони гурӯҳи якум бо як овоз мегӯянд: “Сафедор, сиёҳхор, аз мо ба шумо кӣ даркор?”. Бачаҳои дастаи дувум як нафарро аз дастаи онҳо интихоб менамоянд. Шахси интихобшуда кӯшиш мекунад, ки давида, дастҳои ба ҳам пайванди бозигарони ҳарифро бурида гузарад. Агар гузашта тавонад, яке аз бозигарони дасташ сардодаро гирифта, ба гурӯҳи худ меорад. Агар аз занҷира гузашта натавонад, он гоҳ худи таслим шуда, дар гурӯҳи ҳариф мемонад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Сафедор-сиёҳхор // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 326. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 3. Турсунов Н. Бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ. – Д., 1961.
G051	САФЕД-ЧӮБАК	Барои бозӣ ду чӯбчаи сафеди 30-40 см ва ғафсиаш 2-3 см лозим аст. Дар майдон хат кашида, дастаҳо дар масофаи муайян аз паси хат қатор мешаванд ва довар дар миёна меистад. Бо фармони довар чӯбҳо ба дурӣ партоб мешаванд ва бозигарони дигар баробари ба замин афтидани чӯб ба сӯйи он	2016	Рашт, Кӯлоб	Нимфаъол	1. Турсунов Н. Бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ. – Д., 1961. 2. Раҳимов Д. Сафедчӯбак // Донишномаи

		медаванд, то ки чӯбро гирифта, зудтар оварда, ба довар супоранд. Бачаҳои як гӯрӯҳ кӯшиш мекунанд, ки чӯби дастаи ҳарифро кашида гиранд ва боз дуртар партоянд.				фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 327-328.
G052	СУРСУРАКОН *пешкунакон*	Яке аз бозиҳои анъанавии маъмулу машҳури бачагони тоҷик, ки бештар дар фаслҳои гарми сол дар майдончаву боғча, баъзан дар кӯчаҳо барпо мегардад. Як нафарро барои сур кардан интихоб менамоянд. Агар ӯ дар вақти сур кардан якеро ба даст гирад, он бозигар навбати суркуниро мегирад. Бозии С. вобаста ба маҳаллу минтақаҳо навъҳо ва унсурҳои гуногун дорад. Баъзан бачаҳо дарахт, симчӯб, дарвоза, ё ягон ҷисми дигарро пайка (пайгаҳ) қарор медиҳанд ва шахси суркунанда вазифадор мешавад, ки онро посбонӣ кунад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Сталинабад. 1953. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.
G053	ТАЛАҚ, *санҷидбозӣ*	Дар ин бозӣ 3 нафар бачагон як донагӣ санҷид ба пиллаҷо мегузоранд. Яке аз бачаҳо навбат гирифта, дар замин пойҳояшро ба ду тараф кушода, аз қафои пиллаҷо менишинад. Дар пиллаҷо ду адад санҷидро наздик ба ҳам гузошта, санҷиди сеюмро дар болои он мемонанд. Бачаҳои дигар каме дуртар рафта, ба навбат бо санҷид он се санҷиди болои ҳам чидашударо ба нишон гирифта, мезананд. Агар нишонзан санҷидҳоро зада, афтонида тавонист, он ҳар се санҷидро мегирад. Агар ба нишон нарасонид, онгоҳ бозигари дар пиллаҷо нишаста, санҷиди ба хато рафтаро соҳиб	2016	Бадахшон	Дар ҳоли аз байнравӣ қарор дорад.	1. Раҳимов Д. Санҷидбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 318. 2. Пещерева Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и узбеков (по материалам 1924-1935). СМАЭ. т. XVII. М. – Л., 1957.

		мешавад.				
G054	ТУТИ КАЛ, *тали тал*	Ҳамаи бачагон дар шакли давра нишаста, пойҳои худро ба пеш дароз менамоянд. Як нафар, ки ташкилкунандаи бозӣ аст, матни таронаи «Тали тал»-ро хонда, ангушти ишоратиашро ба болои пойи ҳар як иштирокчӣ расонида, гузаштан мегирад. Тарона дар болои пойи касе, ки ба охир расид, ӯ пойшро ба қафо кашида аз бозӣ мебарояд. Шахси охир танҳо монда ҳамчун мағлуб ҳисоб ёфта, барои дигарон аз амалҳои шеърхонӣ, сурудхонӣ, масхарабозӣ, тақлидкорӣ ва ё рақсидан якеро иҷро менамояд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Пещерева Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и узбеков (по материалам 1924-1935). – Т. XVII. М. – Л., 1957. 3. Раҳимов Д. Тути кал // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 476-477.
G055	ТУХМБОЗӢ, *тухмҷанг*	Яке аз бозиҳои машҳури анъанавии бачагон, ки дар идҳои Наврӯз, Қурбон ва Фитр бо тухми пухтаи мурғ бозида мешавад. Бачаҳо тухмҳоро нӯг ба нӯг мезананд, тухми кадоме, ки тухми дигареро шикаст, он тухми шикастаро моли худ мекунад. Дар охир тухми яке аз бачаҳо пирӯз шуда, ҳамаи тухмҳои дигаронро ба шикаст мерасонад. Шахси ғолиб тухмҳои бурдаашро боз бо дӯстону рафиқонаш тақсим карда, бо ҳам мехӯранд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Тухмбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С.274-275.

G056	ХАРКАШАК, *харбуз,* *харбузкашак,* *бузихарӣ*	Яке аз бозиҳои маъруфи бачагон, ки ба таҚлиди мусобиқаи бузкашӣ баргузор мешуд. Он бештар дар фасли зимистон, дар маъракаҳои хурди оилавӣ барпо мегашт. Бачаҳо дар ягон майдони васеъ харсавор ҷамъ омада, ягон чизеро, масалан, ҷома ё пӯстакро ба миён мепартофтанд ва ба он дармеафтоданд. Ҳар касе, ки пӯстакро аз байн гирифта, ба марра расонад, ғолиб ба шумор мерафт. Ба ғолибон аз ҷониби соҳиби маъракa рӯймолак, тоқӣ, собун ва монанди инҳо тухфа дода мешуд.	2016	Кӯлоб, Балҷувон, Ховалинг, Дарвоз, Рашт, Тавилдара	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков. Т.1, – Д., 2002. 2 Раҳимов Д. Харкашак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 521-522.
G057	ХАР-ХАРИ РӮ	Бачаҳо ба ду даста таҚсим шуда, дар ҳар даста якеро сардор интихоб мекарданд. Бозигарони як даста дар фосилаи як метр пайиҳам мисли “хар” чорпо меистоданд. Иштирокчиёни гурӯҳи дигар аз болои онҳо ҷаҳида мегузаштанд. Бозигари охир аз болои ҳамаи бачаҳои дастаи ҳариф парида, ба пушти сардори он даста, ки дар пеш меистод, савор мешуд ва ӯро мепурсид: “чанд ман?”. Сардор ягон шумораи муайянро мегуфт (мас., 10, 20, 30 ман). Он гоҳ бозигарони дастаи дуюм ба пушти бачаҳои гурӯҳи якум савор мешаванд ва сардор то шумораи интихоб кардааш мешуморад.	2016	Рашт, Дарвоз, Кӯлоб	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Раҳимов Д. Хар-хари рӯ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 523.

G058	ХИРМАН-БОЗӢ	Барои ин бозӣ 6-8 нафар писарбачаҳо якеро аз байни худ барои «хирман» шудан интихоб менамоянд. Шахси нақши «хирман»-ро иҷрокунанда дар мобайни майдонча чорпо шуда, мешинад. Бачаҳо яктаку ҷомаҳои худро кашида, ба болои «хирман» мепартоянд. Як нафари дигар «хирман»-ро посбонӣ мекунад. Дигарон ба «хирман» ҳуҷум мекунанд. Посбон намегузорад, ки ҳуҷумкунандагон ба «хирман» пояшонро расонанд ва худи ӯ наздикшудагонро бо пояш зада дур мекунад. Лагади посбон ба кадом бозигаре, ки расид, ҳамон кас «хирман» мешавад.	2016	Истарав-шан	Дар ҳоли аз байнравӣ қарор дорад.	1. Амонов Р. Қиссаи диёри чашмасор. – Д., 1995. 2. Раҳимов Д. Хирманбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 531-532.
G059	ХОЛА-ХОЛА,	Як навъ бозии бачагони хурдсоли кӯҳистон. Яке аз бачаҳо нақши “уқоб”-ро бозӣ мекард, дигаре нақши “мурғ”-ро ва боқимондаи бачаҳо “чӯҷаҳо” мешуданд. Чӯҷаҳо дар атрофи мурғ дон хӯрда истода буданд, ки ногоҳ уқоб пайдо мешавад. Чӯҷаҳо ба тарафи мурғ мегурезанд ва дар пушти модар пинҳон мешаванд. Уқоб чӯҷаҳоро як-як рабудан мегирад. Дар охир мурғ танҳо монда, заминро бо панҷааш кофта, “ту-ту-ту…” гуфта фарёд мекунад ва чӯҷаҳо боз аз ҳар куҷо давида омада, дар атрофи мурғ ҷамъ мешаванд.	2016	Рашт, Дарвоз, Кӯлоб	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Турсунов Н. Бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ. – Д., 1961.
G060	ХУРӮСҶАНГ	Навъе аз бозии маъмули бачагону ҷавонони деҳот, ки дар шакли намоишӣ ва мусобиқавӣ дар ҷашнҳои Наврӯз, сайрҳои баҳорӣ ва баъзе маъракаҳои халқӣ баргузор мегардад. Мусобиқаи хурӯсҷанг дар майдонҳои кушод мегузарад. Ду нафар довталаб хурӯсҳои худро	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Шакармамадов Н., Шакармамадов О. Наврӯзи Бадахшон. Хоруғ, 2003. 2. Раҳимов Д.

		дар майдон сар медиҳанд. Хурӯсҳо ба якдигар бархӯрда, ба қафаси синаашон якдигарро мезананд. Ҳамон хурӯсе мағлуб шуморида мешавад, ки рӯ ба гурез ниҳад. Соҳиби хурӯси ғолиб бо мукофот табрик карда мешавад.				Хурӯсчанг // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 547-548.
G061	ҲАВЗАК-ҲАВЗАК	Як навъ бозиест, ки онро калонсолон бо мақсади хушҳол кардан бо кӯдакони хурдсол мебозанд. Дар хона падар, модар, модаркалон ё яке аз аъзои оила кафи дасти кӯдаки 1-2 соларо боз намуда, ангушти ишоратиашро дар кафи кӯдак чарх занонида, таронаи «Ҳавзак»-ро мехонад ва ангуштакони ӯро ба кафаш як-як қат кардан мегирад. “Ҳавзак, ҳавзак, гирдакош сабзак. Ору биёд, об хӯрад, Оҳу биёд, об хӯрад..”. Чун навбат ба ангушти хурдӣ расид, падар номи кӯдакро гирифта, бо овози баландтар: «Эй ба ин майдаҳак шӯрбо нарасид» - гӯён дасташро ба ҳаво бардошта, «Ҳӯ-лӯ-лӯ, барги каду», «Ҳӯ-лӯ-лӯ, барги каду» – гӯён ҳамин ибораро се бор такрор мекунад. Кӯдак аз ин ҳолат завқ бурда механдад.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Андреев М.С. Вещие сны, несколько примет и детская игра “Сорока-ворона” среди некоторых народов, главным образом Средней Азии // Известия главного средне-азиатского музея. Ташкент, 1923. 2. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик. – Д., 1973.
G062	ҲУПӢ-ҲУПӢ,	Бачаҳо гирди ҳам сари зону дар замин менишастанд ва тоқиҳои худро дар пешашон рӯ ба боло мегузоштанд. Сипас як нафарро сардор интихоб мекарданд ва ӯ нахуст шуда амали тоқибардориро сар мекард. Сардор дастҳояшро ба пушташ бурда, тоқияшро аввал, лабҳо, сипас бо дандон ва ниҳоят бо сараш аз замин мебардошт. Дигарон ҳама аз қафои ӯ ин	2016	Рашт, Дарвоз	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 3, 1976. 2. Раҳимов Д. Ҳупӣ-ҳупӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми

		амалҳоро такрор мекарданд. Дар вақти хам шуда, тоқиро бардоштан сардор ба бачаҳо нигоҳ карда мегуфт: “ҳупӣ-ҳупӣ, ана ита ҳупӣ”. Ҳар касе, ки дер монад, ё тоқиро бардошта наметавонист, ҷарима мешуд.				тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 583-584.
G063	ЧАВГОНБОЗӢ *гӯйбозӣ*	Навъе аз варзиши қадимии тоҷикон, ки дар майдон савори асп баргузор мегардад. Бозигарон ба ду даста тақсим шуда, дар майдон кӯшиш мекунанд, ки бо чавгон гӯйро ба дарвозаи дастаи ҳариф ворид кунанд. Чавгонбозӣ дар гузаштаи начандон дур дар ҷашнҳои арӯсӣ, хатнасур, иди Наврӯз ва Меҳргон ташкил мешуд. Мусобиқаҳо дар байни дастаҳо аз деҳаҳои ҳамсоя низ сурат мегирифт. Шакли чавгони пиёда ё чавгони рӯйи чаман низ маъмул аст.	2016	Бадахшон, Хуҷанд, Кӯлоб	Нимфаъол	1. Турсунов Н. Чавгонбозӣ. – Д., 1982. 2. Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983. 3. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик. – Д., 2011. 4. Суяркулов Т. Прошлое и настоящее таджикского спорта. – Д., 1968.
G064	ЧИЛИКБОЗӢ, *чиликдангал, чилик-пилик, чилакбозӣ, ликакбозӣ, чиликқаҳрӣ, чилаку лоф, алаку момокӣ, акколбозӣ*	Барои бозӣ ду чӯб, яке 30-40 см (ченчӯб) ва дигарӣ кӯтоҳтар 15-20 см лозим аст. Дар замини ҳамвор давраи диаметраш 1,5-2 метра мекашанд. Бозингари якум ё дастаи якум дар дохилӣ давра истода, чӯбчаро бо чӯби калон ба масофаи дур мезанад. Аз он ҷое, ки чӯбча афтод, ҳарифон чӯбчаро гирифта, ба даруни давра ҳаво медиҳанд. Бозингари даруни давра саъй мекунанд, ки бо чӯби калон зада чӯбчаро аз хатти давра дур кунад. Ба қадди чӯби калонӣ масофаи аз хатти давра то ҷойи афтидаи	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Чиликбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 256-258. 2. Пещерева Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и узбеков (по материалам 1924-

		чӯбчаро ҳисоб мекунанд. Агар ҳарифон чӯбчаро тавонистанд, ки ба давруни давра партоянд, он гоҳ ҷойҳо иваз мешаванд. Касе, ки холҳои бештар гирифта, аз марра гузашт, ғолиб дониста мешавад. Ғолибон маглубонро бо як тарзи “зу-у-у” гуфта, бо давонидан ҷазо медиҳанд.				1935). СМАЭ. т. XVII. М. – Л., 1957.
G065	ЧАШМ-БАНДАК, *чашмпӯшакон*	Дар бозӣ 6-10 нафар писарону духтарони аз 7 то 15-сола ширкат мекунанд. Чашмони он шахси интихобшударо бо рӯймол ё порае матоъ мебанданд, ки ӯ бачаҳоро дида натавонад. Сипас бозӣ оғоз мегардад, бачаи чашмбаста ба дастгир кардани дигарон сар мекунад. Бозигарон дар атрофи ӯ чарх зада, ҳар хел шӯхиҳо мекунанд, овоз бароварда, аз наздик омадани худ ба ӯ хабар медиҳанд. Ҳамин ки ӯ яке аз бозигаронро дастгир кард, чашмонашро мекушоянд ва чашмони шахси дастгиршударо бо рӯймол мебанданд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. Чашмбандак // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.621. 2. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик. – Д., 1973.
G066	ЧИСТОН-БУЛБУЛОН, *мурӣ, мурии кӣ?*	Яке аз бозиҳои шифоҳии бачагону наврасон. Иштирокчиён ба ду даста ҷудо шуда, бозигарони дастаҳо ба якдигар машварат мекунанд, аъзои хонаводаи яке аз ҳамсояҳо ё деҳаро дар назар гирифта, суоле матраҳ менамоянд. Сипас аз дастаи ҳариф мепурсанд: «Чистон, булбулон, хонаи кист?». Ҳарифон мепурсанд: «Чанд марду чанд зан?». Дастаи якум миқдори марду занҳои ҳамон оилаи матлубро мегӯянд, масалан, «Се марду чор зан». Дастаи ҳариф хонаи мувофиқи шумораҳоро	2016	Саросари кишвар	Нимфаъол	1. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. – Д., 1963. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 3. Сӯфиев А. Чистонҳои халқии тоҷикӣ. – Д., 1972.

		мечӯяд. Агар ёфта тавонанд, як хол гирифта, навбати бозӣ ба онҳо мегузарад. Вале агар наёбанд, таслим шуда мегӯянд: «Шаҳрамонро додем» ё «Деҳаамонро додем».				4. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик. – Д., 1973.
G067	ЧОР-МАҒЗБОЗӢ,	Бозии маъмулу машҳури бачагон, ки бештар дар фасли тирамоҳ, дар айёми пухтани чормағз ва пас аз он баргузор мешавад. Онро писарони аз 7 то 18-сола, баъзан ҷавонони калонтар низ бозӣ мекунанд. Навъҳои гуногуни чормағзбозӣ вуҷуд дорад, масалан, “қуббабозӣ”, “чорпай”, “зангул” ва ғ. Тибқи қоидаҳои бозӣ, шахсони ғолиб чормағзҳои бозигари маглубро аз худ мекунанд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Чормағзбозӣ // Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / мураттиб Д. Раҳимов. – Д. 2017. – С. 265-266. 2. Раҳимов Д. Чормағзбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 649-650.
G068	«ҶАВ ЧАНД МАН?»	Бачаҳо дар майдонча ё боғчае ҷамъ омада, ба ду даста тақсим мешаванд ва ду нафарро сармир интихоб менамоянд. Дастаҳо дар ду тарафи майдон саф кашида, сармирҳо дар мобайни майдон бо ҳам машварат мекунанд, ки ҷавро чанд ман гӯянд. Сармирҳо бо навбат аз аъзои дастаи худ чанд ман будани ҷавро мепурсанд: Сармир: Ёрон, ёрони мо! Бачаҳо: Даҳӣ дар миёни мо. Сармир: Ҷав чанд ман? Бачаҳо рақамҳоро гуфтан мегиранд ва дар охир шумораи пинҳонкардаи сармирҳоро меёбанд. Кадом дастае, ки чанд ман будани ҷавро дарёфт ғолиб ҳисоб мешавад.	2016	Истарав-шан, Шаҳристон Балҷувон,	Нимфаъол	1. Амонов Р. Қиссаи диёри чашмасор. – Д., 1995. 2. Турсунов Н. “Ҷав чанд ман?” // ЭСТ, ҷ. 8. – Д., 1988. – С.434.

G069	ҶАВЛОН-ҶАВЛОН	Бозигарони ҳар ду даста давра карда, дар замин менишастанд ва сармирҳо дар мобайни давра ҷой мегирифтанд. Сармирҳо пешакӣ бо ҳам маслиҳат карда, номи ягон гулро интихоб мекарданд ва аз ҳар як иштирокчӣ онро мепурсиданд. Бозигаре, ки он номи гулро меёфт, рӯймоли миёнбанди худро тоб дода, дурра месохт ва бачаҳои дигарро таъқиб мекард. Бачаҳо, ба ҳар тараф мегурехтанд. Пас аз чанд лаҳзаи суросурӣ сармирҳо “ҷавлон-ҷавлон” гуфта, дод мезаданд. Бозигари рӯймолчадор ин фармонро шунида, зуд бояд худро ба назди сармирҳо мерасонид.	2016	Рашту Дарвоз	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. – Д., Вып. 3, 1976. 2. Раҳимов Д. Ҷавлон-ҷавлон // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 661.
G070	ҶИГАР-ҶИГАР, *Бобо-бобо*	Писарону духтарон дар майдонча ба шакли нимдавра истода, дастони якдигарро медоранд. Дар пеши ин қатори бозигарон сармир меистад ва бо бачаҳо суолу ҷавоб мекунад: Ҷигар, ҷигар! Бачаҳо: Ҷони ҷигар. Сармир: Дилсӯхтаям! Бачаҳо: Биё, гузар. Сармир: Ба дарвозаи кӣ? Бачаҳо: Ба дарвозаи Суҳроб (ё номи ягон бозигари дигарро мегиранд). Сармир: Ба овози чӣ? Бачаҳо: Ба овози карнай (доира, дутор, ё ягон сози мусиқии дигар). Сармир дастҳоро ба даҳон карнайвор монда, садои карнайро тақлид карда, дигарон дастони ҳамдигарро дошта, занҷирвор аз таги дасти Суҳроб мегузаранд ва бозигари пеш аз	2016	Ашт, Хуҷанд, Водиҳои Ҳисор, Зарафшон,	Фаъол	1. Раҳимов Д., Ҷигар-ҷигар // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С.669-670. 2. Раҳимов, Д. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона бахше аз мероси фарҳанги ғайримоддӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи

		Суҳроб ҷойгирифта дастонаш дар пеши бараш баста мешавад. Ҳамин тариқ то ба охирин бозигар ҳама аз зери дастони шахсони номбаршуда мегузаранд.				тоҷик. Шумораи 1. – Д., – С. 8–22.
G071	ШАВКУРУК, *курособ, чашмбандак рубаҳгурез*	Дар вақти ҳавои сард бачаҳои деҳот дар оғилҳои кушод, ки нимторик буд, ҷамъ шуда, бозии шавкурукро ташкил мекарданд. Яке аз бозигаронро интихоб карда, чашмонашро бо рӯймолча мебастанд. Вай бояд ягон бозигари дигарро дар торикӣ дошта, сару рӯяшро дастдаст карда, кӣ будани ӯро бояд меёфт. Агар ӯ дуруст меёфт, чашмони ӯро кушода, чашмони бачаи дастгиршударо мебастанд. Ҳамин тавр бозӣ давом мекард.	2016	Кӯлоб, Рашт, Тоҷикобод, водии Ҳисор, Бадахшон	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 2. Раҳимов Д. Шавкурук // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 689.
G072	ШОХ, ШОХИ ГОВ	Ду сардор – мирҳо баъди қуръапартоӣ бо тоқӣ навбати бозиро муайян мекарданд. Мири навбатгирифта ба ёронаш, ки гирди ӯ ҷамъ омадаанд, рӯй меовард. Ёрон мепурсид: – Чанд қадар ғанак? – Ин қадар ғанак, - мир бо дастонаш шакли парандаеро тасвир менамуд. – Сари ҳарфаш чӣ? – боз мепурсиданд ёрон. – Сари ҳарфаш “Б”. – Булбул, - мегуфтанд ёрон. Агар номи парандаи пинҳонкардашуда, дар воқеъ, булбул бошад, ёрони мири дастаи дигар хеста мегурехтанд. Бозигарони дастаи якум онҳоро таъқиб карда, бо тоқиашон мезаданд.	2016	Истаравшан, Дарвоз	Нимфаъол	1. Амонов Р. Аз паи ҳикмати халқ. – Д., 1963. 2. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976. 3. Раҳимов Д. “Шох, шох гов” // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 730.

G073	ШОҲМОТ-БОЗӢ, *шатранҷбозӣ*	Навъи бозӣ ва варзиши зеҳнии мардуми тоҷик. Номи қадимии он шатранҷбозӣ аст. Онро дунафарӣ бозӣ мекунанд. Дар рӯйи тахта ҳар кадом бозигар 16-тогӣ муҳра дорад, ки тибқи қоидаҳои ин бозӣ онҳоро ба пеш ҳаракат медиҳад ва муҳраҳои ҳарифро зада, аз бозӣ хориҷ мекунад. Танҳо шоҳро задан мумкин нест, онро “мот” мекунанд. Номи муҳраҳо чунинанд: шоҳ, фарзин, фил, асп, рух, дон.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Турсунов Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Д., 1983. 2. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик. – Д., 2011.
G074	ЯКЛИНГА	Иштироккунандагон ба ду даста ҷудо мешуданд. Бозигарони дастаи якум аз як гӯшаи майдон ба тарафи дигари он якпоя ҷаҳида, роҳ тай менамуданд. Бозигарони дастаи ҳариф низ ба ҳамин тарз якпоя бачаҳои гурӯҳи якумро таъқиб мекарданд. Ба ҳар як даванда як нафар бозигари дастаи ҳариф вобаста шуда буд. Агар таъқибкунанда бо пой ба ягон ҷойи даванда расонад, навбати бозӣ ба дастаи дувум мегузашт. Дар охир ғолибон ба пушти бозигарони маглуб савор мешуданд ва онҳо ғолибонро дар гирди майдон чарх мезанониданд.	2016	Рашт, Тоҷикобод, Дарвоз	Нимфаъол	1. Нурджанов Н. Игры // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3. – Д., 1976.
G075	АСКАРБОЗӢ, *милтиқбозӣ, тарақ-тарақ, камонбозӣ*	Бачаҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуда, дар даст ба ҷойи силоҳ чӯбпораҳои кач ба мисли тапончаву туфанг мегиранд. Як гурӯҳ чашмонашонро мепӯшанд. Гурӯҳи дигар дар хонаву паси девор, болои дарахтон, пушти гулу буттаҳо, пастхамиҳо ва дигар ҷойҳо пинҳон мешаванд ва баробари ба ҷустуҷӯ баромадани гурӯҳи	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Р. Амонов Навбаҳори чашмасор.Д., 1976.

		чашмпӯшида, кӯшиш мекунанд, ки пештар аз ҳариф пақ-пақ гӯён, ба сӯйи онҳо «тир» андозанд.				
G076	РАБОТБОЗӢ, *хоначабозӣ, каппабозӣ*	Бозии муқаррарии бачагони тоҷик. Бачаҳо дар майдончаҳо аз хоку лой деворе месозанд ва аз як самти он дари даромад боз менамоянд. Байни онро тоза карда, об зада, мерӯбанд. Сипас ба даруни он «Ҳавлича» даромада менишастанд ва бо бозичаҳои гуногун машғули бозӣ мешуданд ё бозиҳои меҳмондорӣ, тӯйбозӣ, духтурбозӣ ва ғайраро ташкил мекарданд.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Аминов А. Работбозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Д., 2017. – Ҷ.2. – С. 228.
G077	«ЧУМЧУҚ Ё ЛАЙЛАК?»	Ин бозӣ дар лаби ҷӯй ва дарёчаҳо сурат мегирифт. Бачаҳо ду нафар дар лаби ҷӯй нишаста, яке аз онҳо ба кафи худ об мегирад ва аз дигарӣ мепурсад: «чумчуқ ё лайлак?». Ҳарифаш «лайлак» ё «чумчуқ» мегӯяд. Сипас бачаи аввалӣ обро ба ҳаво партофта бо кафаш мезанад. Агар қатра-қатра шуда, пош хӯрад, он гоҳ онро «чумчуқ» мегӯянд. Агар об ба пораҳои калон тақсим шавад, «лайлак» меноманд. Агар пешгӯии ҳарифаш рост ояд, навбати бозӣ ба ҳариф мегузарад.	2016	Водии Ҳисор	Нимфаъол	1. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик. – Д., 1973.
G078	ГУРБАБОЗӢ	Як навъ бозии анъанавии духтарон. Дар майдони кушод 7-12 нафар духтарон ҷамъ омада, ба таври нимдоира қатор меистанд. Як нафар нақши «гурба»-ро иҷро мекунад. «Гурба» дар рӯ ба рӯйи духтарон истода, бо онҳо муколама мекунад: Гурба: мияв-мияв. Духта-	2016	Деваштич	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Гурбабозӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик – Ҷ. 1, Душанбе, 2015. – С.

		рон: чи хел ранг? Гурба: сурх (ё номи ягон рангро мегӯяд). Дар ҳамин вақт гурба ба сӯйи духтарон медавад. Духтарон ба ҳар тараф мегурезанд, то ки ҳар чи зудтар ранги интихобкардаи гурбаро, ёфта ба он даст расонанд. Кадом духтаре, ки он рангро наёбад, ё ба он даст расонида натавонад, гурба ӯро дастгир мекунад. Шахси дастгиршуда дар навбати дигар «гурба» мешавад.				261.
G079	«КӢ ҶАЛЛОД?» «*Ким ҷаллод?», Подшобозӣ*	Бачаҳо чор адад хадраҳои рости алафи аҷирикро канда, онҳоро душоха, сешоха, чоршоха ва панҷшоха мекарданд. Алафи душоха – “дузд”, сешоха – “ҷаллод”, чоршоха – “вазир” ва панҷшоха – “подшоҳ” ном доштанд. Сардор алафҳоро ба дасташ вожгун медошт, то ки шохҳояшон натобаду танҳо думчаҳояшон намоён бошад. Сардор мепурсид: «Кӣ ҷаллод?» ва бачаҳо яктогӣ мегирифтанд. Касе, ки алафи панҷшохаро гирифта бошад, «подшоҳ», чоршоха – «вазир», сешоха –«ҷаллод» ва ба касе ки алафи душоха омад, «дузд» мешуд. Сипас вазир ба подшоҳ арз мекард, ки дуздеро дастгир кардам, чӣ ҷазо диҳам? Подшоҳ фармон медод, ки фалон ҷазо. Масалан, як шапалоқ зан, ё маро пуштат савор карда, то фалон ҷой бар. Баъзан фармонҳое ба мисли якто рақс кун, ё суруд хон, ҳам мегуфтанд. Баъди иҷрои фармон бозӣ боз аз нав оғоз мешуд	2016	Вилояти Суғд, водии Ҳисор	Фаъол	1. Раҳимов Д. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона бахше аз мероси фарҳанги ғайримоддӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик. Шумораи 1. – Д., – С. 8-22.
G080	ХАРГӮШАК-	Яке аз бозиҳоии бачагони хурдсол. Бачаҳо дар майдончае ҷамъ омада, яке нақши харгӯшро	2016	Вилояти	Нимфаъол	1. Раҳимов Д. Харгӯшбозӣ //

	БОЗӢ	бозӣ мекард. Ӯ дуто тоқиро тобида, бо рӯймолча ба сараш мебаст, ки он гӯшҳои харгӯш буданд. Бачаҳои дигар нақши сагро ичро мекарданд. Харгӯш дар паси дарахтон пинҳон мешуд ва сагҳо ӯро ҷустуҷӯ менамуданд. Харгӯш мегурехт ва сагҳо ӯро таъқиб мекарданд. Ҳар кадоме аз бачаҳо, ки харгӯшро дастгир мекард, дар навбати дигари бозӣ нақши харгӯшро мебозид.		Суғд		Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик – Ҷ. 2, Душанбе, 2017. –С. 520. 2. Пещерева Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и узбеков. –Т. XVII. М. – Л., 1957.
G081	ЧАНД ПИЁЛА?, *сангпартояк*	Яке аз бозиҳои бачагона, ки дар фасли тобистон бозида мешавад. Бачаҳо дар лаби ҳавз ё наҳре гирд омада, сангчаҳои гирду ҳамвори тангашаклро ҷамъ мекарданд. Яке аз дигаре мепурсид: «чанд пиёла об мехӯрӣ?». Ҳарифаш дар ҷавоб: «ду, се, ё чор пиёла» мегуфт. Сипас бачаи якум сангчаеро ба рӯйи оби ҳавз ё наҳр чунон мепартофт, ки он чанд маротиба дар сатҳи об расида, баланд мешуд. Агар санг аз гуфтаи шарикаш бештар ба об расад, яъне як ё ду “пиёла” зиёд шавад, ҳариф ҳамон қадар ҷуръа об менӯшид.	2016	Саросари кишвар	Фаъол	1. Раҳимов Д. “Чанд пиёла?” // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик – Ҷ. 2, Душанбе, 2017. – С. 598. 2. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик. – Д., 1973.
G082	ОФТОБ-МАҲТОБ, *сандуқча-қуттича*	Яке аз бозиҳои анъанавии бачагони минтақаи Кӯлоб. Шарҳи бозӣ чунин аст: ду нафар пушт ба пушт истода, дасташонро аз байни дастони ҳамдигар мегузаронанд. Сипас бонавбат яке хам шуда, дувумиро ба пушташ мебардорад, боз ҳоматро рост карда, дувумӣ якумиро ба пушташ мебардорад. Ҳамин тарз, ҳар бори ба пушт бардоштани рафиқ яке “офтоб” ва дигарӣ	2018	Кӯлоб	Нимфаъол	1.Раҳимов, Д. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона бахше аз мероси фарҳанги ғайримоддӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи

		“маҳтоб” мегӯянд. Ин бозӣ барои ба кор даровардани мушакҳо ва умуман, тандурустии бачагон манфиати калон дорад.				тоҷик. Шумораи 1. – Д., 2016. – С. 8–22.

MINISTRY OF CULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
Research Institute of Culture and Information

NATIONAL INVENTORY LIST OF INTANGIBLE CULTURAL HERITAGE

Under supervision of Sharif Komilzoda
Editor-in-Chief Dilshod Rahimi

Dushanbe: «Arzhang»
2018

INTRODUCTION

Republic of Tajikistan is one of the world's society members, which has rich traditional intangible cultural heritage. Independence of the Republic of Tajikistan created suitable conditions and possibilities for governmental and non-governmental scientific, cultural and educational organizations in identification, research and raising visibility of the national intangible cultural heritage. The Government of Tajikistan in close collaboration with NGOs, research institutions and communities takes active part in carrying out various activities intended for safeguarding of the intangible cultural heritage and contributes to their transmission, documentation, research, awareness rising, and popularization. In May 31, 2012 the project "State Program of Safeguarding Intangible Cultural Heritage in the territory of country for the period of 2013-2020" was signed by the Government of Tajikistan. In the frame of this State Program the National Inventory List of intangible cultural heritage was updated in 2014, 2016 and 2018.

In 2010, Tajikistan ratified the Convention for the Safeguarding of the Intangible Cultural Heritage. According to 12th Article of the Convention, each State Party shall draw up, in a manner geared to its own situation, one or more inventories of the intangible cultural heritage present in its territory. These inventories should be regularly updated.

First inventory list of Tajikistan was compiled in 2013, which consisted of 48 elements of intangible cultural heritage. In 2014, the researchers of the Research Institute of Culture and Information updated the previous list. There was decided that this inventory list should be regularly updated after each 2 years. Thus, in 2016, the National Inventory List of Intangible Cultural Heritage was updated again and it covered 515 ICH elements. In 2018 researchers updated the list again and there were some changes as well as in the structure and contents of the list. In the structure of the list was added a new column showing the year of inscription of the element to the National Inventory List of the Intangible Cultural Heritage. Some elements were removed from the list because they repeated each other with two names, or some of the elements not practiced now. Also new identified and inventoried fresh elements were included to the list.

The updated inventory list contains the following categories of intangible cultural heritage:

Chapter 1. Oral Tradition – A000 (29 elements).
Chapter 2. Performance Art – B000 (103 elements).
Chapter 3. Celebration and Rituals – C000 (47 elements).
Chapter 4. Customs and Social Practices – D000 (20 elements).
Chapter 5. Folk Crafts – E000 (105 elements).
Chapter 6. National Food – F000 (147 elements).
Chapter 7. Traditional sport and children games – G000 (82 elements).

Each page of the list has seven columns. In the first column is given the ordinal number of the element in its category, for example folktale indicated as "A001." The second column contains the popular term of the element and its local synonyms as well. In the third column shortly is described the element. Fourth column indicates the inscription year to the National Inventory List, fifth column shows the area of distribution of the element, in the next column indicated contemporary situation of the element and the last column contains information about published sources.

Updated Tajik National Inventory List of Intangible Cultural Heritage consists of 533 elements of ICH. It should be noted that in last 5-6 years researchers of the Research Institute of Culture and Information carried out several fieldworks for inventorying intangible cultural heritage of the country. With this purpose they visited many regions, districts and villages of the country and using gathered materials and inventory data the given National Inventory List was updated.

The chapters of the List were compiled by following researchers: "Oral Tradition" by D. Rahimi, "Performance Art" – N. Klicheva, A. Zubaydov, J. Obidpur, "Celebration and Rituals" – A. Aminov, Z. Kholmurodov, "Customs and Social Practices" – D. Rahimi, "Folk Crafts" – M. Murodov, Z. Kholmurodov, L. Nosirova, D. Rahimi, "National Food" – Sh. Berdieva, M. Niyozova, D. Rahimi, G. Karimova and "Traditional sport and children games" by D. Rahimi.

The list was discussed and proved at the meeting of scholars of the Research Institute of Culture and Information, in which participated representatives of the Academy of Sciences, cultural sphere, folk craftsmen and artists as well. In 29th of October, 2018 under № 4/12 the National Inventory List of Intangible Cultural Heritage was confirmed by Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

It should be noted that regardless to our efforts still some rural areas were untouched, and still some ICH elements are not inventoried. We hope in the next years, scholars and cultural officers together with community members will identify and register other fresh elements of the intangible cultural heritage.

CHAPTER 1. – ORAL TRADITION (A000)

Inventory number	**Name of element** (including local terms)	**Brief description**	**Data of approval**	**Geographical location**	**Contemporary situation of the element**	**Published sources**
A001	AFSĀNA *avsuna, qissa, shug*	Folktale, the epic folklore text. There are mainly three kinds of Tajik folktales: magic or fairy tales, folktales about animals or fables, and novelistic folktales.	2013	All over the country	Partly active	1. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. – Д., 1963. 2. Раҳмонӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ. – Д., 1999. 3. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
A002	ALLA, *lalayik*	Lullaby, cradle songs, which are created by mothers, grandmothers and other family members for babies.	2013	All over the country	Viable	1. Алла, ҷонам, аллаё / маҷмӯаи фолклорӣ / мураттибон Б. Шермуҳаммадиён, Д.Обидзода. – Д., 1993.
A003	ASHULA, *tarona*	A small folk poetry form consisted from 4 lines. Many *ashulas* are sung with melodies.	2014	Khujand, Konibodom	Partly active	1. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Д., 1968. 2. Асрорӣ В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Д., 1980.

A004	BAYT	Two-line small poetry form. Also it has popularity in written literature.	2014	Sughd region, Zarafshan valley, Hisar, Khat-lon	Viable	1. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷик. – Д., 1968. 2. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. – Д., 1990.
A005	BULBULIK	Three-line small poetry form. It is performed in the mountainous areas by women.	2014	Vakhan valley	Viable	1. Стеблин-Каменский И. М. Фольклор Вахана // Фолклор и этнография. – Л., 1970. 2. Пахалина Т.Н. Образцы ваханской народной поэзии // Проблемы восточного стихосложения. – М., 1973.
A006	GŪRGHULI, *Gurughli*	Traditional heroic epic poems. It is consisted of various poems and dedicated to the defense of native-land and heroic actions.	2013	Khatlon re-gion, Rasht valley	Need for urgent safeguarding	1. Гуругли. Таджикский народный эпос. Предисл. и перевод И. – С. Брагинского. – М., 1987. 2. Раҳимов Д. Чанд сухан оид ба ҳамосаи қаҳрамонии “Гӯрғулӣ” // Осор: маҷмӯаи илмии ПИТФИ / мураттиб Ш. Комилзода. – Д., 2016. – Ҷ. 3. – С.359-425.

A007	DARGILIK	A kind of folk poetry. It is consisted of two lines and is performed by women.	2014	Shughnan, Rushan	Viable	1. Даргилик / муратибон: Н. Шакармамадов, Х. Қурбонов. – Д., 1987. 2. Шакармамадов Н. Даргилик – жанри махсуси фолклор. – Д., 1993.
A008	RUBĀI, *dubayti*	Ruboi – distich – a poetry form that is consisted of four lines. *Rubois* are created about love, social problems and etc.	2013	All over the country	Viable	1. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷик. – Д., 1968. 2. Амонов Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ. – Д., 1987. 3. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
A009	DUĀ	Text of prayer, which has different kinds and forms. Prayers are spelled before the starting works, before going to a trip, after having meal and etc.	2014	All over the country	Viable	1. Раҳимов Д. Хусусиятҳои бадеии дуоҳои тоҷикӣ // Чинори пургул. – Д., 2008. 2. Раҳимӣ Д. Шугун ва боварҳои мардуми тоҷик. – Д., 2004. 3. Қаҳҳор Р. Дуо гунаи фолклорӣ аст // Мардумгиёх, 1995-1996, №1-2.
A010	YĀDDĀSHT, *khātira, naql*	Memoirs, folk stories, narrative. Personal stories.	2014	All over the country	Viable	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2. Раҳмонӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ. – Д.,

						1999.
A011	ZARBŌLMASAL, *matal, masal*	Proverb, a small folklore form.	2014	All over the country	Viable	1. Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок. – Д., 1967. 2. Асрорӣ В., Амонов Р., Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Д., 1980.
A012	QASAM, *savgand*	Oath, a kind of belief in sacred words.	2014	All over the country	Viable	1. Раҳимов Д. Қасам ва нафрин дар забони тоҷикӣ // Номаи Пажӯҳишгоҳ. 2005, №7. – С. 195-199. 2. Раҳимӣ Д. Шугун ва боварҳои мардуми тоҷик. – Д., 2004.
A013	QISSA, *rivāyat*	Folk legends about heroes and religious figures.	2014	All over the country	Viable	1. Раҳмонӣ Р., Қисса, қиссагӯӣ ва қиссахонӣ. – Хуҷанд, 2008. – С.193-212. 2. Шарифов Х., Қисса // ЭСТ. – Ҷ. 8. – С.303. 3. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009.
A014	LATIFA, *naqli Afandi, anikdot*	Anecdote, jokes, small epical form.	2013	All over the country	Viable	1. Маҳдиев С. Проблемаи жанри латифа. – Д., 1977. 2. Куллиёти фолклори тоҷик (Латифаҳо) //

						мураттибон Ҷ.Рабиев, Д.Обидов, И. Левин. – Д., 2007. – Ҷ. 2. 3. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. – Д., 1990.
A015	MAYDA, *maydo*	A kind of folksong performed during agricultural works.	2014	Khatlon region	Under danger of disappearance	1. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. – Д., 1963. 2.Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Д., 2007.
A016	MARSIYA, *nola, sugvori, navha*	Eulogy, a kind of folksongs performed in funeral rites.	2014	All over the country	Partly active	1. Умарова Ш. Нигоҳе ба сурудҳои таърихии тоҷикон // Масъалаҳои фолклори кишварҳои форсизабон – Д., 1998. – С.143-155.
A017	MASAL, *hikoyati tamsili*	A kind of folk story with metaphoric contents. Fable.	2014	All over the country	Partly active	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2. Сӯфиев А. Чистонҳои халқи тоҷик. – Д., 1972.
A018	MUAMMĀ, *mas'ala, chiston*	Riddle, puzzle, folk story-question.	2014	All over the country	Partly active	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2.Левин И.Г. Басни и сказки о животных (Введение) // Свод Тад- жикского фольклора. Том 1. – Д.,

						2007. – С. 9-75.
A019	PAND, *nasihat, andarz*	Exhortation, ethical texts,	2014	All over the country	Viable	1. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Д., 2009. 2. Раҳмонӣ Р. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик. – Д., 2008.
A020	RIVĀYAT, *naql*	Short folk legend, a kind of narrative.	2014	All over the country	Viable	1. Обидов Д. Андешаҳо перомуни ривоятҳои тоҷикӣ // Фолклор, адабиёт, забон. – Д., 2004. 2. Раҳимов Д. Ривоят ҳамчун жанри насри шифоҳӣ // Чинори пургул. – Д., 2008.
